**Абулҳасан Алӣ Ҳасани Надвӣ**

# Ду тасвири мутазод аз
# ТАЛОШҲОИ ДАЪВАТӢ ВА ТАРБИЯТИИ РАСУЛИ АКРАМ (С)
# назди аҳли суннат ва шиъаи имомия

**Душанбе 2007**

**ИН КИТОБ АЗ САЙТИ КИТОБХОНАИ «АҚИДА» ДОНЛӮД ШУДААСТ.**

**www.aqeedeh.com/ta/**

АДРЕСИ ИМАЙЛ**: book@aqeedeh.com**

**САЙТҲОИ МУФИД**

www.aqeedeh.com
www.islamtxt.com
www.shabnam.cc
www.kalemeh.tv
www.islamtape.com
www.blestfamily.com
www.islamworldnews.com
www.islamage.com
www.islamwebpedia.com
www.islampp.com
www.zekr.tv
www. mowahedin.com
www.sadaislam.com
www.islamhouse.com
www.bidary.net
www.tabesh.net
www.farsi.sunnionline.us
www.sunni-news.net
www.mohtadeen.com
www.ijtehadat.com
www. nourtv.net
www.videofarsi.com

*Номи китоб:* **Ду тасвири мутазод аз  талошҳои даъватӣ ва тарбиятии Расули акрам (с) назди аҳли суннат ва шиъаи имомия**

*Таълиф:* **Устод Абулҳасан Алӣ Ҳасани Надавӣ**

*Аз арабӣ*
*Тарҷумаи:* **Абдуллоҳ Ҳошимӣ**

*Замон ва*
*макони чоп:* **Душанбе, 2007**

## ПЕШГУФТОРИ НОШИР

Китобе ки дар даст доред, ба қалами мутафаккири бузург ва донишманди шаҳири ҷаҳони Ислом Абулҳасан Алӣ Ҳасан Надвӣ тааллуқ дорад. Муаллиф аз сарзамини Ҳинд мебошад ва зиёда аз 100 китоб ва рисолаҳои илмӣ, таърихӣ ва таҳқиқотӣ дар мавзӯъҳои динӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба хонандагон тақдим намудааст.

Мавсуф узви доимӣ ва ифтихории даҳҳо анҷуманҳои фарҳангӣ ва фарҳангистонҳои пажӯҳишии ҷаҳони Ислом буда, китобҳои ӯ ба забонҳои инглисӣ, фаронсавӣ, арабӣ ва русӣ тарҷума шуда дастраси хонандагони Урупо ва Амрико гардидаанд.

Китобе, ки алҳол дасти шумост маҳсули таҳқиқоти илмӣ ва як пажӯҳиши донишмандонаи муаллиф аст, ки бар асоси таҷрибаҳои илмӣ ва амалии ӯ нигошта шудааст. Ӯ дар ин китоб як муаммои ҳазорсолаи таърихро дар иртибот ба таърихи Ислом ва Паёмбар (с) ва асҳоби ӯ ва чигунагии шинохту баррасии онҳо, ҳамчунин диду таҳлили нодурусти баъзе мусалмонони шиъамазҳабро возеҳу ошкор намудааст.

Мо дигар чизе бар ин калимот илова карданӣ нестем, чунки хонандаи гиромӣ баъди хондану таҳлил намудан худаш қазовату доварии мунсифона хоҳад кард ва ба таҳрифкуниҳои таърих аз ҷониби баъзе гурӯҳҳо пай хоҳад бурд.

**Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим**

## СУХАНЕ РОҶЕЪ БА ИН КИТОБ

*Алҳамду лиллоҳи ваҳдаҳу, вассалоту вассалому ъало ман ло набия баъдаҳу.*

Китобе, ки пеши рӯи хонандагон қарор дорад, муҷодалаи каломӣ ва ақидатӣ ё мунозараи динӣ нест, ки як мазҳаби диниро исбот намояд ё аз як мактаби фикрии мушахассе тарафдорӣ кунад ва ё боварҳо ва ақоиди гурӯҳ ва фирқаеро тардид намуда, онро ботил қарор диҳад ва касе ки ин китобро бо ин дидгоҳ мехонад, чизе ба даст нахоҳад овард. Дар ин мавзӯъ ба забонҳои гуногуни муслимин ба вижаи арабӣ ва форсӣ ва урду китобхонаи густурда ва бузурге ҳаст, ки баррасии он ба осонӣ имконпазир нест, гузашта аз ин ки ба таври комил хонда шаванд.

Ин китоби кӯчак тасвирест аз таъсири таълимоти ислом ва натиҷаи талошҳои тарбиятӣ ва даъватие, ки Паёмбар (с) дар нахустин даврон ва асри намуна дар таърихи ислом, ки асри Паёмбар (с) ва саҳоба аст, анҷом додааст. Ва вижагӣ ва имтиёзи Паёмбар (с)-ро аз дигар даъватгарон ва муслиҳон ва мураббиён, ки нақши ислоҳӣ ва тарбиятӣ дар майдонҳои худ дар асрҳои мухталифе бозӣ кардаанд ва ба муваффақияти маҳдуде даст ёфтаанд, ки ҳамвора аз он ёд ва қадрдонӣ мешавад, баён карда аст.

Ин китоб дар партави таърихи мӯътабар ва мустанад вазъи аввалин ҷомеъаи исломиро, ки ниҳоли даъвати Паёмбар (с) ва тарбияи ӯ маҳсуб мегардад, баррасӣ менамояд ва низоми илоҳиро барои нигоҳдории китобе, ки Паёмбари Худо (с) овардааст, ки охирин китоби Худо ва ойини ҷовидони зиндагӣ мебошад,

рӯшан намуда баён медорад ва дар ин китоб мухлисона кӯшиш шуда, то фарқи асоси миёни мавқеъе, ки муассисони ҳукумат ва даъватгарони ба ин қилоб дар муқобили хонаводаҳояшон мегиранд ва рафтор ва мавқеъи Паёмбар (с) бо хешовандон ва хонаводааш возеҳу равшан шавад.

Дар зимни ин ки ахлоқ ва одатҳое, ки аҳли байт ва хонаводаи Паёмбар (с) ба он ороста будаанд, ки онҳоро аз хонаводаи бузургон ва раҳбарони миллатҳо ва подшоҳон ҷудо менамояд, баён шудааст.

Ва низ ба ин ақида, ки Паёмбар (с) яке аст ва охирин Паёмбар (с) аст ки уммат бар ин ақида иттифоқи назар доранд ва имон доранд, ки аз зуҳури Ислом то фарорасии қиёмат бояд фақат аз ӯ пайравӣ шавад, ишора шудааст.

Ва дар муқобили эътиқоду боварӣ, ки шиъаи имомия дар мавриди талошҳои даъватӣ ва тарбиятии Паёмбар (с) ва дар мавриди насли намуна, ки намунаи ҷовидон таълимоти Ислом буда ва ҳамеша мебошад ва меъёри муваффақияти касе аст, ки ба таълимоти Ислом даъват кардаву бо он мабъус шуда доранд, комилан бо ақоиди аҳли суннат зид аст ва шиъа ин назари манфӣ ва сиёҳро бар асоси он чи имомони шиъа ва уламои бузургашон, ки назди ин фирқа мавриди эътимод ҳастанд, навиштаанд ва тибқи он чӣ дар китобҳо ва таснифоти мӯътабари инҳо аз замони поягузори нахустини он гирифта то замони Хумайнӣ омада шиъори гурӯҳ ва фирқаи худ қарор додаанд.

Ҳамчунон ки ҳама ақида ва дидгоҳҳое, ки мо ба аҳли суннат нисбат додаем, ба тариқи тавотур ва иҷмоъ аз онҳо собит аст ва ҳақиқати илмӣ ва таърихие, ки аз таърихи Ислом ва даврони асҳоб ва зиндагии Паёмбар (с) баён намудаем бо санади он китобҳои таърихи мухолиф ва гувоҳии мусалмонҳо ва ғайри мусалмонҳои

мунсиф ва муҳаққиқ мебошад, интихоби тасвиру таъбире, ки шоистаи Паёмбаре аст, ки бузургтарин роҳнамову мураббӣ ва муслиҳ дар таърихи инсоният аст ва ба тасриҳи Қуръон ва шаҳодати таърих муваффақтарин Паёмбар мебошадро ба фитрати солим ва виҷдони дуруст ва ақли ом вогузор мекунем, то тасвир ва таъбиреро интихоб намояд, ки шоистаи ин Паёмбар бошад ва бадеҳӣ аст, ки вижагиҳои махсус ба фарде, ки Паёмбар (с) аз миёни Паёмбарони гузашта аз даъватгарону ислоҳгарон доро будаанд ва таърихнигорони мусалмон ва ғайри мусалмон ба ин гувоҳӣ медиҳанд чунин тақозо менамояд, ки интихобе шавад, ки лоиқу сазовори ӯ бошад.

Ва баъд аз ин, суоли мо ин аст оё тасвире, ки шиъаи имомия барои талошҳои Паёмбар (с) ва аз насли намунаи нахустин нишон медиҳанд ва бар он исрор меварзанду иттифоқи назар доранд бо дине, ки паёмаш ба инсоният ҳидоят, саъодат, ишқ ва фидокориву аз худ гузаштагӣ аст мувофиқат дорад?

Дине, ки тағйири куллиеро дар рафтори инсон ва ахлоқаш агар ба ин омӯзаҳо чанг бизанад дар ҳар замоне кафолат медиҳад ва ҳамин дин буд, ки инсониятро аз суқут дар вартаи ҳайвоният наҷот дод ва ба фарози инсоният расонид.

Ин китоб дар асл ба забони урду навишта шудааст ва устод Сайид Аъзами Надвӣ, сармуҳаррири маҷаллаи «Албаъсу-л-Исломӣ» онро ба арабӣ баргардонид ва муаллиф матолиби арзишманде бо қалами худ ба он афзуд ва муаллиф аз мутарҷим сипосгузор аст.

*Абулҳасан Алии Ҳасани Надвӣ Маҷмаъаи исломи илмии Лакнави Ҳинд 19-9-1409ҳ.қ.*

## ЧАҲОР ШАРТ БАРОИ ДИНИ ҶОВИДОНӢ ВА ҶАҲОНИИ ИСЛОМ:

*1. Нишон додани инсони нав ва падид овардани насли зебо дар зиндагии худи Паёмбар.*

*2. Фарқи Паёмбари ин дин бо ҳокимони сиёсӣ ва ҷангҷӯёни кишваркушо.*

*3. Ҳифозати Худованд аз китоби ин дин.*

*4. Паёмбар худаш бояд меҳвари ҳидоят ва роҳбарӣ бошад.*

# МУҚАДДИМА

Чаҳор шарт барои дини ҷаҳонӣ ва ҳамешагӣ, ки парчами islоҳи инсоният ва инқилоби ҷаҳониро ба дӯш дорад.

Доварии ақли солим ва баррасии фитрати инсонӣ ва мутолиаи амиқу густурдаи вазъияти равонии миллатҳо ва афрод ва таърихи таҳлилии адён ва ҳамчунин баррасии бепардаву озоди, талошҳои таърихи инсонӣ ва ҳаракатҳои инқилобиву ислоҳӣ ва натиҷаҳои онки саҳифаҳои таърих онро сабт кардааст, ҳамаи инҳо ин ҳақиқатро собит месозанд, ки чунин дине бояд дорои чаҳор хусусият бошад. Дине, ки тамоми инсониятро хитоб намуда ба пойбандӣ ба ақидаи солим, амали солиҳа, ахлоқи дуруст ва ислоҳоти фарогир ва дигаргунии куллӣ фаро мехонад ва идаъо менамояд, ки ҷомеъаи инсонӣ бар асоси имон ва тақво сомон ёбад ва тамаддуни паёмбарона ва тозае сохта шавад. Ба рости ончи ба ҳамаи ин ғояҳо фаро мехонад охирин дини Худо аст, ки комил шудааст ва охирин Паёмбари ӣлоҳӣ аст, ки то қиёмат хоҳад буд ва метавонад вазифаи таълим, тарбият, даъвату иршодро дар ҳар замон ва маконе бо вуҷуди гуногунии муҳитҳо ва табақаҳо анҷом диҳад?

## *Шарти аввал*

***А. Арз ва эҷоди инсони ҷадид ва бидуни такя бар роҳҳои маъруфи ҳоким бар ҷомеъа ва василаҳои маълуму машҳур:*** Ончи табиъати рисолатҳои осмонӣ ва баррасии

таърихи оварандагони он тақозо менамояд ин аст, ки мӯъҷиза сохтани инсон таҳаққуқ ёбад ва даъвати паёмбарон ва ҳамроҳии эшон чунон таъсире дошта бошад ва чунон табиъати чизҳоро дигаргун намояд, ки дар муқобили он касе аз афсонаи кимиё сухан бигӯяд ба ҷаҳолати ӯ нисбат ба ҳақоиқи таърихи далолат намояд ва чунин муқоисае тавҳин ба нубувват ва анбиё аст. Ва низ бояд ин натиҷаи хориқулъода бидуни такя бар равишҳо ва васоили тарбиятӣ ва таблиғотӣ, ки ҳокимон ва фарҳангиён ва муаллимони ахлоқ ва роҳбарони сиёсӣ аз он истифода менамоянд ва бидуни роҳҳое, ки муассисаҳои тарбиятии ҳукуматӣ аз онҳо кор мегиранд, монанди амалиёти тадвини улум ва фунун ва таълифи китобҳои муассир ва суханрониҳои ҷаззоб ва таъсиси мадориси зиёд ва истифода аз адабиёту шеър ва муҷассам кардани ҳақиқатҳо ва мафоҳим барои коштани андеша ва талош барои ин ки мардум онро дӯст бидоранд ва дар вуҷудашон реша бидавонад ва додани ҷоизаҳо, мансабҳо, шуғлҳои боло ва дигар васоили муассир ва равишҳои донишмандона. Сипас муқоиса кардан байни тарбияти ин Паёмбар (с), ки бесаводи маҳз ва аз тамоми васоили дониш дур буд, ба иловаи танҳо буданаш дар миёни мушкилоту монеаҳо ва низ надоштани васоилу асбоб, ки ағлаб касоне ки машғули таълиму тарбияи миллатҳояшон ҳастанд, бо чунин мушкилоте озмуда намешаванд. Муқоиса миёни тарбияти чунин паёмбар ва байни тарбияи муаллимон ва роҳбарони оддӣ ба ошкоро далолат менамояд, ки навъи ҳарду таъсир ва ҳар ду инқилоб бисёр аз якдигар фарқ доранд ва манбаъи ҳар як ҷудо аст. Таҳаввул ва дигаргуние, ки дар ақоид, гироишҳо ва сирату ахлоқ бар асари таълимоти Паёмбар (с) ва дар оғӯши ӯ пайдо мешавад аз иноятӣ илоҳӣ ва таъйиди ғайбии ӯ сарчашма мегирад ва аз он ҷуз калимаи

«Нури нубувват» ва баракатҳои ҳамроҳӣ, бо калимаи дигар наметавон таъбир кард.

Касоне, ки саъодати тарбияи Паёмбар (с) ва ҳамроҳӣ бо ӯ насиби онон шудааст, зиндагияшон бо иртиботи маҳкам бо Худо, ихлос ва убудият, тавозӯъ, фидокорӣ ва шикастанафсӣ-завқи ибодат ва муҳосибаи дақиқу амонатдоронаи нафс ва истиқомату пойдорӣ ба дин ороста шудааст ва ин қуллаи имониву ахлоқӣ аст, ки афроди ба дасти донишмандон ва файласуфон, мураббиёни моҳир ва муаллимони ахлоқ тарбия шаванда, ҳар гиз ба он намерасанд. Қуръони карим ин тарбияи паёмбарона ва таъсири инқилобӣ ва куллиеро, ки ба дасти Паёмбар анҷом меёбад, чунин ба тасвир мекашад, ки дар сураи Ҷумъа омадааст:

﴿هُوَ ٱلَّذِى بَعَثَ فِى ٱلْأُمِّيِّـۧنَ رَسُولًا مِّنْهُمْ يَتْلُوا۟ عَلَيْهِمْ ءَايَـٰتِهِۦ وَيُزَكِّيهِمْ وَيُعَلِّمُهُمُ ٱلْكِتَـٰبَ وَٱلْحِكْمَةَ وَإِن كَانُوا۟ مِن قَبْلُ لَفِى ضَلَـٰلٍ مُّبِينٍ﴾

**«Худо Зоте, аст ки аз миёни бесаводон Пайғамбареро барангехтааст ва ба сӯи эшон фиристад, то оёти Худоро бар эшон бихонад ва ононро пок бигардонад. Ӯ ба эшон китоб (Қуръон) ва шариъатро меомӯзад, онон пеш аз он воқеъан дар гумроҳии ошкор буданд».** *(Сураи Ҷумъа: 2).*

Ва Худованди мутаъол мефармояд: **Аммо Худованд имонро дар назаратон гиромӣ доштааст ва онро дар дилҳоятон оростааст ва куфр ва нофармонӣ ва гуноҳро дар назаратон зишт ва нописанд нишон додаст».**

*(Сураи Ҳуҷурот: 7)*

﴿وَلَـٰكِنَّ ٱللَّهَ حَبَّبَ إِلَيْكُمُ ٱلْإِيمَـٰنَ وَزَيَّنَهُۥ فِى قُلُوبِكُمْ وَكَرَّهَ إِلَيْكُمُ ٱلْكُفْرَ وَٱلْفُسُوقَ وَٱلْعِصْيَانَ﴾

ва низ мегӯяд:

﴿فَأَنزَلَ ٱللَّهُ سَكِينَتَهُۥ عَلَىٰ رَسُولِهِۦ وَعَلَى ٱلْمُؤْمِنِينَ وَأَلْزَمَهُمْ كَلِمَةَ ٱلتَّقْوَىٰ وَكَانُوٓا۟ أَحَقَّ بِهَا وَأَهْلَهَا﴾

**Худо итминони хотир бахри Пайғамбараш ва бахри мӯъминон дод, ҳамчунин Худо эшонро бар рӯҳи имон мондгортар кард, ки сазовортар барои рӯҳи имон ва барозандаи он буданд.** *(Сураи Фатҳ: 26).*

Ҳамчунин мегӯяд: **Муҳаммад фиристодаи Худост ва касоне, ки бо ӯ ҳастанд дар баробари кофирон тунд ва сарсахт ва нисбат ба якдигар меҳрубон ва дилсӯзанд, эшонро дар ҳоли рукӯъ ва суҷуд мебинӣ, онон ҳамвора фазли Худоро меҷӯянд ва ризои Ӯро металабанд ва нишонаи эшон бар асари саҷда дар пешониҳояшон намоён аст. Ин тавсифи онон дар Таврот аст ва аммо тавсифи эшон дар Инҷил чунин аст, ки ҳаммонанди киштзоре ҳастанд, ки ҷавонаҳои худро берун зада ва онҳоро нерӯ дода ва сахт бар соқаҳои хеш рост истода бошад ба гунае, ки деҳқононро ба шигифт меоварад то кофиронро ба сабаби онон хашмгин кунад, Худованд ба касоне аз эшон ки имон биёваранд ва корҳои шоиста бикунанд, омурзиш ва подоши бузургеро ваъда медиҳад.** *(Сураи Фатҳ: 29).*

***Б. Даъват бояд дар ҳаёти худи Паёмбар натиҷа бидиҳад ва насли нав тақдим шавад, ки монанди наслҳои гузашта нест ва ақибнишинӣ ва баргаштанро намепазирад***:

Зуҳури мӯъҷизаи таъсир ва ҳидоят дар зиндагии Паёмбар (с) ва падид омадани дигаргунӣ дар ахлоқ, эътиқоду бовариҳо ва зоҳир шудани намунаҳои инсонӣ аз зеботарин намунаҳое, ки таърих дар худ дидааст роҳро барои Ислом боз менамояд ва ба фазли он ва таъсираш миллатҳо ва кишварҳое дар оғӯши Ислом анбошта мегардад ва ҷомиъаи комилу зинда, ки аз ҳар ҷиҳат ҷомиъаи намуна шумурда мешавад шакл мегирад ва

инҳо бояд дар даврони ҳаёти Паёмбар (с) ва пас аз маргаш таҳаққуқ ёбад, зеро дине, ки наметавонад дар баробари ҷаҳон теъдоди афроди барҷаста аз намунаҳои амали муваффақу созанда ва ҷомеъаи намуна дар айёми даъватгар ва паёмвари нахустини он тақдим намояд, муваффақ шумурда намешавад. Чунон чи дарахте, ки дар айёми ҷавонӣ дар баҳори умраш меваҳои расида ва ширини худашро надиҳад ва гулҳои атрогину зебои он шукуфа накунад, дарахти мевадиҳанда ва солим шумурда намешавад.

Даъватгарони ин даъват ва дин ва намояндагони он ки баъд аз гузашти замони тулонӣ падид омада чигуна метавонанд насли муосир ва ҷаҳони кунуниро ба имон ва амал ва дохил шудан ба ислом ба таври комил ва ба тағйири комил дар ҳаёт фаро бихонанд. Дар ҳоле – тибқи мазҳаби шиъа ва гуфтаҳояшон – онҳо наметавонанд барои кӯшишҳое, ки дар аҳди аввал ва дар фаҷри таърихи Ислом дар роҳи тақдимнамудани уммати ҷадид ва падид овардани насли намунае, ки содиқона таълимоти Паёмбарро ба намоиш мегузорад ва далиле бар таъсиру муваффақияти даъват ва таълимоти ӯст, натиҷаҳои зиндаву ҳайратоваре, ки мавриди қабули муаррихин бошад нишон диҳанд.

## *Шарти дуввум*

***Фарқияти Паёмбар (с) аз муассисони ҳукуматҳо ва роҳбарони сиёсӣ дар таъсис кардани ҳукумати меросӣ ва ташакули он:***

Фарқи Паёмбар бо муассисини ҳукуматҳо ва роҳбарони моддӣ ҳамчунин аз бадеҳиёти лозим аст, ки ин даъватгари аввал ва фарде, ки аз ҷониби Худо фиристода шуда ва ҳомии паёми ӯст бояд бо муассисони ҳукуматҳо ва фотиҳону ҷангҷӯён ва роҳбарони сиёсиву модӣ дар табиъат, алоқаҳо, рафтору амал ва ҳадафҳояш

ошкоро фарқ дошта бошад ва миёни Паёмбар ва ин табақа зиддият вуҷуд дошта бошад. Меҳвари талошҳое, ки муассисони ҳукуматҳо ва кишваркушоён ва роҳбарони ҷаҳон, ки чашми тамаъ ба манофиъ дӯхтаанд ва бузургтарин ҳадафашон – ё натиҷаи қатъӣ ва табии он ба камтарин тахмин таъсиси ҳукуматест, ки пас аз онҳо фарзандонашон вориси он шаванд:

Ин падидаи табиъӣ ва ҳақиқати таърихӣ аст, ки дар гузашти қарнҳо ва наслҳо вуҷуд доштааст ва таърихи шукуфоии хонаводаҳои Румӣ ва Бизонти ва Сосонӣ ва Каёнӣ ва ду хонадони (Сурбинсӣ) ва (Чандарбинсӣ) ба он гувоҳӣ медиҳад.

Аммо агар таъсиси давлати қабилаӣ ё ҷаҳонӣ ба сабаби ғайри маъмул таҳаққуқ намеёфт камтарин чизе, ки ин муассисони ҳукумат ва фотиҳону ҷанговарон ва роҳбарони сиёсӣ касоне, ки дар ҳаракатҳое, ки анҷом дода буданд муваффақ мешуданд ба даст меоварданд, ин буд ки соҳиби иззату сарвати фаровон ва асбоби хушгузаронӣ бигарданд, онон дар миёни ноз ва неъмат ғалт мезаданд ва дар миёни анбӯҳи тиллову нуқра зиндагӣ ба сар мебурданд ва монанди шере буданд дар ҷангал, ки барои худаш шикор пора мекунад ва аз боқимондаи шикораш садҳо ҳайвони ваҳшӣ сер мешавад. Ҳикояти хушгузаронӣ ва нозу неъмате, ки хонаводаи салтанатӣ дар Рум ва давлати киёнӣ дар он ба сар мебурданд монанди афсонаҳои хаёлӣ ва достонҳои ҷинӣ мемонад ва агар таърих ба он гувоҳӣ намедод ақл онро тасдиқ намекард[1]. Ва хушгузаронии онҳоро метавон аз шукӯҳи дабдабаи дарбори Кисро ва тафсилоти

---

[1] Мурочиъа кунед ба китоби «Ирон дар аҳди Сосониён», асари профессори данягӣ Ортур Кристинсин боби нуҳум. Ва «Таърихи Ироқ» таълифи Шоҳин Макорюс (саҳ 90).

ваҳшатноке, ки муаррихон аз «Фарши Баҳор»[1]. Ва хонадони салтанатии Рум, Форс, Ҳинд ва шеваи зиндагии пайравонашон ва айшу ишрати беандозаи онҳо сухан мегӯянд қиёсу андоза кард.

Баръакс, ин Паёмбаре, ки аз ҷониби Худованд фиристода шуда хонадони салтанатиро таъсис намекунад ва фурсатҳову имконияти хушгузаронӣ, ки то муддати дарозе идома меёбад барои хонаводааш фароҳам наменамояд ва барои таъмини манофиъи онҳо намекӯшад то ба василаи ӯ битавонанд дар рафоҳу осоиш ва дур аз ранҷҳову хастагиҳои зиндагӣ бар хилофи дигар табақаҳои миллат зиндагӣ намояд, балки баракс афроди хонаводааш – дар даврони зиндагии ӯ ва пас аз маргаш бо зуҳд, қаноъат ва аз худ гузаштагӣ ва ҷафокашӣ зиндагӣ ба сар мебаранд ва аз бисёр асбоби рафоҳу осоиш маҳруманд ва дар зиндагӣ бар талошҳову даромадҳои шахсии худ такя менамоянд, бидуни ин ки ба ҳисоби дигарон дар рафоҳу осоиш ва айшу ишрат зиндагӣ кунанд. Монанди хонаводаҳои бараҳманҳо ва аклирус (мардони мазҳаби масеҳиён) ва ҳар ҷинси муқаддаси дигаре, ки ба ҳисобу талоши дигарон дар рафоҳу маишат ба сар мебаранд.[2]

## ***Шарти саввум***

***Саҳифаи осмонӣ ки бар Паёмбар нозил мешавад бояд маҳфуз бошад ва дар сатҳи фаҳми умум бошаду дар дастраси тамоми тӯдаҳо қарор гирад:***

Аммо шарти саввум ин аст, ки Худованд ҳифозату нигоҳдории ин саҳифаи осмониро ки бар Паёмбар нозил

---

[1] Фарше буд, ки дар рӯзҳои поиз паҳн мешавад ва маҷолиси шароб ва мусиқӣ барои зинда кардани хотироти Баҳор бар он доир мешуд.
[2]Тафсили он дар саҳифаҳои оянда хоҳад омад.

шуда ба ӯҳда бигирад, китобе ки асоси дин, манбаъи даъват ва таълимоти Паёмбар аст ва бузургтарин васила барои иртиботи мардум бо ӯ ва маҳкам шудани робитаи онҳо бо ӯст ва сабаби қавӣ барои ба вуҷуд овардани рӯҳи воқеъӣ дар вуҷуди пайравонаш мебошад ва баёнгари ақоид – ба хусус ақидаи тавҳид, то рӯзи қиёмат муҳофизу нигаҳбони ӯ бошад. Ва ин китоб бояд барои ҳидояти тамоми инсоният буда интишори он дар ҷаҳон ва дар тавони фаҳми мардум қарор додани онро Худованд ба ӯҳда гирифта бошад. Худованд фазову муҳити муносибро барои хондан ва тиловати зиёд ва ҳифзу ба хотир оварданашро ба сурати беназирӣ омода карда бошад. Зеро охирин китоби Худо ва киштии наҷот барои инсоният аст ва бояд ин китоб аз ҳар навъ дастбурди инсонӣ ва аз ҳар тағйир ва ҳазфу изофа кардан ва аз ҳар шоибаи таҳриф ба дур бошад, чунки бидуни ин наметавон мардумро ба имон овардан ба ин китоб фаро хонд ва наметавон онро ба унвони гувоҳ ба ҷаҳониён нишон дод, ҳамон тавр ки истифода кардану баҳраманд шудан аз он имконпазир нахоҳад буд.

Таърихи китобҳое ки дар замонҳои қадим ва даврони ҷадид зуҳур карданд (Таврот ва Инҷил) ва саҳифаҳои осмонӣ баён медорад, ки чигуна ин китобҳо ва саҳифаҳои осмонӣ ба дастбурдҳои душманони дин ва ҳамлаҳои муҳоҷимони ситамгар мувоҷеҳ шудаанд ва чи гуна дар маърази таҳрифҳои лафзӣ ва маънавӣ, ки пешвоёни дунёпараст ва Худонотарси мазҳабӣ анҷом медоданд қарор гирифтаанд ва майдони васеъ барои аҳдофи беарзиш ва ғафлатнамоии башарӣ шуда буд ва фарқи китобҳову саҳифаҳои осмонӣ бо Қуръон дар ин аст, ки ҳифозати китобҳои мазкур бар ӯҳдаи пайравон ва ҳомилони он гузошта шудааст.

**«Ба он чӣ ҳофизи он гардонида шудаанд, аз китоби Худо ва бар он гувоҳ буданд».**

*(Сураи Моида 44).*

Аммо ҳифозату нигоҳбонии Қуръонро Худованд худаш ба ӯҳда гирифта фармуд:

﴿إِنَّا نَحْنُ نَزَّلْنَا ٱلذِّكْرَ وَإِنَّا لَهُۥ لَحَـٰفِظُونَ﴾

**Ҳароина фурӯ фиристодем Қуръонро ва ҳароина мо онро нигаҳбонем.**

(*Сураи Ҳиҷр 5*).

## *Шарти чаҳорум*

***Паёмбар бояд худаш меҳвари ҳидоят, қонунгузор ва мавриди итоъат бошад:***

Шарти чаҳорум ин аст, ки Паёмбар худаш маркази ҳидоят ва сарчашмаи роҳбарӣ ва меҳвари дилбастагии уммат бошад ва ҳама ба фармони ӯ гардан ниҳанд ва уммати Ислом бояд бар ин ақидаву бовар бошанд, ки ӯ охирин Паёмбар ва рушанкунандаи роҳ ва пешвои ҳама аст ва ба ҳеҷ кас баъд аз ӯ иҷоза надиҳанд ки иддаъои мушоракат бо ӯ дар нубувват ва қонунгузории мутлақро бинамояд ва ба исмати ҳеҷ каси дигар ғайр аз ӯ муътақид набошанд ва фақат ӯро маҳали фуруд омадани ваҳй бидонанд. Ваҳдати ин уммат ва ҷамъ шудани он ва дур шудани он аз ҳампошидагии ақидатӣ ва амалӣ ва боқӣ мондан нерӯи дарунӣ ва қуввати имониаш ҳамаи инҳо то ҳади зиёде ба ақидаи «Хатми нубувват»[1] муртабит аст ва

[1] Нигоҳ кунед ба китоби «Ан-Нубуввату ва-л-анбиё фи зӯвъи-л-Қуръон», сах, 221-261.

ақидаи мушоракат дар нубувват бо ақидаи «Хатми нубувват»[1] зиддият дорад.

### *Шарти аввал*

## Падид овардани инсон ҷадид ва изҳори насли шигифтангез дар ҳаёти худи Паёмбар (с)

### БУЗУРГТАРИН ШОҲКОРИИ ПАЁМБАР БАРОИ ИСЛОҲ, ТАРБИЯТ ВА ДИГАРГУНСОЗИИ МОҲИЯТ

Дар робита бо шарти аввал бояд гуфт ки воқиъият ин аст ки ҳар нубувват дар даврони худаш инсониятро сохтори ҷадид бахшида ва онро ба беҳтарин сурат тарбият намудааст ва афроде омода карда, ки ба ин ҷаҳон ҳаёти тоза бахшидаанд ва зиндагиро, ки бар асари кӯтоҳбинӣ ва каҷандешӣ ва ҷаҳолати инсон бемаънӣ шуда, маънӣ додаанд. Аммо бузургтарин ифтихоре, ки бар симои ҳаёти инсоният медурахшад ифтихори бузурге аст, ки Муҳаммад (с) офарид ва таърих бо ҳама тафссилот ифтихору шоҳкории Паёмбарро сабт намудааст, ки ҳаммонанде барои он дар дигар паёмбарон ёфта намешавад.

Тавфиқе, ки Худованд ба Муҳаммад (с) дар заминаи тарбият ва сохтани инсон арзонӣ намуда, ӯро болотар аз ҳама Паёмбарон кардааст чӣ расад ба муаллимон ва мураббиён. Муҳите, ки Паёмбар (с) корашро барои сохтани инсоният аз он оғоз кард ҳеҷ паёмбар ё муслиҳ ё мураббӣ дар чунон фазое корашро оғоз накардааст,

---

[1] Ақидаи имомат ва таърифи имом ва вижагиҳои он назди фирқаи имомияи исноъашария бо ақидаи хатми нубувват мутазод аст ва бо мушоракати дар нубувват муродиф аст ки дар саҳифаҳои оянда ботафсил баён хоҳад шуд.

муҳити Паёмбар муҳите буд, ки мафоҳим ва арзишҳои инсоният то охирин ҳад сукут карда, беарзиш шуда буданд. Ва сатҳе буд, ки ҳудуди ҳайвоният тамом шуда буд ва ҳудуди инсоният аз он оғоз мешуд.

Сатҳе, ки Паёмбар (с) дар сохтани инсоният ба он расид ҳеҷ инсоне дар ҳеҷ замон ва дар ҳеҷ насле ба он нарасидааст ва ҳамон тавр ки Паёмбар сохтан ва ободонии инсониятро аз пойинтарин сатҳи инсоният ки мардум ба он расида буданд, оғоз карду ба баландтарин мақому авҷи инсоният расонид.

## ЗЕБОТАРИН СИМОИ ИНСОНИЯТ ДАР ҶАҲОН

Ҳар фарде аз афроде, ки Паёмбар омода карда буд намунаи зебо барои тарбияи набавӣ ва мояи шарафу ифтихори инсоният буд. Ва симое дар ҷаҳон зеботар ва шарифтар аз ин намунаҳои инсоният ва улгуҳои башарият ёфта намешавад ба ҷуз Паёмбар салавотуллоҳи ъалайҳи аҷмаъин. Имони росих, дониши амиқ, қалби содиқ, зиндагии соддаи онҳо ва фурӯтании ишон дар баробари Худо ва покдоманияшон, меҳрубониву дилсӯзии онон ва шуҷоъату далерии онҳо, лаззат бурдани онҳо аз ибодат ва алоқаи шадиди онҳо ба шаҳодат ва шаҳсавории онон рӯзҳо дар майдони ҷиҳод ва ибодатҳои шабона ва озод буданашон аз султаи сарватҳо ва тудаҳои анбоштаи тиллову нуқра ва беалоқаву беаҳамият буданашон ба дунё, адолат ва ҳусни тадбири онҳо дар дунё монанду назире надошт. Аз ифтихорот ва шоҳкориҳои Паёмбар (с) ин аст, ки мардоне сохт ки дар навъи худ яктои рӯзгор буданд ва агар таърих дақиқ ба ҳолати ин мардон гувоҳӣ намедод, вуҷуди чунин афрод тахайюли, шоирона ва афсонаи сохтагӣ буд, аммо инак ҳақиқати таърихӣ ва воқеияти

мушаххас мебошад, ки маҷоле барои шакку тардид дар он вуҷуд надорад.

## МИЛЛАТЕ, КИ ДОРОИ СИФОТИ ХОКӢ ВА НУРӢ МЕБОШАНД

Ҷамоъати асҳоби киром (р) маҷмӯъаи инсонҳое буданд, ки ба фазли эъҷози нубувват аз сифоти гуногун бархурдор буданд ва шоъири Ислом Муҳаммад Иқбол ин матлабро чунин таъбир намудааст:

Мӯъмин бандаи Худост. Асли ӯ аз хок ва фитрати ӯ аз нур аст, бандаи ороста ба сифоти Парвардигор ва бениёз аз ҷаҳониён орзуҳояш бисёр кам ва ҳадафҳои ӯ бисёр баланд аст ва аз ҷалолу ҷамол ҳарду баҳраманд аст. Дар гуфтор нарм ва дар майдони набард бо салобат ва дар ҷанг ва сулҳ покдилу покбоз аст. Имони ӯ нуқтаи паргори ҳақ ва меъёри ҳақ ва ботил аст ва бақияи олам ваҳм, тилисм ва маҷоз ҳастанд, ӯ манзилгаҳи ишқ ва мунтаҳои ақл ва асли имону равнақи зиндагӣ аст[1].

Инак барои хонандагони гиромӣ шаҳодату гувоҳиҳое аз таърих бозгӯ мекунем, то собит шавад, ки он чӣ гуфтем бар асоси иродатмандиву шефтагӣ ба он шахсиятҳо нест. ***Алии Муртазо (р) асҳоби киром (р)-ро чунин тавсиф менамояд:*** Дӯст дорем ин мавзӯъро бо ду матлаб, ки баргирифташуда аз суханрониҳои ҳазрати Алӣ (р) аст оғоз кунем, ки шаҳодати ҳазрати Алӣ (р) дар мавриди асҳоби киром (ки шахсияти онон назди баъзе фирқаҳо ва мактабҳои фикрӣ маҳалли баҳсу ҷадал мебошад) шаҳодати айнӣ аст ва баёни ӯ намунаи зебо аз садоқату амонатдорӣ аст, ки аҳли байти Паёмбар бо он

---

[1] Шигифтиҳои андешаи Иқбол, асари муаллиф, саҳифаи 147-148.

маъруф буданд ва намунаи гӯё барои балоғату суханварӣ аст, ки Алӣ (р) ба он маъруфу машҳур буд ва набояд фаромӯш кард ки ин тавсифи ӯ дар мавриди дӯстону рафиқоне аст ки зиндагиро дуруд гуфта ва ба ҷаҳони охират шитофтаанд ва наметавон гуфт, ки ин сухани Алӣ фақат ба чаҳорсаҳоба ва ҳамроҳони бузургу ӯ (Салмони Форс, Абузари Ғифорӣ, Миқдод ибни Асвад ва Аммори Ёсир) ки шиъаи имомия муътақиданд, фақат ҳамин чаҳор нафар ба Ислом вафодор мондаанд ва ба таълимоти Паёмбар (с) побанд будаанд, ихтисос дорад. Зеро ғайр аз инҳо афроди зиёде дар даврон ҳаёти Алӣ (р) вуҷуд доштанд ва ёвари ӯ низ буданд ва дар корҳояш ӯро кӯмаку ёрӣ мекардаанд[1].

Ин ду матлаб аз китоби Алӣ (р), ки мавриди эътимод ва иттифоқи шиъаи имомия аст баргирифта шудаанд, китобе ки суханрониҳо, номаҳо ва гуфтаҳои Алиро ҷамъ намуда ва он «Наҳҷу-л-балоға» мебошад. Ин китобро адиби бузург ва шоири ҳошимӣ шиъаи маъруф ба Шариф Разӣ (359-404 ҳ) таълиф кардааст ва ин китоб ҳамвора дастрас ва мавриди истифодаву бузургдошти шиъаён қарор дорад ва аз замони таълиф то асри ҳозир аз арзиши адабии волое назди уламои адаб бархурдор аст. Олим ва мутакаллими машҳури шиъа Ибни Абилҳадид (586-655ҳ) бо иҳтимому таваҷҷӯҳи зиёд бар он шарҳ ва тавзеҳ нигоштааст. Ва инак хонандаи гиромӣ ин ду матнро бихонад ва аз балоғати адабӣ ва зебоии фанние, ки матнҳои мазкур доро мебошанд лаззат бибарад.

Амиралмӯъминин Алӣ (р) дар ҳоле, ки аз асҳоби Муҳаммад (с) сухан мегӯяд, мефармояд: Ман ёрони

---

[1] Аммор ибни Ёсир дар даврони хилофати ҳазрати Алӣ дар соли 37-и ҳиҷрӣ вафот намуд ва Салмони Форсӣ як сол қабл аз ӯ дар соли 36 даргузашт ва Алӣ каррамаллоҳу ваҷҳаҳ дар соли 40-и ҳиҷрӣ ба шаҳодат расид.

Муҳаммадро дидаам, ҳеҷ касе аз шуморо намебинам, ки монанди онҳо бошад бо мӯйҳои жулида ва ғуборолуд субҳ мекарданд, зеро шабро бо саҷдаву қиём гузаронда буданд, гоҳ бар пешонӣ ба саҷда меафтоданд ва гоҳ рухсораҳояшонро ба замин месойиданд. Вақте миъоду қиёмат зикр мешуд, чунон ҳаросон мешуданд, ки гӯё бар ахгари оташ қарор доранд. Миёни ду чашмашон чун зонуи бузон аз тӯлонӣ мондани дар суҷуд пина баста буд. Чун номи Худо бурда мешуд чунон ашкҳояшон сарозер мешуд, ки гиребонҳояшон тар мегашт ва аз тарси азоб ва ба умеди подош чунон ларза бар андом мешуданд, ки дарахт дар рӯзи тӯфонӣ чи гуна меларзад.[1] Ва дар хутбаи дигар мегӯяд: Куҷо ҳастанд мардумоне, ки ба Ислом фаро хонда шуданд ва онро пазируфтанд Қуръонро хонданд ва ба беҳтарин сурат ба он амал намуданд ва барои ҷиҳод таҳрик шуданд пас чунон ба сӯи он шитофтанд, ки шутурон ба сӯи бачаҳояшон мешитобанд. Шамшерҳояшон ҳамвора бидуни ғилоф буд ва гурӯҳ гурӯҳ ба гӯшаҳои замин рафтанд. Бархе наҷот ёфтанд ва бархе шаҳид шуданд, агар касе наҷот меёфт дӯстонаш ӯро ба зинда мондан шодбош намегуфтанд ва агар касе шаҳид мешуд ба бозмондагонаш таслият намегуфтанд, чашмҳояшон аз баски гиря мекарданд сафед шуда буд ва шикамҳояшон аз баски рӯза мегирифтанд ба камар часпида буд, аз бехобӣ ва бедорӣ дар шабҳо рангҳояшон зард шуда буд ва бар чеҳраҳояшон ғубори фурӯтанон ба чашм мехӯрд. Инон бародарони ман ҳастанд, ки аз дунё рафтаанд! Пас ҷо дорад, ки ташнаи дидори онҳо бошем ва аз ҳасрати ҷудоии онон ангушт ба дандон бигирем[2].

---

[1] Наҳҷу-л-балоға, бо таҳқиқоти доктор Субҳи Солиҳ раҳматуллоҳ алайҳ, устоди Исломиёт ва фиқҳи луғат дар Донишкадаи адабиёти донишгоҳи Лубнон, чопи Дору-л-кутуби Лубнонӣ, Бейрут, саҳифаи 143.

[2] Ҳамон маъхази собиқ, сафаҳоти 177-178.

Донишманди Олмонӣ Катиёнӣ дар китоби (Синнину-л-Ислом) мегӯяд: Ин асҳоби киром намоишгарони ростини сармояи баҷомондаи ахлоқи Паёмбар (с) буданд ва онон даъватгарони оянда ва ҳомилони таълимоти Муҳаммад (с) буданд, ки онҳоро ба мақоми парҳезгорон расонида буд. Иртиботи ҳамешагии онҳо бо Паёмбар ва муҳаббати бо эҳсосоту авотиф онҳоро ба ҷое расонида буд, ки ҳеҷ муҳите болотар ва пешрафтатар аз онро мушоҳида накардааст ва ҳақиқат ин аст ки таҳавулоти арзишманде аз ҳар ҷиҳат дар ин асҳоб падид омада буд ва баъдҳо онон дар душвортарин мавқеъиятҳои ҷанг собит карданд, ки Муҳаммад (с) тухми усулу андешаҳояшро дар зархезтарин замин коштааст, ки беҳтарин маҳсулро ба бор овардааст, ки инсонҳое бо беҳтарин салоҳиятҳову шоистагиҳо ба вуҷуд омаданд ва онон ҳофизон ва амонатдорони саҳифаи муқаддас буданд ва ҳар сухан ё дастуре, ки аз Паёмбар фаро гирифта буданд бо тамоми тавон аз он ҳифозату пуштибонӣ мекарданд ва инҳо буданд роҳбарони нахустини Ислом, ки аввалин фақиҳони ҷомеъаи Ислом ва донишмандон ва муҳаддисинро ба ҷаҳон арза доштанд[1].

Доктор Густав Лубун, нависандаи маъруфи фаронсавӣ дар китобаш (Тамаддуни Араб) мегӯяд: Ва хулоса ин дини ҷадид бо муносибатҳо ва фурсатҳои зиёде мувоҷеҳ мешуд ва ҳушёриву зиракии асҳоб ва ҳусни тадбири онҳо ононро чунон намуда буд, ки дар ҳар фурсат ва муносибат муваффақ мешуданд ва дар нахустин даврони ислом онон афродеро барои хилофат интихоб карданд, ки бузургтарини ҳадафашон мунташир сохтани дини Муҳаммадӣ буд.[1]

[1] Баргирифта шуда аз китоби (Тамаддуни Араб) саҳ 134. тарҷумаи Шамсулуламо, доктор Саид Алӣ Балк иромӣ.

Ва нависандаи машҳури инглисӣ, Ҷибун (Edward Gibbon) дар мавриди хулафои рошидин дар китобаш (Инқироз ва сукути подшоҳии Рум) мегӯяд: Ахлоқ ва амал карди чаҳор халифа бисёр хуб ва зарбулмасал буд. Фаъолият ва аз худ гузаштагии онҳо ҳамроҳ бо ихлоси комил буд ва бо ин ки сарвату қудрат дар ихтиёр доштанд аммо онҳо умри хешро дар анҷоми масъулиятҳои динӣ ва ахлоқӣ сарф намуданд[3]. Ва доктор Филип Ҳаиттӣ дар китоби маъруфи худ (Мухтасари таърихи Араб) мегӯяд: Абубакр (р) саркубкунандаи муртадин ва касе, ки Ҷазираи Арабро зери лагоми Ислом як порча ва муттаҳид намуд, зиндагии содда ва матин дошт, ӯ дар шаш моҳи авали хилофати кӯтоҳмуддати худ ҳар рӯз субҳ аз маҳалли зиндагияш (Санҳ), ки ӯ ва ҳамсараш Ҳабиба дар он ҷо дар хонаи маъмули зиндагӣ мекарданд, ба сӯи пойтахт, Мадина меомад. Ӯ аз ҳукумат ҳуқуқу маош дарёфт намекард, чун дар он рӯз ҳукумат даромаде, ки қобили зикр бошад, надошт, ӯ тамоми корҳои давлатро дар саҳни Масҷиди Набавӣ анҷом медод.

Аммо халифаи дуввум ҳазрати Умар (р) дар мавриди ӯ бояд гуфт, ки ӯ марди чобук ва далер буд ва намунаи зиндае барои соддагӣ ва миёнаравӣ буд, ӯ марди баландқомат ки мӯйҳои пеши сараш рехта буданд ва чеҳраи гандумгун дошт. Ӯ дар даврони хилофаташ махориҷи хонаводаашро аз тариқи тиҷорат таъмин мекард ва зиндагии ӯ монанди як сардори биёбонӣ дур аз ҳар гуна шаъну шукӯҳ ва бузургнамоӣ буд ва дар ривоятҳои Исломӣ баъд аз Паёмбари Ислом ӯ дурахшандатарин мусалмон буд ва нависандагони Исломӣ аз Умар (р) ба хотири парҳезгорӣ, адолат, тавозӯъ ва виқораш тамҷиду тавсиф кардаанд ва ин вижагиҳову хубиҳоеро, ки бояд ҳар халифае онро доро бошад, дар ӯ мушаххас ва намоён кардаанд ва гуфтаанд:

Умар пироҳани кӯҳна ва шалворе, ки бо тикаҳои чарм поргӣ шуда буд, мепӯшид, ӯ бар ҳасир (бурё) мехобид ва аз умури зиндагии дунё чизе барои ӯ ҷуз дифоъ аз шаъоири дин, барпосозии адл ва сарбаландии Ислом ва таъмини манофиъ муҳим набуд[1].

## СУХАНОНИ НАВИСАНДАИ БУЗУРГИ ИСЛОМӢ ҚОЗӢ САЙИД АМИР АЛӢ

Инак чанд матлаби баргирифташуда аз китоби (Мухтасари таърихи Араб), асари бузургтарин нависандаи исломӣ, ба забони англисӣ, Сайид Амир Алиро ба хонандагон пешкаш менамоем Ӯ мегӯяд: Агар ба баррасии ҳолати сиёсии муслимин дар даврони хулафои рошидин бипардозем ончи дар муқобили чашмҳоямон муҷассам мешавад, як ҳукумати мардумӣ аст, ки раиси он халифаест, ки мардум ӯро интихоб кардаанд, ки ин халифа дорои ихтиёроти маҳдуд мебошад. Фармонравоии хусусии раиси ҳукумат дар меҳвари умури идорӣ маҳдуд буда, қонун барои ҳама як хел буд ва дар муқобили қонун сарватманд, фақир, раис, кишоварз ва коргар ҳама яксон буданд[2].

Вай изофа мекунад: «Хулофаи рошидин бо сахтгирии зиёд ва эҳтиёти фаровон худашонро барои манофиъи умумии муслимин вақф карда буданд ва онҳо дар ниҳояти содагӣ зиндагӣ ба сар мебурданд тавре, ки дар ин маврид комилан аз Паёмбар (с) тақлид менамуданд, онҳо ба василаи кирдори нек ва рафтори хуб бар дилҳои мардум ҳукумат мекарданд ва аз шаъну шукӯҳ ва ташрифоти зоҳирӣ бисёр дур буданд»[2].

---

[1] Ал-араб торихи муҷаз. Доктур Филип Ҳиттӣ, Дору-л-улум ли-л-малойин, Байрут 1946, саҳ 72-73.
[2] The spirit of Islam .op. cit. P. 280

Дар мавриди шайхайн – халифаи аввал Абубакр ва халифаи дуввум Умар ибни Хаттоб (р) – Сайид Амир Алӣ ба зуҳду беалоқагии онҳо ба фиребандагиҳои дунё ва ороста будани онон ба миёнаравӣ ва ба корҳои бузурге ки анҷом доданд ки хайри фаровонеро барои муслимин ба армуғон овард, бо фарохдилӣ ба қалам ва баёни тавоно эътироф кардааст: Дар мавриди Абубакр мегӯяд: Раёсату сардории қабилаҳои Арабҳо меросӣ набуд, ки пас аз падараш ба ирс бибарад балки сардорӣ ва раёсати қабила вобаста ба интихоб буд ва онҳо ба асли интихоб пойбанд буданду ба он амал мекарданд ва тамоми афроди қабила барои интихоби раиси қабила ҳақи сухан ва раъй доштанд ва интихоб дар миёни бозмондагони марди вафоткарда бар асоси синну сол ва шахсият анҷом мешуд. Ва мусалмонон дар интихоби ҷонишини Паёмбар (с) ба ин қонун ва суннати қадимӣ пойбанд буданд ва ҳассос будани ин марҳала иҷоза намедод, ки дар интихоби халифа таъхир шавад, бинобар ин бидуни ҳеҷ таъхире Абубакр (р) бо таваҷҷӯҳ ба синну солаш ва ҷойгоҳи волое, ки дар Макка аз он бурхурдор буд ва миёни Аъроб муҳим буд ба унвони ҷонишини Паёмбар (с) интихоб шуд. Абубакр (р) бо донишмандӣ ва эътидол соҳиби имтиёзи вижае буд, Алӣ ва аҳли байти Паёмбар (с) бо ихлоси обову аҷдодӣ ва вафодорӣ ва муҳаббате, ки ба Ислом доштанд, интихоби Абӯбакрро ба унвони халифаи Паёмбар пазируфтанд. Ва дар мавриди Умар (р) мегӯяд: даврони кӯтоҳи хилофати Абубакр (р) дар талош барои барқарор кардани суботу оромӣ дар миёни қабилаҳои биёбонӣ ба поён расид. Ва ӯро фурсате барои мураттаб кардани умури иёлотҳои Исломӣ нарасид. Аммо Умар  ибни Хаттоб (р) ба ҳақ марди бузург буд. Ӯ вақте бар маснади хилофат нишаст талошҳои фаровон ва пай дар пай барои хушбахтии миллатҳое, ки шаҳрҳояшон фатҳ шуда буд, анҷом дод.

Талошҳое ки имтиёзи махсуси нахустин давлатҳои Исломӣ аст. Дар ҷои дигар дар мавриди ҳазрати Умар (р) мегӯяд: Хилофати Умар барои Ислом бисёр арзишманд ва сарвати бузурге барои он ба шумор мерафт. Умар аз ноҳияи ахлоқӣ дорои табиъату сиришти муназзам ва қавӣ буд, аммо дар мавриди адолат бисёр сахтгир ва ҳассос буд ва аз қуввати амал ва пухтакории волое бархурдор буд.

Даргузашти Умар (р) фоҷиаи камаршикану бузург барои Ислом буд, ӯ сахтгир, аммо одил ва дурандеш буд. Ва аз табиъат ва сирати Арабҳо огоҳии зиёде дошт ва ӯ шоистатарин мард барои роҳбарии миллате буд, ки ба зиндагии бебандуборӣ одат карда буданд. Ӯ бо қудрате ки барои ҷазодиҳии муҷримон ва мунҳарифон аз он бархурдор буд, тавонист бар гароишҳои табиъие, ки қабилаҳои кӯчнишин ва афроди он ки ваҳшигуна зиндагӣ мекарданд чира шавад ва онҳоро дар замоне, ки бо асбоби хушгузаронӣ дар шаҳрҳои пешрафта ва васоили рафоҳу сарват дар кишварҳои фатҳшуда бо он мувоҷеҳ буданд, аз нобасомонии ахлоқӣ наҷот дод. Камтарин фард аз афроди раъияту миллати ӯ ба вай дастрасӣ доштанд, ӯ дар шабҳо барои ҷустуҷӯи аҳволи мардум бидуни нигаҳбон ва пулис ба гашту гузор мепардохт. Оре, бузургтарин халифа (ҳоким) дар даврони худаш ин гуна зиндагӣ мекард.

## ГУВОҲИИ СЕР ВИЛЙЯМ МЕЙУР

Мо ин шаҳодатҳо ва гуфтаҳоро бо матолиби баргирифташуда аз муаррихи ғарбӣ сер Вилйям Мейур, ки ба кинаварзӣ ва ҷафо нисбат ба Ислом ва Паёмбар (р) маъруф аст, то ҷое, ки Сайидаҳмадхон, парчамдори таълими ғарбӣ дар Ҳинд маҷбур шуд ба китоби Вилйям

Мейур (Ҳаёти Муҳаммад) раде бинависад, ба поён мебарем. Сер Вилйям Мейур дар китобаш «Вақоъеу-л-хилофату-л-увло» мегӯяд: Умар (р) бузургтарин мард баъд аз Паёмбар (с) дар сарзамини исломӣ буд, аз ҷумлаи натиҷаҳои ҳушёрӣ ва пойдориаш ин буд, ки дар аснои ин даҳ сол тамоми манотиқи Шом, Форс ва Миср таҳти ҳукм ва нуфузи исломӣ даромад ва аз он рӯз то кунун ин манотиқ ҷузъи кишварҳои Исломӣ ҳастанд.

Аммо бо вуҷуди ин ки ӯ фармонравои сарзамини бузург буд, фармонравоии чунин салтанати бузург ҳеҷ гоҳ фаросат, матонат ва нигоҳи одилонаи ӯро дар умуру қазияҳо таҳти таъсир қарор надод. Ӯ худашро ба лақабҳои бузург мулаққаб намекард, ба ҷуз лақаби оддӣ ва содда, ки бо он хонда мешуд ва он лақаб (Раиси Араб) буд. Мардум даста-даста аз вилоятҳои дурдаст меомаданд ва дар саҳни Масҷиди Набавӣ ва гӯшаҳояш аз Умар (р) ҳоким ва халифа мепурсиданд, ки куҷост? Дар сурате, ки амир алмӯъминин дар масҷид ва бо либосҳои оддӣ худаш пеширӯи онҳо нишаста буд. Ва дар мавриди халифа, Абубакр (р) мегӯяд: Маҷлиси Абубакр ба ҳамон соддагӣ ва даврони Муҳаммад (с) буд, хидматгузор ва нигоҳбон надошт ва дар маҷлис нишонаҳое, ки ба шукӯҳу дабдабаи ҳукумат ва хилофат ишора кунад ёфт намешуд, ӯ одат бар ин дошт, ки талошҳои фаровоне дар умури хилофат анҷом медод. Ҳаводиси зиёде аст, ки ба таъаммуқу дурандешии ӯ дар ҷузъиёти умур далолат менамояд. Шабҳо ба гашту гузор мепардохт, то аз ҳолати ситамдидагон ва ниёзмандон бохабар шавад. Ӯ дар таъйини масъулон ва фармондорони бузург, бузургтар аз ин буд, ки аз тарафдорӣ ва бар асоси ангезаи интиқомҷӯӣ амал намояд ва дар ҳама амал кард ва фармонҳояш бо тадбириаш намоён мешавад[1].

**Усмон ибни Аффон (р).** Таърихи мустанаду мӯътабар шаҳодат медиҳад, ки зиндагии Усмон ибни

Аффон содда будааст. Ӯ ба мардум ғизои шоҳона медод ва ба хонааш меомад ва бо сирко ва рӯғани зайтун ғизо мехӯрд. Ҳамвора рӯзадор буд ва бо вуҷуди ин ки хидматгузор дошт, корҳояшро худаш анҷом медод. Ибни Саъд аз Абдуллоҳи Румӣ ривоят мекунад ва мегӯяд: Усмон шаб оби вузӯро худаш таҳия мекард ва вузӯ мегирифт. Ба ӯ гуфта шуд, ки агар яке аз хидматгоронро дастур медодӣ, оби вузӯро барои ту таҳия менамуд, гуфт: Онҳо дар шаб истироҳат мекунанд:[1] Ӯ ба ғуломаш гуфт: Ман боре гӯши туро кашидаам, биё, аз ман қасос бигир, ғулом гӯши ӯро гирифт. Усмон (р) гуфт: Хуб онро бикаш, то дар дунё аз ман қасос гирифта бошӣ, на дар охират.[2]

Ва аз Абдулмалик ибни Шаддод ривоят аст, ки гуфт: Рӯзи ҷумъа Усмон (р)-ро бар болои минбар дидам, ки як либоси Адании дурушт пӯшида буд, ки қиматаш чаҳор ё панҷ дирҳам буд. Ва аз Ҳасани Басрӣ ривоят шудааст, ки гуфт: «Усмон (р) ибни Аффонро дидам, ки ба ҳангоми зуҳр дар масҷид мехобид ва ӯ он рӯз халифа буд ва вақте баланд мешуд, асари бурё бар чеҳраҳояш намоён буд, мегӯяд: Гуфта мешуд ин аст амиралмӯъминин, ин аст амирулмӯъминин»[3]. Вай дар ҳоле ки бар болои минбар буд аз он ҷо ки ба умури муслимин таваҷҷӯҳ дошт, аз ахбор ва нархҳо мепурсид. Аз Мӯсо ибни Талҳа ривоят аст, ки гуфт: Усмон ибни Аффон (р), ки рӯзи ҷумъа берун меомад дар ҳоле ки ду порчаи рангин пӯшида буд ва бар минбар менишаст ва ӯ сухан мегуфт ва мардумро аз нархҳо, ахбор ва корҳояшон мепурсид. Бузургтарин нишонаи фидокориаш ин буд, ки душманонаш аз Миср омада, бар ӯ ҳамла карданд, розӣ нашуд, бо вуҷуди ин ки василаҳои фаровоне барои дифоъ аз худаш дошт, аммо ӯ намеписандид, ки бо мусалмон биҷангад ва хунашро

---

[1] Табақоти ибни Саъд -3\60

[2] Ар-Риёзу-н-назира фи фазоили-л-ъашара, Муҳибби Табарӣ.

[3] Ҳиляту-л- авлиё аз Абу Нуъайм 1\60.

бирезад ва ӯ дар ҳоле, ки Қуръон тиловат мекард ба шаҳодат расид. Ва низ ӯ написандид, ки аз хилофат, ки амонати мусалмонон ба дӯши ӯ буд, даст бикашад. Ва ӯ дар партави аҳодис ва раҳнамудҳои набавӣ натиҷаи дастбардорӣ аз хилофатро медонист.

Амир Алӣ мегӯяд: «Ва аз бузургтарин хусусиятҳояш парҳезгорӣ ва тақвояш буд». Вилйям Мейур мегӯяд: «Ӯ меҳрубон буд ва агар дар даврони амният хилофатро ба даст мегирифт бисёр мавриди писанд ва қадрдонии мардум қарор мегирифт». Влию Дилавидо дар Доирату-л-маъорифи исломӣ ки (Велҳесен) ва ҳамчунин Китонӣ бо тафсили бештар мегӯяд: Усмон сиёсати Умар (р)-ро иҷро кард ва хубиҳое дар он дохил кард.

Дар даврони хилофати Усмон (р) ки дувоздаҳ сол идома ёфт дар аснои он футуҳоти бузурге бо суръати аҷибе ки дар таърих камназир буданд ба даст омад ва доираи кишвари Исломӣ дар ин давра вусъати қобил мулоҳазае ёфт, то ин ки ҳудуди ин қаламрав аз Синд то Андалус расид ва нерӯҳои Исломӣ дар ин даврон монурҳои дарёӣ анҷом доданд ва дар ҷангҳои бузург аз разми дарёӣ истифода карданд ва ҷазираҳои Қибрис ва Рудис фатҳ шуданд ва навгони дарёии бузурге омода карданд, бо ин ки қабл аз он ҳатто як киштӣ надоштанд!!!

Лашкари Ислом дар соли 32.ҳ ба тангнои Қустантания (Басфур) расид ва дар соли 25 ҳ. вориди Тароблуси ғарбӣ (Либия) шуданд ва баъд аз ду сол Тунис, Алҷазоир ва Мағриби дур фатҳ шуданд. Ва дар ҳамин сол, Абдуллоҳ ибни Нофиъ баъд аз убури дарё, Андалусро фатҳ намуд, то ин ки лашкарҳои исломӣ ба Тифлис ва соҳили дарёи Сиёҳ расид ва дар соли 30 ҳ. ба сарзамини Хуросон ва Табаристон ворид шуданд ва Гургон, Хуросон ва Табаристон фатҳ шуд. Ва Абдуллоҳ ибни Омир пеш рафт ва Сувот, Кобул ва Сиҷистон

(Систон) ва Нишопурро фатҳ кард ва манотиқи атрофи он дар баробари хилофати Ислом сари таслим фуруд овард, то ин ки Тахористон ва Кирмон фатҳ шуд ва қаламрави Исломӣ то дарёи Хазар (Қазвин) ва кӯҳи (Қоф) густариш ёфт. Дар даврони Усмон (р) мусалмонон ба сӯи Ҳинд рафтанд ва ба манотиқи соҳили иёлоти Гуҷроти Ҳинд расиданд.[1] Ва бузургтарин шоҳкории Усмон (р) ин буд, ки тамоми ҷаҳони исломро бар як Мусҳаф ва як навъ қироъат иттифоқ кард ва дастур дод, то аз ҳамин Қуръон рӯнависӣ шавад ва дар ҳамаи кишварҳои Ислом тақсим гардад.[2]

**Алӣ ибни Абутолиб (р).** Он чи ба шахсияти халифаи чаҳорум (р) марбут мешавад, касе ҷуз хавориҷ ба он мухолифат намеварзад ва мо ба тавсифи яке аз ҳамроҳонаш ба номи Зирор ибни Замра иктифо мекунем. Ӯ таъсироти худро аз амиралмӯъминин Алӣ ибни Абитолиб (р) ба дархости Муъовия (р) баён намуда ва аз маълумоту мушоҳидоти шахсии худ сухан гуфт ва кӯшид, то онро бо калимот ба тасвир бикашаду муҷассам намояд ва бо ин васфи баёнӣ, мо метавонем андоза кунем, ки ин ҷамоъати мӯъмин ва пок ҳатто дар ҳолати ҳукумат ва хилофат чи қадар парҳезгор будаанд. Воқиан онҳо аз мадрасаи Паёмбар фориғу-т-таҳсил шуданд ва шогирдони имон ва Қуръон буданд. Зирор ибни Замра мегӯяд:

---

[1] Дар натиҷаи ин футуҳоти бузург ва густурда Ислом то ҳадди зиёде мунташир шуд ва миллатҳо ва кишварҳо ба таври комил дар дини Худо даромаданд, ки дар партави шаҳодатҳои таърихӣ ба роҳатӣ метавонем онро андоза намоем.

[2] Мардоне, аз аҳли Кӯфа ба Алӣ (р) шикоят карданд ки халифа пеш аз ӯ ҳама мардумро ба як қироъати Қуръон ҷамъ намудааст. Алӣ (р) хашмгин ва дар посухи онҳо гуфт: Сокит бошед! Усмон (р) ин корро бо раъйи бузургони асҳоб анҷом дод ва агар ман дар он вақт ба ҷои ӯ мебудам, ҳамон корро, ки Усмон (р) карда буд, анҷом медодам.

Алӣ аз дунё ва шукуфоии он ваҳшат дошт ва ба шаб ва торикии он унс мегирифт. Ашк аз чашмонаш сарозер буд, то муддати зиёде ҳамвора ба фикр фуруд мерафт, дастҳояшро бармегардонд ва худашро хитоб мекард, либоси дурушт мепӯшид ва ғизои сода ва маъмулиро дӯст медошт, ӯ монанди фарди маъмулӣ буд ва бо мо фарқе надошт. Ҳар вақт ӯро суол мекардем ба мо ҷавоб медод ва чун ӯро фаро мехондем меомад ва чун ба назди ӯ меомадем, аввал ӯ салом мекард. Аммо бо вуҷуди ин ки ӯ худашро ба мо наздик мекард ва мо ба ӯ наздик будем аз ҳайбату виқоре, ки дошт, наметавонистем гуфтугӯро бо ӯ оғоз кунем. Ҳар гоҳ лаб ба сухан мезад, гӯё марворидҳое дар ришта медурахшиданд. Аҳли динро таъзим мекард ва бенавоёнро дӯст медошт, қудратманд барои кори ноҳақ ба ӯ умед надошт ва нотавон аз адолаташ ноумед набуд ва Худоро гувоҳ мегирам, ӯро дар баъзе ҳолатҳо, ки шаб соя афканда буд ва ситорагон осмонро пур карда буданд, дидам ӯ дар меҳробаш истода ва ришашро гирифта буд ва чун моргазида ба худ мепечид ва чун ғамзада гиря мекард ва гӯё садояшро мешунавам, ки мегуфт:

Эй дунё! Эй дунё! Оё бо ман мувоҷеҳ шудаӣ ва ба ман чашм дӯхтаӣ? Ноумед бош! Ва каси дигарро фиреб бидеҳ, ман туро барои ҳамеша раҳо кардаам ва ба сӯят боз нахоҳам гашт, умрат кӯтоҳ ва зиндагиат оҷиз ва хатарат бузург аст. Оҳ, тӯшаи сафар чӣ қадар кам аст ва сафар чи қадар дароз ва роҳ чӣ қадар ваҳшатнок аст.[1]

## ЗИНДАГӢ ЗОҲИДОНАИ ХУЛАФО ВА ҶОНИШИН НАКАРДАНИ ОНҲО КАСЕ АЗ ХОНАВОДААШОНРО

[1] Сифату-с-сафва-и Ибни Ҷавзӣ, саҳ, 122

Он чи беш аз ҳама ихлоси ин хулафои чаҳоргона ва иртиботашонро бо Худо ва азамати онҳо ва хосгардидани онҳо ба ин вижагиҳои махсуси ишон далолат менамояд ин аст, ки онҳо нахостанд аз ин сарвати бузург ва ганҷҳое, ки андухтаи қарнҳо буд ва чун сели хурӯшон дар рӯзгорашон аз Рум ва Форс ба сӯи онҳо сарозер буд истифода кунанд ва бо вуҷуди ин онон дар рифоҳу осоиш зиндагӣ накарданд. Гузашта аз ин онҳо ба хушгузаронӣ ва айшу ишрат напардохта, балки гом ба гом аз Паёмбар (с) пайравӣ карданд ва зиндагии зоҳидона ва аз худ гузаштагиро бар ҳар рифоҳу осоиш тарҷеҳ доданд, балки воқиъият ин аст, ки онҳо қабл аз ба даст гирифтани ҳукумат ва хилофат осоиштару роҳаттар буданд.

Геббун мегӯяд: Абубакр ва Умар (р) дар ҳолатҳои нобасомон ва ошуфта, ки ҷанг алайҳи Паёмбар (с) танураш доғ буд, тарбият ёфтанд, мужда дода шудани онҳо ба биҳишт ононро аз ҳамаи лазатҳо ва хатарҳо бениёз карда буд. Аммо онҳо зимоми фармонравоиро хеле зуд ба даст гирифтанд ва дин, адолат дар назари онҳо аз ҳукумат муҳимтар буд ва ба зиндагии содаашон одат карда буданд ва барои подшоҳони дунё ки шукӯҳу шавкат шиору нишони онҳо буд мояи даҳшат ва, ибрат гарданд. Ва ҳеҷ яке аз онон фарзандаш ё наздиктарин фарди хонаводаашро ҷонишини худ қарор надод, бо ин ки қудрату тавони ин корро доштанд, балки баръакс онҳо фарзандон ва хешовандони худро тавсия намуданд, ки аз хилофат дурӣ гузинанд. Ҳамчунин мусалмононро васият намуданд, ки ҳаргиз онҳоро барои мақоми хилофат интихоб накунанд. Ин чизе аст ки ба таваҷҷӯҳ ба сиришт ва ангезаҳои инсонӣ ва суннатҳои ҳокимон ва ҳукуматҳое, ки қарнҳо балки ҳазорон сол идома меёфт, фақат ба як натиҷа метавон истидлол намуд ва он ин ки ишон сар то по ихлос ва робитаи маҳкам бо Худо

доштанд ва аз ҳар навъ ғаразу ҳадафи зоҳир ва ботин дур буданд. Онҳо масъулияти хилофатро ба ӯҳда гирифта буданд, танҳо барои талаби ризои Худо ва нашру ҳимояти дини илоҳӣ ва бастани дарҳои фитна ва хатарҳо. Ва агар –он тавр ки бархе мактабҳои фикрӣ гумон мебаранд – дуруст бошад, ки ин халифаҳо ба хотири манофиъи моддӣ ва барои ин ки ба аҳдофи шахсии худ даст ёбанд ва мақому мансаб пайдо кунанд, хилофатро ба ӯҳда гирифтанд, пас аз даст додани охират ва худро дар маърази хашми Худо қарор додан бидуни ин ки аз дунё истифодае бибаранд, маъние надорад ва ин гуноҳи маҳзест, ки лаззате надорад ва ҳеҷ оқиле инро қабул намекунад, чун ин монанди зарбулмасалест, ки мегӯяд (кӯҳ кандан ва коҳ баровардан).

**Зуҳд ва фидокории ҳазрати Абубакр (р).** Дар ин маврид бо овардани як мисол аз сираи ҳазрати Абубакри Сиддиқ (р) ва баёни як воқеъа аз зиндагии ҳазрати Умар (р) иктифо мекунем, ки баъд аз ин ҳар фарде, ки таассуб бар ақл ва замираш ғолиб нашудааст худаш мунсифона қазоват намояд. Муаррихи даврони хилофати Абубакр (р) мегӯяд: «Гуфта шуд, ки боре ҳамсари Абубакр ширинӣ хост, Абубакр гуфт: Чизе надорем, ки ширинӣ бихарем. Ҳамсараш гуфт аз махориҷи рӯзмарра то чанд рӯз пасандоз мекунам ва ҳалвову ширинӣ мехӯрем. Гуфт: бикун, ҳамсараш рӯзона ҷамъ кард ва дар чанд рӯз пули андаке ҷамъ шуд ва занаш пулҳоро ба ӯ дод, то ширинӣ бихарад. Абубакр он пулҳоро гирифта, ба байтулмол бозгардонд ва гуфт: Ин аз махориҷи мо изофа аст ва ба андозаи он аз махориҷ кам кард ва аз дороии худ ҳамон микдорро ба ҷуброн он чи то кунун зиёдатӣ бар махориҷ сарф намуда ба байтулмол дод.[1] Ва аз Ҳасан ибни Алӣ ибни Абитолиб (р) ривоят аст, ки гуфт: Вақте Абубакр (р) дар остонаи марг қарор гирифт, гуфт: Эй Оиша, шутуре, ки мо аз он

[1] Таърихи «Ал-комил»-и Ибни Асир 2\423. Дору-с- содир, Байрут.

шир менӯшидем ва косае, ки дар он ғизо мехӯрдем ва чодаре, ки мепӯшидем, мо аз инҳо истифода мекардем, ки корҳои муслиминро ба унвон халифа анҷом медодем. Бинобар ин ҳар гоҳ мурдам он ашёро ба Умар (с) бозгардонд пас вақте Абубакр (р) вафот кард, Оиша чизҳои мазкурро барои Умар (р) фиристод. Умар (р) гуфт: Раҳмати Худо бар ту бод эй Абубакр, корро барои касе ки баъд аз ту омада, мушкил намудаӣ.[1]»

Ва дар ривояте аз Оиша (р) омадааст, ки мегӯяд: Вақте Абубакр (р) дар бистари бемории марг афтод, гуфт: нигоҳ кунед аз вақте ки ҳукуматро ба даст гирифтаам чи чизҳое дар дорои ман афзун шудаанд ва онро ба назди халифаи баъд аз ман бифиристед, ман дар он вақт истифода аз онро ҳалол медонистам[2]. Ва дар ривояти дигар омада, ки вақте маргаш фаро расид гуфт: Фалон замини маро, ки дар фалон ҷост дар ивази моле ки дар даврони хилофати худам аз байтулмол мегирифтам ба байтулмол бидиҳед. Ва дар ривояте омадааст, ки гуфт: Ҳашт ҳазор диҳрам аз моли маро ба байтулмол бидиҳед, зеро дар айёми хилофат ҳашт ҳазор дирҳам аз байтулмол ба ман дода шудааст. Ва ҳангоме ки ҷон медод, ба Оиша (р) гуфт: Вақте ман мурдам либосҳоямро бишӯ ва маро дар он кафан кунед. Оиша гуфт: Худованд кафанҳои беҳтаре додаст, туро дар порчаи нав кафан мекунем. Гуфт: Фарди зинда бештар ниёз ба либоси нав дорад, ки худашро ҳифозат менамояд ва баданашро мепӯшонад ва мурда аз ҳам мепошад ва хушк мешавад.[3]

## ГАШТУ ГУЗОРИ РАСМИИ ҲАЗРАТИ УМАР (Р)

[1] «Таърихи хулафо»-и Суютӣ, саҳ 78.

[2] Нигоҳ кунед. Табақоти кубро-и Ибни Саъд 3\192.

[3] Низ маъхази собиқ.

## ВА САФАРАШ БА ШОМ

Ва акнун намунае аз зуҳди Умар ва содазистии ӯро тақдим мекунем, шояд хонандагон аз гузориши дидорҳо ва сафарҳои расмии бисёре аз подшоҳон ва раисони давлат иттилоъ доранд. Аммо ба ташрифот ва шукӯҳи сафарҳое, ки бузургтарин ҳоким ва халифаи қарни ҳафтуми мелодӣ анҷом медод бингаред. Ӯ Умар ибни Хаттоб (р аст. Дар соли 16-и ҳиҷрӣ ба муносибати фатҳи Байтулмуқаддас ба Шом сафар кард ва таърихнигор ин сафари аҷоибро ҳикоят менамояд ва бо қалами шевояш онро ба тасвир мекашад. Шояд хонандаи гиромӣ ба тафсилоти сафаре, ки Умар (р) ба Шом намуд, огоҳ бошад. Ин сафар нисбат ба душмани нерӯманде, ки мунтазир аст, то халифаи Исломро ки тарсро дар дили мардум афканда буд бубинад бисёр муҳим буд. Вале халифа дар ин сафар ҳатто хаймаи маъмулие ба ҳамроҳ надошт, гузашта аз ин навкару чокар ва дабдабаву шукӯҳе низ надошт. Ҳамчунин ҳайате аз масъулини олирутба ва афсарон ҳамроҳи худ надошт, балки ӯ бар як аспи маъмулӣ савор буд ва мардоне аз муҳоҷирин ва ансор ҳамроҳи ӯ буданд. Вале хабари ҳаракат ва сафари ҳазрати Умар (р) ба тарафи Шом мардумро ларза бар андом карда, тарс саропои онҳоро фаро гирифта буд, то муддате дар Ҷобия иқомат намуд ва аҳдномаро дар инҷо навишт ва сипас ба сӯи Байтулмуқаддас ҳаракат кард. Аспе, ки ӯ бар он савор буд, сумҳояш фарсуда шуда буд ва кунд роҳ мерафт. Мардум як асби туркӣ барояш оварданд, Умар (р) бар он савор шуд асп шурӯъ ба юрға рафтан кард, Умар аз асп поин омад ва бар чеҳрааш зад ва гуфт: Худованд касеро, ки ин рафторро ба ту омӯхтааст наёмурзад, ин такаббур ва ғурур аст. Сипас баъд аз он бар аспи туркӣ савор нашуд ва бо пои пиёда ҳаракат кард, вақте ба наздики Байтулмуқаддас расид

Абуубайда ва фармондеҳони лашкар ба истиқболаш омаданд. Пироҳани Умар карбосӣ буд, ки чиркин шуда буд ва бағали он пора шуда буд дар ҳоле, ки ӯ халифаи муслимин буд. Мардум ба ин фикр афтоданд, ки агар масеҳиён ӯро бо ин вазъият бубинанд арзиши зиёд ба ӯ қоил нахоҳанд шуд, пас ба ӯ гуфтанд: Агар либоси ғайр аз ин мепӯшидӣ ва бар аспи туркӣ савор мешудӣ, дар назари Румиҳо муҳимтар ҷилва менамудӣ, фармуд: Мо қавме ҳастем, ки Худованд моро ба Ислом иззат додааст ва мо ба ҷои Худо чизи дигарро намеҷӯем.[1]

Ибни Касир ин сафарро чунин ривоят кардааст, ӯ мегӯяд: Умар ибни Хаттоб аз роҳи Илё ба Ҷобия омад ӯ ба шутуре савор буд ва кулоҳ ва имома ба сар надошт. Сари тос ва бемӯяш дар баробари офтоб барқ мезад, поҳояш бидуни рикоб такон мехӯрданд, порчаи анбиҷонии аз пашмро рӯи ҳайвон андохта ва бар он савор буд ва вақте поин меомад ҳамин порча зерандозаш буд. Буғчааш дастмол ё чарме буд, ки аз лифи хурмо пур шуда буд ва ин буғчааш буд, вақте савор мешуд ва вақте поин меомад, аз он ба унвони болиш истифода мекард. Пироҳане аз карбос дошт, ки чиркин ва пора шуда буд. Гуфт: раиси ин қавмро бароям биёваред, онҳо Ҷулумисро ба назди ӯ фаро хонданд, гуфт: Пироҳани маро бишӯед ва онро бидӯзед ва ба ман порча ё пироҳане амонат бидиҳед, то бипӯшам. Пироҳан аз ҷинси катон барои ӯ оварданд, ӯ гуфт: ин чист? Гуфтанд: порчаи катон аст, фармуд катон чист? Онҳо ӯро аз катон огоҳ карданд. Пироҳани худашро берун кашид ва онро шуставу пайванд карданд ва ба наздаш оварданд, он вақт пироҳани онҳоро бароварду пироҳани худашро пӯшид, Ҷулумус ба ӯ гуфт: Ту подшоҳи арабҳо ҳастӣ ва ин сарзаминест, ки савор шудан бар шутур дар он муносиб

---

[1] Алфоруқ лилъаллома Шиблии Нӯъмонӣ 1\142 -145, чопи Матбаъатулмаъорифи Аъзамгарҳ, 1956-и милодӣ.

нест, пас агар либосе ғайр аз ин либоси худ мепӯшидӣ ва бар аспи туркӣ савор мешудӣ, дар назари Румиҳо бузургтар ва муҳимтар ҷилва менамудӣ, фармуд: мо миллате ҳастем, ки Худованд ба василаи Ислом ба мо иззат додааст, пас ба ҷои Худованд чизи дигарро намеҷӯем. Асби туркӣ оварданд, ӯ чодарашро бар он андохт ва бидуни зин ва хӯрҷин бар он савор шуд, ногаҳон фармуд: Сабр кунед, сабр кунед, пеш аз ин надида будам, ки мардум бар шайтон савор мешаванд ва савор шудан бар асбро напазируфт ва шутурашро ҳозир карданд ва ӯ бар шутури худ савор шуд.[1]

Ва инак бахши дигар аз сафари дуввуми ӯро ба Шом дар соли 18-ҳиҷрӣ сурат гирифта буд зикр мекунем. Табарӣ онро чунин ривоят кардааст: Умар (р) аз роҳи Илё (бар соҳили дарёи Сурх) ба қасди Шом ҳаракат намуд ва Алӣ (р)-ро ба унвони ҷонишини худ дар Мадина гузошт. Асҳоб разияллоҳу анҳум ӯро дар ин сафар ҳамроҳӣ мекарданд. Вакте ба Илё наздик шуд, роҳашро каҷ кард, ғуломаш ба дунболи ӯ рафт. Пас поин омаду қазои ҳоҷат намуд, сипас баргашт ва бар шутури ғуломаш савор шуд. Бар ҷиҳози шутураш пӯстине буд, ки чаппа гузошта шуда буд ва ӯ шутурашро ба ғуломаш дод. Вақте нахустин гурӯҳи мардум ӯро диданд, гуфтанд: Амиралмуъминин куҷост? Гуфт рӯбарӯи шумо – яъне худаш мебошад – мардум ба пеш рафтанд ва аз ӯ гузаштанд, то ки ӯ ба Илё расид аз саворӣ поин омад. Ба мардум гуфта шуд: Амиралмӯъминин вориди Илё шуда ва дар он иқомат кардааст. Пас мардум ба сӯи ӯ баргаштанд.[2]

## ҲАМКОРИИ АЛӢ (Р) БО ХУЛАФОИ СЕГОНА

[1] Бидоя ва-н-ниҳоя 7\59-60.
[2] Табарӣ – 4\203-204.

Алӣ (р) бо хулафои сегона, ба вижа бо шайхайн (Абубакр ва Умар) ҳамкорӣ мекард. Оре Алӣ дар душвортарин мавқеъият раъйи дурустро ба онҳо пешниҳод мекард, ва онон ба дониши фаровон, фаҳми дақиқ ва назари дурусти ӯ эътироф карда, ӯро мавриди ситоиш қарор доданд. Таъсироте, ки Алӣ (р) ба сабаби вафоти Абубакр ва шаҳодати Умар (р) изҳор намуд, ба ин далолат менамояд, ки робитаи самимона ва мухлисонае бо онҳо доштааст ва метавонем ба ду хутбае, ки ӯ ба муносибати ин ду воқеа баён намудааст, дар китобҳои таърих ба мурочиъа кунем ки услуби шево ва вижагиҳои баёниву адабӣ ва балоғатӣ дар он ба таври равшан маълум мешавад ва инчо ба хотири ин ки сухан дароз нашавад он хутбаҳоро нақл намекунем.[1]

Амир Алӣ менависад: «Алӣ ибни Абитолиб ва аъзои хонаводаи Паёмбар (с) баъд аз вафоти Паёмбар содиқона ва бо дили боз бар хилофати Абубакр (р) тавофуқ намуданд»[1].

Аммо Вилйям Мейур бо вучуди ин ки аз вучуди сӯъи тафоҳум миёни Абубакр ва Алӣ дар мавриди тарака ва мероси шахсии Паёмбар (с) сухан гуфтааст, аммо боз ҳам бо таъкиди тамом баён дошта ки Алӣ ба дидори Абубакр мерафт ва назди ӯ ҳозир мешуд. Ҳамон тавр ки пеши дигар асҳоб мерафт ва масъулияти қазовати кулро анчом медод. Ва низ Вилйям Мейур эътироф кардааст, ки умуман Алӣ номаҳои Абубакрро чавоб медод[2]. Ҳамчунин устод Аскари Чаъфарӣ дар тарчумаи инглисии китоби Наҳчул-балоға, ки Чамъияти чаҳонии шиъа,, онро нашр ва пахш намуда, гуфтааст, ки Умар (р) аз Алӣ машварат мегирифт ва назарҳояшро мепазируфт ва ҳангоме ки Умар аз ӯ дар мавриди чанг алайҳи

---

[1] Мурочиъа кунед, Риёзун - назира фи фазоили ал-ъашара, Муҳибуддини Табарӣ (694 ҳ).

императури Рум назар ва машварат хост, Алӣ (р) чунин машварат дод, ки Умар он ҷо бимонад ва фармондеҳу афсари моҳири дигареро барои фармондеҳии лашкар бифиристад ва низ дар ҷанги сарнавиштсоз алайҳи нерӯҳои Форс, Алӣ бо ширкати Умар мухолифат кард ва ӯро аз ҳузур дар майдони набард боздошт. Ва барои ин роҷеъ ба ин бахши муҳим таъйиду тасдиқ биёбем, метавонем ба Наҳҷу-л-балоға, хутбаҳои шумораи 137-149-и Алӣ (р) мурочиъа кунем[2].

Вақте мардум Усмонро муҳосира карданд ва аз расидани об ба ӯ ҷилавгирӣ ба амал оварданд, Усмон (р) аз баландие рӯ ба мардум кард ва гуфт: Оё Алӣ дар миёни шумо ҳаст? Гуфтанд: На, гуфт: Оё Саъд дар миёни шумо ҳаст? Гуфтанд: На, пас сокит шуд, сипас фармуд ки оё касе нест, ки Алиро хабар кунад, то ба мо об диҳад? Ин сухан ба Алӣ (с) расид ва Алӣ се машк пур аз об барои ӯ фиристод наздик буд, ки онҳо ба Усмон (с) нарасад ва шуморе аз ғуломони бани Ҳошим бани Умая захмӣ шуданд, то ин ки об ба Усмон расид. Ба Алӣ (р) хабар доданд ки мехоҳанд Усмон (р)-ро ба қатл бирасонанд, ӯ ба фарзандонаш Ҳасан ва Ҳусайн, гуфт: Шамшерҳоятонро бардоред ва берун равед ва дар канори дарвозаи Усмон (р) биистед. Касеро нагузоред, ки дасташ ба ӯ расад.[1]

Вақте мардум хонаи Усмонро муҳосара карданд, Алӣ (р) Ҳасан ва ғуломаш Қанбарро фиристод ва онҳоро дастур дод, то аз даромадани мардум ба хонаи Усмон (р) ҷилавгирӣ намоянд. Шӯришиён ба сӯи Усмон тир андохтанд, то ин ки Ҳасан дами дари Усмон (р) бо хунҳо рангин шуд ва сари Қанбар, ғуломи Алӣ (р) захмӣ шуд ва мардум аз он дар, ки Ҳасан нигаҳбони он буд, натавонистанд вориди хонаи Усмон (р) шаванд ва аз

---

[1]Н\к Таърихи хулафо-и Суютӣ, с. 159-160 ва дигар китобҳои торихӣ.

пушти хона аз болои девор ворид шуданд ва Усмонро дар ҳоле куштанд, ки Қуръон тиловат мекард.[1]

## ИРТИБОТУ АЛОҚАИ АҲЛИ БАЙТ ВА АСҲОБИ КИРОМ БО ЯКДИГАР РАЗИЯЛЛОҲУ АНҲУМ

Қуръони карим асҳоби киромро чунин тавсиф намудааст: (**Бар кофирон сарсахт ва бо якдигар меҳрубонанд)** зиндагӣ ва равотиби мутабодили онҳо ва рафторҳои бародаронашонро бо якдигар, дӯстии онҳо бо якдигар ва бузургдошту риъоя кардани ҳамдигар ва адои ҳуқуқи якдигар, ҳамаи инҳоро ояи мазкур таъйид мекунад. Амир Алӣ рост гуфтааст, онҷо ки мегӯяд: Салобати асҳоб дар худи дин бузургтарин далил бар садоқати Паёмбар (с) ва ихлос доштани ӯ дар ҳадафе, ки барои он мабъус шуда аст мебошад.[2] Ва ҳар он чи ки бар хилофи ин шаҳодати Қуръонӣ мардум аз онҳо гуфта ё мегӯянд, ба маънои такзиби Қуръон ва ғалат қарор додани таърих ва бадгумонӣ ва тардидафканӣ дар тарбияти Паёмбар (с) аст ва дар инҷо бархе аз воқеъа ва рухдодҳоеро, ки ба онҳо марбут аст, нақл мекунем.

Дар ривояти Бухорӣ аз Уқба ибни Ҳорис (р) омадааст ки: «Абубакр (р) намози асрро хонд ва берун баромада рафт, Ҳасанро дид, ки бо кӯдакон бозӣ мекунад. Ҳазрати Абубакр (р) ӯро бар дӯши худ гузошт ва гуфт: Падарам фидояш, бод шабеҳи Паёмбар (с) аст, на шабеҳи Алӣ ва Алӣ механдид.[3]

Ҳусайн ибни Алӣ (р) мегӯяд: Рӯзе Умар ба ман гуфт: Чаро ту намеойӣ ва пеши мо наменишинӣ? Пас аз он,

---

[1] Н\к Таърихи хулафо-и Суютӣ. саҳ 159-160 ва китобҳои дигари торих.
[2] Amirali. The sprit of islam London. 1923 P. 22
[3] Саҳиҳи Бухорӣ, китоби Маноқиб, боби сифати Набӣ (с) 1\501 чопи Ҳинд.

рӯзе ман омадаам ӯ ва Муъовия танҳо буданд ва фарзанди Умар назди дар мунтазир буд ва, ӯ иҷозаи даромадан дода нашуда буд. Ман баргаштам, Умар маро дид, фармуд: Фарзандам пеши ман наёмадӣ? Гуфтам омадам ту бо Муъовия ба хилват нишаста будӣ, Ибни Умарро дидам ба интизори иҷозаи вуруд берун нишастааст, пас баргаштам. Гуфт: Ту аз Абдуллоҳ ибни Умар барои даромадан сазовортар будӣ ва метавонистӣ ворид шавӣ, мафоҳими имонӣ ва некиҳое, ки бар сари мо фурӯ омада эҳсони Худованд аст ва баъд ба баракати шумост ва сипас дасти навозиш рӯи сари ман гузошт.[1]

Ва Ибни Саъд аз Ҷаъфари Содиқ (ъ) ва ӯ аз Муҳаммади Боқир (ъ) ва ӯ аз падараш Алӣ ибни Ҳусайн ривоят менамояд, ки гуфт: Боре аз Яман ба назди Умар (р) либосҳои гаронбаҳое оварда шуд. Ӯ онҳоро миёни мардум тақсим кард, мардум ин либосҳоро пӯшиданд ва ба масҷид омаданд. Умар (р) дар миёни қабр ва минбар нишаста буд, мардум ба наздаш меомаданд ва ӯро салом мекарданд ва барояш дуъои хайр менамуданд. Ҳасан ва Ҳусайн аз хонаи модарашон Фотима разияллоҳу анҳо берун омаданд ва аз он либосҳои қимате бар тани онон набуд. Умар (р) нохуш ва андӯҳгин нишаста буд. Сипас гуфт:ончи ки пӯшидаед, маро нороҳат кардааст, гуфтанд: Эй амиралмӯъминин, ту ба раъияти худ пӯшок додаӣ ва хуб кардаӣ? Гуфт: Ман ба хотири ин навҷавонон нороҳатам, ки миёни мардум мегарданд ва аз ин пироҳанҳо ба тан накарданд, чунки ин либосҳо барояшон бузург буд ва онҳо кучак буданд. Сипас ба фармондори Яман нома навишт, ки ду пироҳани қиммате барои Ҳасан ва Ҳусайн бифирист ва зуд ин корро бикун. Фармондори Яман ду либоси қиммате фиристод ва Умар онҳоро ба Ҳасан ва Ҳусейн пӯшонид[2].

---

[1] Канзу-л-ъуммол 7\105 ал-Исоба 1\133, бо санди саҳиҳ.

[2] Низ маъхази гузашта, саҳ 106.

Аз Абуҷаъфар ривоят аст, ки Умар (р) вақте хост барои мардум ҳуқуқу кӯмакпулӣ муқаррар намояд, пас аз он ки Худованд шаҳрҳоро барояшон фатҳ намуд. Аз ин рӯ, мардумоне, аз асҳоби Паёмбар (с)-ро ҷамъ намуд, Абдурраҳмон ибни Авф ба ӯ гуфт: Аз худат шурӯъ кун. Гуфт: Не, савганд ба Худо аз касе шурӯъ мекунам, ки ба Паёмбар (с) наздиктар бошад ва аз бани Ҳошим, қабилаи Паёмбар (р) шурӯъ менамоям, пас барои Аббос ва сипас барои Алӣ ҳуқуқ муқаррар кард ва ба ин тартиб барои панҷ қабила ҳуқуқ муқаррар намуд, то ки ба қабилаи бани Адй дар охир расид. Ба ин тартиб исми афроде аз бани Ҳошимро, ки дар ҷанги Бадр ҳузур доштаанд, навишт, сипас афроде аз бани Умая ибни Абдушшамс, ки дар ҷанги Бадр ширкат доштаанд номҳояшонро навишт ва сипас ҳамчунон номи афроди наздиктар ба Паёмбар (с) –ро навишт ва барояшон бахшишу ҳадияҳоро муқаррар намуд ва барои имом Ҳасан ва Ҳусайн гарчи дар ин гурӯҳ набуданд, ҳуқуқе ба андозаи инҳо муқаррар кард ба хотири нисбат ва мақоме, ки назди Паёмбар доштанд.[1]

Аллома Шиблии Нуъмонӣ дар китобаш (Форуқ) таҳти унвони «Риъояти ҳуқуқ ва одоб миёни аҳли байт ва асҳоб» мегӯяд: Умар (р) дар умури муҳим қабл аз он ки бо Алӣ машварат кунад, ҳаргиз тасмими қатъӣ намегирифт ва Алӣ бо ниҳояти хайрхоҳӣ ва мухлисона ба ӯ машварат медод ва Умар (р) талош намуда буд, то фармондеҳии лашкарро дар ҷанги Наҳованд ба Алӣ биспорад. Аммо Алӣ мувофиқат накард. Ҳангоме, ки Умар ба Байтулмуқаддас сафар кард, Алиро дар хама корҳои хилофат дар Мадина ҷонишини худ намуд ва дар ниҳоят иттифоқу якпорчагии онҳо вақте ки Алӣ духтараш Умми Гулсумро, ки духтари Фотима буд, ба издивоҷи Умар даровард, намудор шуд ва бар ҳама

[1] Китобу-л-Хироҷ-и Абуюсуф, саҳ 24-25.

ошкор гардид.[1] Ва ончи пеш аз ҳама чиз бар равобити маҳкам ва холиси Умар ва Алӣ далолат менамояд ин аст ки Алӣ духтарашро ба издивоҷи Умар даровард, бо ин ки синни Умар боло буд ва занҳои дигар ҳам дошт. Ҳамчунин Алӣ се фарзандашро бо номҳои хулафои пеш аз ӯ (Абубакр, Умар, Усмон) номгузорӣ кард.[2]

Ин возиҳтарин намуна барои эътимод ва муҳаббате аст, ки Алӣ ва Умар бо якдигар доштанд ва низ метавонем мисолҳои дигаре барои ин иртиботи қавӣ пешкаш кунем, аммо аз он ҷо ки мехоҳем баҳсро мухтасар кунем, ба ончи ки баён намудем, иктифо мекунем.

## ТАСВИРИ ЗЕБО АЗ ДАВРОНИ АСҲОБ БА ҚАЛАМИ ШОЪИРИ БУЗУРГИ ҲИНД АЛТОФ ҲУСАЙНИ ҲОЛӢ

Ва бинобар ин вижагиҳо аввалин ҷомеъаи исломӣ, ки бар асоси ҳамроҳии Паёмбар (с) ва тарбияи имонӣ ва таълимоти Қуръонӣ устувор буд гулдастаи зебо гардид, ки ҳар гул ва ҳар барги он сабаби зебоии он гулдаста буд ва қабилаҳои мухталиф ва хонаводаҳои зиёд ва мардоне аз табақаҳои гуногун ба як хонаводаи хушрафтор ва ҳамдил табдил шуда буданд ва тарбияи эъҷозангези Паёмбар (с) ва таълимоти ҷаззоби Ислом онҳоро ба муҳаббат ва эътимод гирд оварда буд ва дар ин

---

[1] Дар мавриди ин издивоҷ ва далоили он ва мунокишаи торихӣ, илмӣ ва каломӣ дар ин мавзӯъ баҳси муҳимме дар китоби маъруф Муҳсину-л-мулк ба номи Оёти баййинот 1\127-164 чопи Мирзопур омадааст.

[2] Алабқариёт, Аббос Маҳмуди Аққоди Мисрӣ, Абқарияту-л-Имом, саҳ 95, чоп Дору-л-футуҳ, Қоҳира.

муносибат ҷуз ин ки қитъае аз сурудаҳои шоъири бузург, Алтоф Ҳусайни Ҳолӣ аз девони маъруфаш ки ба (Шаш байти Ҳолӣ) машҳур аст нақл кунем, чорае намебинем.

Ӯ дар ин ашъор тасвири гӯё ва зебо аз ҷомеъаи асҳоб (р) нишон додаст. Бо вуҷуди ин, ки тасвир аст аз ҳақиқат ва воқеъият сухан мегӯяд. Аммо бисёр зебо ва дилкаш аст, ки баъд аз сираи паёмбарон ва таърихи онҳо дар маҷмӯъаи бузург ва густурдаи инсоният ҷойгоҳи воло ва болотар аз ҳама дорад. Шоири бузургвор дар ҳоле ки аз даврони хилофати рошид ва аҳволи саҳобагон ҳарф мезанад чунин мегӯяд «Вақте Худованд ба уммати Ислом неъмати ҳақро арзонӣ кард ва Паёмбар масъулияти худро ба беҳтарин шакл анҷом дод ва ҳуҷҷати Илоҳӣ бар бандагон собит гардид ва Паёмбар аз ҷаҳон рахт барбаст ва ба малакути аъло пайваст, баъд аз худ уммате ба ҷо гузошт, ки ворисҳи Ислом шуданд ва назири ин уммат дар тамоми ҷаҳон ёфта намешавад. Ҳамаи ин мардум таслими фармони Ислом буданд ва мусалмононро ёрӣ мекарданд ба Худо ва Паёмбараш вафодор буданд, бо ятимон ва бевазанон ҳамдардӣ мекарданд, аз роҳи куфру ботил рӯгардон буданд ва дар роҳи ҳақ ва виҷдон мастона ҷонҳояшонро фидо мекарданд. Онҳо расмҳои ҷоҳилиятро маҳву нобуд карданд ва асоси киҳонатро дар ҳам кӯбиданд ва дар баробари фармонҳои дин сари ва ҷонҳову молҳояшонро дар роҳи Худо саховатмандона фидо намуданд, худашонро дар баробари ҳар мусибату балое сипар қарор медоданд, зеро ки онҳо ҷуз аз Худованд аз чизе наметарсиданд. Агар дар миёни худ дар мавриди чизе ихтилоф мекарданд, манбаъи он ҷуз ихлос чизи дигар набуд ва ҳар гоҳ дар мавриди коре дар кашмакаш мепардохтанд, гӯё ин кашмакаш ва задухӯрд аз сулҳ ва мусолимат беҳтар будааст ва он ҷуз мавҷи озодии имонӣ, ки тамоми боғҳои ҷаҳони башариятро сарсабз ва хуррам

кард чизи дигар набуд. Онон дар хӯрдан ва нӯшидан такаллуф ва исроф намекарданд. Зебоӣ ва худороиро дар пӯшок ҷустуҷӯ намекарданд ва фармондеҳу сарбоз дар як сатҳ буданд ва ҳамчунин сарватманд ва фақир дар як ҳолат қарор доштанд. Оре, боғбони бузургвор боғчае дуруст карда буд ва дарахтони баробар ва ҳамгуна дар он кошта буд. Халифа чӯпон ва нигаҳбони уммат буд чи тавр ки чупон аз галаи гӯсфандон муроқабат мекунад, байни мусалмон ва зимӣ фарқ намекарданд ва на онхо ба вуҷуди фарқ миёни барда ва озод бовар доштанд. Ҳамчунин робитаи каниз ва бонӯ чун робитаи хоҳарон ва модарон ва духтарон бо якдигар буд, бештари талошҳои онон бра роҳи ҳақ мутамаркиз шуда буд ва фақат бар асоси ҳақ равобиташон маҳкам буд ва оташи хашми онон худ ба худ рӯшан намешуд, балки маҳорашон фақат дар дасти шариъат буд. Бинобар ин ҳар куҷо ки аз онҳо хоста мешуд, ки нармӣ кунанд, нарм мешуданд ва ҳар куҷо, ки барои ҷанг ва мубориза хоста мешуданд, ҳаракат мекарданд.

Ва дар ҷои миёнаравӣ, миёнаравӣ мекарданд ва дар маҳали саховат бузургвор ва бахшанда буданд ва ба асли эътидол дар муҳаббат ва душманӣ пойбанд буданд ва бидуни ин ки ҷое тақозои муҳаббат намояд, муҳаббат намекарданд ва бидуни иллат мутанаффир намешуданд ва ҳар касе ки дар баробари ҳақ сари таслим фуруд меовард, таслими ӯ мешуданд ва ҳар кас, ки аз ҳақ рӯ мегардонд аз ӯ рӯй бар метофтанд».[1]

## ДАЛЕЛИ ПАЗИРОИИ СИРИШТИ ИНСОНӢ БАРОИ ТАЛОШҲОИ ИСЛОҲ ВА ИФТИХОРИ БУЗУРГИ ИНСОНИЯТ

[1] Мадду-л- Ислом ва ҷазруху. саҳ 37-38.

Симои ҷомиъаи Ислом ва қомати он ки дар партави Қуръон ва суннат ва таърихи мӯътабар намуд пайдо мекунад ва болотар аз ин, он чи аз табиъат ва самтҳои ин ҷомиъа маълум мешавад танҳо мусалмонҳоеро ки дар оғӯши нубувват тарбият ёфтанд ва роҳнамудҳояшонро дар мактаби нубувват ва Қуръон фаро гирифтанд ба тасвир намекашаду муҷассам наменамояд, балки симои зебо ва шигифтангези мардумони зиёдеро, ки назир надоштанд, нишон медиҳад, ҳатто наметавон теъдоди андакеро монанди онҳо нишон дод бо ин ки қарнҳо, замон ва макони онҳо бо дигар мардум тавофут дорад ва наметавон гурӯҳеро нишон дод, ки дар бархе аз дараҷаҳо ва намунабудан бо онон шабеҳ бошаду назири онҳо бошад.

Ин амр далели возеҳ аст бар салоҳияти фитрати инсонӣ барои пазируфтани хайр ва тарақии он ва имконоти васеъ барои покизагӣ ва баландпарвозии он то ҷое, ки зеҳни инсон тасаввур наметавонад кунад ва низ бар муваффақияти талошҳои мухлисонае, далолат мекунад ки мардони муслиҳ ва ёришуда аз ҷониби Худо анҷом додаанд ва осори мондагори онҳо ба хубӣ ва ба таври комил равшану ҳувайдо мегардад ва ҷо дорад, ки башарият ба хотири он ба худаш биболад ва инсон дар ҳар аср ба хотири ончи ба фармони Илоҳӣ дар миёни ҳамнавъони худ ёфта ифтихор кунад ва ин чизе аст, ки инсонҳоро аз беморихои маъюсӣ ва эҳсоси ҳақорат ва фирор аз ҷомеъаи инсонӣ наҷот медиҳад ва ҳимматҳои онон, ки дар хати дуруст кор мекунанд боло меравад ва ангезаву ташвиқкунандаи муҳаббати холисона ба ҳамаи паёмбарон ба вижа ба ҳазрати хатми мартабат ва имоми паёмбарон Муҳаммад (с) дар вуҷуд реша медавонад ва бо мушоҳидаи осор ва натиҷаҳои тарбият ва таълими

Паёмбар (с), имон доштани ба ғайб ба имони аз рӯи мушоҳида табдил мешавад.

Воқеан шайхулислом Ибни Таймия бисёр дуруст гуфтааст он ҷо ки мегӯяд: Беҳтарин афроди ин уммат асҳоби Паёмбар (с) ҳастанд, дар уммат ҳеҷ маҷмуъае бузургтар аз онҳо ки бар ҳақ ва ҳидоят гирд омада бошад вуҷуд надоштааст ва ҳеҷ гурӯҳе аз онҳо аз ихтилофу тафриқа дуртар набудааст ва ҳар костиву кӯтоҳӣ ки аз онҳо гуфта мешавад агар бо ончи дар дигарон ёфта мешавад муқоиса карда шавад бисёр андак ба назар меояд. Ва агар айбҳое, ки дар уммат вуҷуд дорад бо айбҳое, ки дар дигар уматҳо ёфта мешавад муқоиса шавад бисёр андаку ночиз аст. Иштибоҳи айбгирандагон ва таъназанони асҳоб ин аст, ки лакаи сиёҳи кӯчаке дар порчаи сафед таваҷҷӯҳи онҳоро ҷалб кардааст ва сафедии тамомии порчаро намебинанд ва дигар гурӯҳҳо ғайр аз асҳоб монанди порчаи сиёҳ ҳастанд, ки тамом сиёҳ аст ва фақат як нуқтаи сафеде дар он ба назар меояд.[1]

## СИМОИ МУШАВВАҲ ВА ТОРИКЕ, КИ ШИЪА АЗ ДАВРОНИ НАМУНА ВА НАСЛИ АВВАЛИ ИСЛОМӢ БА ТАСВИР МЕКАШАД

Аммо комилан баръакси ин, гурӯҳе иддаъо мекунанд, ки мусалмонанду уммати Паёмбар (с)

---

[1] Минҳоҷу-с-суна, шайху-л- ислом Ибни Таймия, 3\242

мебошанд, ки онҳо фирқаи имомияи исноъашарӣ ҳастанд. Онҳо аз ин ҷомеъа ва ин аср тасвири баръакс нишон медиҳанд, ки ҳама талошҳоеро, ки Паёмбар (с) дар заминаи тарбия ва раҳнамоӣ анҷом додааст, пуч ва ботил меангорад ва чунон нокомие барои ӯ собит мекунанд, ки дар дунё шояд ҳеҷ муслиҳ ва муршиди моҳир ва мухлисе, ки аз ҷониби Худо маъмур набуда ва аз осмон кӯмак нашудааст ва ваҳй бар ӯ нозил нашуда ба он нокомӣ гирифтор нашудааст. Гурӯҳи имомия ба иллати носипосӣ, ҷафову хиёнат, ҳақпӯшӣ, худпарастӣ, дӯст доштани ҷоҳ ва ҷоиз қарор додану истифода аз ҳар навъ талошҳо, дасисаҳо ва таҳрифоту тӯҳматҳо ба хотири аҳдофи палидашон чунон симои бенур, сиёҳ ва нописанде нишон медиҳанд. Ин симои тира ва нописанд аст, ки на танҳо мардумро аз сарнавишти талошҳои исломӣ ва тарбиятӣ ноумед мекунад, балки инсонро аз салоҳияти тамоми инсоният ва сарнавишт ва оянда маъюс мекунад.

Аз дидгоҳи шиъаи имомия натиҷаи тамоми талошҳои саҳмгин, ки Паёмбар (с) дар тайи бисту се сол ба харҷ дод, фақат се нафар (ва тибқи ривояте чор нафар) будааст. Ва ҳамин се ё чаҳор нафар фақат баъд аз вафоти Паёмбар (с) ба Ислом побанд будаанд ва ғайр аз инҳо дигар асҳоб дарҳол баъд аз вафоти Паёмбар (с) робитаашонро бо Ислом қатъ намудаанд – Алъаёзу биллоҳ ва имомия собит кардаанд, ки сӯҳбату ҳамроҳии Паёмбар (с) ва тарбияти ӯ дар ҳадафе, ки мавриди назараш будааст шикаст хӯрда ва ноком шудааст[1].

---

[1] Агар сухан гуфтан аз ҳидоятҳо ва таассуроти афроди уммат, ки ба фазли тарбияи Паёмбар (с) ба он ҷойгоҳ расидаанд дар канори таъсири инқилобангезе, ки сӯҳбату ҳамроҳии Паёмбар (с) ва тарбияти ӯ ба вуҷуд овард, навъи беадабӣ ва ҷасорат набуд, мо аз зиндагии муслиҳони бузургвор ва роҳнамоёни роҳ дар тайи асрҳои мухталиф сухан мегуфтем ки сухан гуфтан аз онҳо далолат аз ин

Дар китоби «Ал-ҷомеъу-л-кофӣ» шиъаи исноъашария онро саҳеҳтарин китоб мешуморанд, дар фасли охири он таҳти унвони (Китобу-р-равза) ривояте аз имом Аби Ҷаъфар (Имом Муҳаммади Боқир) нақл шуда, ки мегӯяд: (Ҳама мардум баъд аз Паёмбар (с) муртад шуданд, ба ҷуз се нафар. Гуфтам: Он се нафар кӣ ҳастанд? Гуфт: Миқдод ибни Асвад, Абузари Ғифорӣ ва Салмони Форсӣ (р)»[1].

## ХУМАЙНӢ ВА ГУФТАҲОЯШ

Роҳбари инқилоби Эрон ва бунёнгузори «Ҳукумати исломӣ» ва ноиби имоми ғоиб, дар китобаш Кашфу-л-асрор, асҳобро бо чунон сифатҳое тавсиф мекунад, ки

---

менамояд, ки ҳар кас муддати замоне бо онҳо ҳамнишин будааст ва даст дар дасти онҳо гузоштааст ба фарди хубу шоиста табдил мешудааст. Аммо суроғ дорем, ки муҷримони саркаш ва мунҳарифони сангдил, вақте ки дидорашон бо он муслиҳон ва тавба дар пеши онҳо барояшон муяссар шуда аст ба мардони парҳезгор ва намунаи истиқомати бар ақида ва парҳез аз гуноҳ ва бадиҳо табдил шудаанд. Дар таърих иттифоқ афтода, ки фарди гуноҳпеша ва муҷриме ки мардум аз тарси ахлоқ ва рафтори нодурусташ аз ӯ фирор мекарданд ва аз ислоҳи ӯ маъюс буданд, агар иттифоқан фақате як шабро дар канори яке аз ин солиҳон ва мураббиён сипарӣ менамуд, ин муҷрим ба марди парҳезгор, ки шабҳоро бо хондани намоз субҳ менамояд, табдил мешуд, то охирини дами зиндагӣ бар ин хислат истиқомат дошт. Чунин воқеъот аз даврони рисолат то қарнҳо баъд ҳатто дар сарзаминҳои дур аз маркази Ислом, монанди Ҳинд рух додаанд. Барои тафсили бештар ба китоби (Имоме, ки ҳақашро аз инсофу эътироф адо накарданд) асари муаллиф ва дигар китобаш (Изо ҳабба риҳу-л- имон) ва илова аз ин ба дигар китобҳо муроҷиъат кунед.

[1] Фуруъу-л-кофӣ, ҷузъи саввум, фасли «Китобу-р-равза» саҳ 115. чопи Лакҳна ва тибқи ривояти дигар Аммор ибни Ёсир чаҳоруминӣ афрод аст.

онҳоро одамони дунёпараст, худонотарс ва таҳрифкунандагони Қуръон ва дар ниҳоят кофир мешуморад. Ӯ дар китобаш Кашфу-л-асрор мегӯяд: Барои онҳое, ки ҷуз барои дунё ва раёсат бо Ислом ва Қуръон сарукор надоштанд ва Қуръонро василаи иҷрои нияти фосиди худ карда буданд, осон буд, ки он оётеро, ки бар хилофати Алӣ (ъ) ва вилояти аима (ъ) далолат мекунад, аз Қуръон бардоранд ва китоби осмониро таҳриф кунанд ва барои ҳамеша Қуръонро аз назари ҷаҳониён дур бияндозанд, то рӯзи қиёмат ин нанг барои мусалмонҳо ва Қуръон бимонад ва ҳамон айберо, ки мусалмонон ба китоби Яҳуд ва Насоро мегирифтанд, айнан барои худи инҳо собит шавад.[1] Ва дар ҷои дигар менависад.

Ин ки фаразан агар Қуръон исми имомро таъин мекард, аз куҷо хилофу фитна сар назадан дар байни мусалмонҳоро натиҷагирӣ мекунем. Онҳое ки солҳо дар тамаъи раёсат худро ба дини Паёмбар (с) часпонда буданд ва дастабандиҳо мекарданд, мумкин набуд, ки ба гуфтаи Қуръон аз кори худ даст бардоранд. Бо ҳар ҳилае, ки буд, кори худро анҷом медоданд, балки шояд дар ин сурат хилоф байни мусалмонҳо тавре мешуд, ки ба харобшавии асли Ислом тамом мешуд, зеро ки мумкин буд, онҳо ки дар садади раёсат буданд, чун медиданд, ки ба исми Ислом намешавад ба мақсуди худ бирасанд, ҳизбе бар зидди Ислом ташкил мекарданд.[2] Ва дигар гуфтаҳои Хумайнӣ дар мавриди Шайхайн (Абубакр ва Умар) ва Зиннурайн (Усмон) ва дигар асҳоб (р), ки наметавонем онро дар инҷо нақл кунем – барои иттилоъ аз он ба китоби форсиаш «Кашфу-л-асрор» мурочиъа кунед ё ба китоби Шайх Муҳаммад Манзури Нӯъмонӣ. «Инқилоби Эрон, имом Хумайнӣ ва Шиъа» мурочиъа

---

1 Кашфу-л-асрор саҳ,114.

2 Кашфу-л-асрор саҳ. 113-114.

шавад. Зеро нақл кардани он дар инҷо лозим нест ва низ нақл кардани ҳамаи он инҷо имконпазир нест.

## ТАҲЛИЛИ РӮШАН ВА САРИҲИ АМИР МӮҲСИНУ-Л-МУЛК

Таҳлил ва изҳори назари Амир Мӯҳсину-л-мулк[1] (Саид Муҳаммад Маҳдӣ Алӣ) пиромуни ақоиди ин фирқа дар мавриди асҳоби киром (р) ва рафторашон бо якдигар дар китобаш «Оёти баййинот» чунон сариҳ ва равшан аст, ки наметавон ба он чизе изофа кард ва ҳар инсоне ки аз фитрат ва табиъати солим бархурдор бошад, баъд аз донистани ин воқиъият наметавонад дар баробари он бо услуби зеботар аз равиши ӯ аксуламал

[1] Ӯ Амир Мӯҳсину-л-мулк, Мирнавозҷанг Саид Маҳдӣ Алӣ фарзанди Сайидзомин Ҳусайнӣ (1253-1325 ҳ. қ.) аз афроди мумтоз ва барҷастаи ин даврон мебошад ва ӯ яке аз созандагони насли фарҳангӣ ва хидматгузорони он шумурда мешавад. Вай дар хонаводаи шиъа ба дунё омад ва ба сабаби табиъати солим ва салоҳияти вижаи ӯ дар тафаккур ва андешидан ба мазҳаби аҳли суннат рӯй овард ва ба он чанг зад. Ӯ ба даъвати амиру Мухтору-л-мулк дар соли 1291 ҳ.қ. ба Ҳайдаробод рафт ва мақому мансаби олиро дар он ҷо ба ӯҳда гирифт ва ислоҳоти бузурге дар ҳукумат анҷом дод ва салоҳиятҳои ақлӣ ва корбурдеро, ки Худованд ба ӯ бахшида буд, исбот кард. Дар соли 1305 ҳ. ба Ингилистон сафар намуд ва дар он ҷо аз марказҳои омӯзиш дидор кард ва бозӯи рост ва ёвари тавонои Саидаҳмадхон (муассиси Донишгоҳи Исломии Алигарҳ) дар тӯли зиндагиаш буд ва ба унвони дабири Конфронси омӯзиши Исломӣ ва мудири донишкадаи улум дар донишгоҳи Алигарҳ интихоб шуд ва то охири зиндагиаш бар ин мақом боқӣ буд. Амир Мӯҳсину-л-мулк шахсияти муҳим ва аз тавоноии волое дар суханронӣ ва нигориш бархурдор буд. Китоби (Оёти баййинот)-и ӯ дар мавзӯи худ китоби беҳамто ва бисёр арзишманд аст, (Барои иттилоъ аз шарҳи ҳоли ӯ ба китоби «Нузҳату-л-хавотир» асари аллома Сайид Абдулҳайи Ҳуснӣ ҷилди 8 мурочиъат кунед).

нишон диҳад. Ӯ мегӯяд: Ҳақиқат ин аст, ки ақидае, ки шиъа дар мавриди асҳоби киром (р) доранд, боис мешавад то Паёмбар (с) муттаҳам қарор бигирад ва ҳар кас аз ин ақидаҳо иттилоъ дошта бошад, дар мавриди дини Ислом дучори шак ва тардид мешавад, зеро касе, дар мавриди афроде, ки ба Паёмбар (с) имон овардand, чунин мӯътақид бошад, ки онҳо фақат ба зоҳир мусалмон, аммо дар ҳақиқат кофир будаанд, (Алъаёзу биллоҳ) ва дар ҳол баъд аз вафоти Паёмбар (с) муртад шудаанд наметавонад нубуввати Паёмбар (с) –ро тасдиқ намояд, балки метавонад бигӯяд: Агар Паёмбар (с) дар нубуввати худ ростгӯ мебуд, таълимоти ӯ таъсирбахш воқеъ мешуданд ва афроде ёфта мешуданд, ки аз самими қалб ба ӯ имон меоварданд ва аз теъдоди зиёде, ки ба ӯ имон оварда буданд, сад ё дусад нафар бар имони худ собитқадам ва пойдор мемонданд. Бинобар ин вақте асҳоби киром (р) дар имон ва исломи худ (он гуна ки онҳо гумон мебаранд) комил намебуданд, пас чӣ касоне аз ҳидояту раҳнамудҳои Паёмбар (с) мутаассир шудаанд ва шумори касоне, ки аз нубуввати ӯ истифода намудаанд чӣ қадар ас,т пас агар асҳоби ӯ ба ҷуз чанд нафар боқи ҳама ба гумони онҳо мунофиқ ва муртад будаанд – (Аъаёзу биллоҳ) пас чи касе Исломро пазируфтааст? Ва чи касе аз таълими Паёмбар (с) ва тарбияи ӯ баҳраманд шудааст.[1]

## СУХАНИ ШАЪБӢ ДАР МАВРИДИ ШИЪА

Имом Шаъбӣ (вафоташ соли 110 ҳ.) дар муқоисаи шиъа бо яҳуд ва насоро ва қазовати онҳо дар мавриди ёрони Паёмбаронашон ва шинохти ҷойгоҳи онон бисёр

[1] Оёти байййинот, 1\6-7. чопи Мирзопур (Ҳинд, соли 1870 м.)

зебо гуфтааст, аз ӯ ривоят шуда ки ӯ гуфт: «Аз Яҳудиён пурсида шуд, ки беҳтарин афроди дини шумо чӣ касоне ҳастанд? Беҳтарин афроди уммати мо ёрон ва асҳоби Мӯсо мебошанд, ва аз Насоро пурсиданд. Гуфт: ки беҳтарин афроди миллати шумо чӣ касоне ҳастанд? Гуфтанд: ёрони Исо (ъ) беҳтарин афроди уммати мо ҳастанд. Ва аз рофиза ва шиъа пурсида шуд, ки бадтарин афроди шумо киҳо ҳастанд? Гуфтанд: Ёрон ва асҳоби Муҳаммад бадтарин афроди уммати мо ҳастанд. Онҳо маъмур шудаанд, то барои асҳоб талаби омурзиш кунанд, аммо онҳо ишонро дашном доданд».[1]

## МУҚОИСАИ АСҲОБИ ПАЁМБАР (С) БО ДУНЁПАРАСТОН ВА САРКАШОНЕ, КИ БА ҲУКУМАТ ВА РАЁСАТ ЧАШМ ДӮХТАНД

Чунон ба назар ояд, ки ин эрониҳо асҳоби киром (р) ва касонеро, ки дар мадрасаи нубувват тарбия шудаанд, бо муассисини ҳукуматҳо ва афроди моҷароҷӯ, бедиққат, ҷоҳпараст, ҳариси молу сарват муқоиса кардаанд, чунон афроде, ки намунаи он дар подшоҳони Эронӣ аз қабили Паҳлавӣ ва каёнӣ ва ахиран сафровиҳо ва қоҷорҳо ёфт мешавад. Агар дуруст бошад, ки падар бузург ва бобои аълои Хумайнӣ аз иёлоти Увдаи Ҳинд ба Эрон ҳиҷрат кардааст, шакке нест, ки ӯ асҳоби киром (р)-ро бо феодалҳову, заминдорҳо ва шоҳон[2], фиребкорони моҳир ва мардони маҳкамаву додгоҳ, онҳое ки истифода аз ҳар василаро барои ба даст овардани замин, зан ва мол ҷоиз медонанд муқоиса кардааст.

[1] Минҳоҷус суннат 1\6.

[2] Иёлоти шимолӣ, ки Увда дар он ҷойгир буд бузургтарин маркази марксизм ва низоми феодалӣ дар замони ҳукумати Инглис ва пас аз он дар Ҳинд буд маҳсуб мешуд.

﴿ذَٰلِكَ مَبۡلَغُهُم مِّنَ ٱلۡعِلۡمِۚ إِنَّ رَبَّكَ هُوَ أَعۡلَمُ بِمَن ضَلَّ عَن سَبِيلِهِۦ وَهُوَ أَعۡلَمُ بِمَنِ ٱهۡتَدَىٰ﴾

**(Ин аст ниҳояти дониши онон ҳароина Парвардигори ту доност ба он, ки аз роҳи Худо берун рафт ва низ Ӯ ба он, ки роҳ ёфт, донотар мебошад.)**

*Сураи Наҷм 30.*

*Шарти дуввум*

# ФАРҚ БАЙНИ ПАЁМБАРИ ИН ДИН БО ҲОКИМОНИ СИЁСӢ ВА ҶАНГҶӮЁНИ КИШВАРКУШО

## Улгӯи набавӣ дар мавриди хешовандон ва афроди хонавода

Пештар баён кардем, ки дуввумин шарт барои дине, ки тамоми навъи инсониро мухотаб қарор медиҳад ва онро ба хубиҳои ахлоқӣ ва рафтори нек ва ислоҳу тағйири бунёдӣ фаро мехонад ин аст, ки ҳадафи аввалини даъваткунандаи ин дин – монанди бунёнгузорони ҳукуматҳои гузашта ва умуми роҳбарони сиёсӣ, ки дар таърихи ҷаҳон шинохта шудаанд – таъсиси як салтанати хонаводагӣ ва меросӣ набошад. Ки тамоми талошҳо даъвату таблиғ ва фидокориҳояшро дар ин роҳ ба харҷ диҳад ва аз талошҳое, ки анҷом медиҳад ҳадафаш ин набошад, ки афроди хонаводаашро бар мардум мусаллат намояд ва раёсату ҳукумати онҳоро бо ҳамвор кардани роҳ барои роҳбариву раёсат, рафоҳу хушгузаронӣ барои хонавода ва хешовандонашон, то муддати тӯлонӣ ва ҳифзи манофиъи онҳо то наслҳои оянда бар мардум таҳмил намояд. Вақте мо таърихи набавиро аз ин зовия мавриди баррасӣ қарор медиҳем бо дунёе аз муъҷизот рӯбарӯ мешавем, ки дар он табиъат ва сиришти нубувват, ки ифтихори тарбияти илоҳиро ба таври мустақим дорад то ҳудуди зиёде зоҳир мегардад, он гуна, ки Паёмбар (с) ишора намудааст: ***«маро Парвардигорам тарбият намуда ва хеле хуб адабу тарбият кардааст».*** Ва ахлоқи бузурги Паёмбар (с), ки Худованд ба он гувоҳӣ дода, баён фармудааст, ки «**Ҳароина ту (Эй Муҳаммад, бар ахлоқи**

**бузург ҳасти)»** дар он мутаҷҷалӣ мешавад. **Ва ҳароина ту бар ахлоқи бузургӣ.** *(Қалам: 4).*

Ва тасалсули сираи Набавиро дар он олами мӯъҷизот ошкоро дида мешавад, ки Қуръон ба забони ҳар паёмбаре онро маҳфуз кардааст. **Ва суол намекунам аз шумо бар таблиғи рисолат ҳеҷ музде. Нест музду подоши ман магар бар Парвардигори ҷаҳониён.**

*Сураи Шуаро 103.*

Роҳбари императори Рум Ҳерақл (610-641м), ки масеҳӣ буд ва мусалмон набуд, вале ба сурати хосе аз китобҳои динӣ ва таърихии умматҳо ва миллатҳо огоҳӣ дошт, ба ин роз пай бурда буд. Бинобар ин вақте номаеро, ки барояш Паёмбар (с) фиристода буд, дарёфт кард, хост то ҳолатҳои Паёмбар (с) –ро бидонад, то назари дуруст ва қатъӣ дар мавриди ӯ иброз дорад. Дар он вақт яке аз сардорони Қурайш, Абусуфён, ки дар он рӯзҳо саргарми дидор аз кишвари ӯ буд, ҳузур дошт. Ҳерақл чанд суоле аз Абусуфён кард ва яке аз саволҳое, ки аз Абусуфён пурсид, ин буд, ки гуфт: «Оё касе аз падарон ва ниёкони ин Паёмбар подшоҳ будааст?»

Абусуфён гуфт: «На», сипас вақте Ҳерақл суханонеро, ки миёни Абусуфён ва ӯ радду бадал шуда буд, таҳлил кард, гуфт: «Ва аз ту пурсидам, ки оё касе аз падарон ва аҷдоди ӯ подшоҳ будааст? Ва ту гуфтӣ на, бинобар ин бо худам гуфтам: Агар яке аз падаронаш подшоҳ мебуд, мегуфтам. Марде аст, ки салтанату подшоҳоии падарашро мехоҳад»[1]. Пас вақте мо сираи набавиро аз ин зовия баррасӣ кунем ва бо ин миқёс онро бисанҷем, мисолҳои зиёде мебинем, ки бар ин далолат менамоянд, ки манзур ва ҳадафи Паёмбар (с) аз даъват ва ҷиҳодаш, ки анҷом дода ин набудааст, ки салтанатро аз

---

[1] Саҳиҳи Бухорӣ, китоби Бадъу-л-ваҳй, 1\7, чопи Мустафо ал-боби Ҳалабӣ, Қоҳира, 1953-и мелодӣ.

дасти хонаводаҳои Сосониҳо ва румиҳо гирифта ба умуми арабҳо баргардонад чӣ бирасад ба ин ки ҳадафаш ба салтанат расондани бани Ҳошим ва бани Абдулмутталиб ва Қурайш бошад.

Пас чӣ гуна ӯ мехоҳад салтанати Ҳошимӣ таъсис намояд ё ҳукумат ва роҳбариро барои хонадони Абдулмтуталиб бунёдгузорӣ кунад, ҳатто намояндагони ин дин ва даъват, ки аз зумраи бузургон ва афроди радаи авали асҳоб набуданд, дар ин маврид хотирашон осуда буд ва ҳақиқатро бисёр хуб медоинстанд, ки ҳадаф аз ин дину даъват, салтанат ва раёсати як хонавода нест ва андозаи инро метавонем аз ҷавоби сареҳу бепардаи Рибъӣ ибни Омир ба фармондеҳи лашкари эронӣ ва бузургтарин мақоми давлати Эрон Рустам дарёбем, вақте ки Рустам аз ӯ пурсид: «Чӣ чиз шуморо ба ин ҷо овардааст?» Гуфт: «Худованд моро фиристода, то ҳар касе аз бандагонро, ки бихоҳад аз бандагӣ кардани бандагон ба бандагии Худованди ягона берун оварем»[1].

Рафтору муомалаи Паёмбар (с) бо хонавода ва хешовандонаш на танҳо аз шеваи рафтор ва бархурди сардорони модигаро ва ифтихоркунандагони ба насабҳо ва умуми фармонравоён, ки ба асли «Алақраб фа-л-ақраб» (*ибтидо он ки наздиктар аст муқаддам аст*), тан дармедиҳанд, фарқ мекард, балки комилан бо шеваи рафтори онҳо мухолиф буд ва асле, ки Паёмбар (с) бар асоси он амал мекард ин буд, ки ҳар кас ба ӯ нисбати қаробату наздикӣ дошт, ӯро дар лаҳзаҳои имтиҳон ва хатар бар мардум муқаддам менамуд ва ӯро дар пешопеши хатарҳо қарор медод ва ба ҳангоми тақсими ғаниматҳо ва бахшишу амвол ӯро дар охир қарор медод. Вақте ки Утба ибни Рабеъа ва Шайба ибни Рабеъа ва Валид ибни Утба – ки аз қаҳрамонон ва ҷангҷӯёни араб

---

[1] Наҳҷул балоға, 2\10 -11 чопи Қоҳира.

буданд – вақте фарёд бароварда ҷанги тан ба танро талабиданд, Паёмбар (с) Ҳамза ва Алӣ ва Убайда (р)-ро садо карду барои ҷанги тан ба тан бо онҳо сӯи майдон фиристод, бо ин ки Паёмбар (с) ҷойгоҳи ин қаҳрамонони Маккиро хуб медонист ва дар миёни муҳоҷирон шуморе аз қаҳрамонҳову шаҳсаворон буданд, ки воқеъан метавонистанд бо онҳо ҷанги тан ба тан кунанд. Ин се нафари Ҳошимӣ аз назари хешовандӣ наздиктарини афрод ба Паёмбар буданд ва беш аз ҳама онҳоро дӯст медошт, Паёмбар (с) онҳоро барои ҷанги як ба як фиристода ва нахост, ки бо наҷот додани онҳо аз хатар афроди дигареро ба хатар бияндозад ва Худованд чунин муқаррар намуда буд, ки эшон бар хатар ғолиб оянд ва бар душман пирӯз шаванд ва Алӣ ва Ҳамза (р) бо шикасти ҳарифонашон пирӯз ва муваффақ бозгаштанд ва Убайда захмӣ шуда буд.

Ва дар суханони Алӣ ибни Абутолиб (р) ончи ин мавзӯъро таъйид менамояд, омадааст, ӯ дар яке аз номаҳояш мегӯяд: «Вақте набард сахт дар мегирифт ва хунин мешуд ва мардум шона холӣ мекарданду ақиб менишастанд, Паёмбар (с) барои муҳофизати асҳобаш аз осеби найзаҳову шамшерҳо хонаводаашро ба хати муқаддам ва пеш-пеш меовард ва барои ҳамин буд, ки дар рӯзи ҷанги Бадр Убайда ибни Ҳорис кушта шуд ва Ҳамза дар ҷанги Уҳуд ва Ҷаъфар дар ҷанги Муъта кушта шуданд[1]. Аммо вақте Паёмбар (с) фарз будани закотро эълон кард, ки закот як рукни бузургу ҳамешагӣ то рӯзи қиёмат ва муассисаи ҷаҳонӣ ва василаи ҳамешагӣ барои даромадҳои молӣ аст – закотро бар бани Ҳошим то рӯзи қиёмат ҳаром қарор дод ва ҳеҷ баҳрае барои онҳо дар закот муқаррар накард. Ҳамчунин вақти суд ва рибоAccording ҳаром намуд, онро аз амакаш Аббос ибни Абдулмуталлиб

[1] Ал-Бидоя ва-н-ниҳоя-и Ибни Касир 7\39. Мактабату-л-маъориф, соли 1966-и милодӣ.

шурӯъ намуд ва онро дар хутбае, ки дар Ҳаҷҷатулвидоъ эрод намуд, эълом кард, пас фармуд: ***«Аввалин хуне аз хунҳои мо, ки онро ҳадар эълом мекунам, хуни писари Рабеъа ибни Ҳорис аст, ӯ барои ширхорӣ дар миёни қабилаи бани Саъд буд ва қабилаи Ҳузайл ӯро куштанд ва рибои ҷоҳилият беэътибор аст ва аввалин рибо ва суде, ки онро ботил эълом мекунам рибои Аббос ибни Абдулмутталиб аст, ки ҳамаи он беэътибор ва ботил бошад»[1].***

## ДАР ХАТАРҲО ПЕШОПЕШ ВА АВАЛ АЗ ҲАМА ВА ДАР МАНОФЕЪ ОХИР АЗ ҲАМА

Паёмбар (с) дар ҳама муносибатҳои роҳату оромиш ва бахшишу ҷоизаҳо хешовандонашонро дар охир қарор медод ва бар хилофи одати умуми подшоҳон ва роҳбарон ва фармонравоёни сиёсӣ дигаронро бар онҳо тарҷеҳ медод. Аз Алӣ (р) ривоят аст, ки Фотима шикоят кард, ки аз орд кардани гандум ранҷу азоб мекашад. Ба Фотима хабар расид, ки канизҳое барои Паёмбар (с) оварда шудааст, пас Фотима ба назди он Ҳазрат (с) омад ва аз ӯ хост то ба ӯ каниз ва хидматгоре бидиҳад. Паёмбар бо ӯ мувофиқат накард. Фотима моҷароро бо Оиша дар миён гузошт. Вақте Паёмбар (с) омад, Оиша (р) сухани Фотимаро барояш бозгӯ кард. (Фотима мегӯяд) Паёмбар (с) ба назди мо омад дар ҳоле, ки барои истироҳат ба рахти хоб рафта будем, хостем баланд шавем гуфт: Дар ҷоятон бошед, то ин ки хунукии поҳояшро бар синаам эҳсос кардам. Оё шуморо ба чизи беҳтаре аз он чӣ хостаед, раҳнамоӣ накунам? Ҳар гоҳе ба рахти хоб рафтед сиву чаҳор бор Аллоҳу Акбар бигӯед ва сиву се

---

[1] Саҳиҳи Муслим. Китоби Ҳаҷ, чопи Байрут 2\188 ва Абу Довуд бо ривояти Ҷобир ибни Абдуллоҳ.

бор Алҳамдулиллоҳ ва сиву се бор Субҳоналлоҳ бигӯед. Ин бароятон аз он чӣ хостаед беҳтар аст[1].

Ва дар ривояти дигаре, ки Аҳмад аз тариқи дигар аз Алӣ (р) ривоят намуда омадааст: Савганд ба Худо, ки ба шумо намедиҳам ва аҳли Суффаро раҳо кунам, ки шикамҳояшон аз гуруснагӣ печ мехӯрад ва чизе надоранд, ки барояшон харҷ кунам, балки ин канизҳоро мефурӯшам ва пулашонро барои онҳо харҷ менамоям.[2]

Ва инак намунаҳое аз рафтори Паёмбар (с) бо маҳбубтарин афроди аҳли байташ ва фарзандони хонаводааш пешкаши хонандагон мешавад ва баён мекунем, зиндагие, ки Паёмбар (с) барои онҳо меписандид ва шеваи зиндагие, ки онҳо интихоб карда буданд, чист?

Баъзе ин ривоятҳо аз қарори зайл аст:

1. Аз Ибни Умар ривоят аст, ки Паёмбар (с) вақте берун мерафт, охирин касе, ки Паёмбар (с) бо ӯ худоҳофизӣ мекард Фотима (р) буд ва чун бармегашт аввалин бор аз Фотима дидор менамуд. Вақте Паёмбар аз ҷанги Табук бозгашт, Фотима (р) чодари кӯчаке харида буд ва онро бо заъфарон рангин карда буд ва бар дари хонааш пардае овезон карда буд ва ё дар хонааш зерандозе андохта буд. Вақте Паёмбар (с) инро дид баргашт ва ба масҷид рафту дар он нишаст, Фотима фардеро назди Билол фиристод ва ба Билол гуфт: Бирав, бубин чӣ чизе Паёмбарро аз дари хонаам баргардонид, Билол ба назди Паёмбар (с) омад ва ӯро хабар кард. Фармуд: Ӯро дидам, ки дар он ҷо чунон ва чунин карда буд, Билол омад ва Фотимаро хабар дод, Фотима парда ва ҳама чизҳое, ки тоза дуруст карда буд пора карда рӯсарие, ки пӯшида буд берун кард ва андохт ва

---

[1] Саҳиҳи Бухорӣ. Китоби Ҷиҳод.

[2] Фатҳу-л-борӣ шарҳи Бухорӣ, Аллома ибни Ҳаҷари Асқалонӣ, 7\33-34, ба ривояти Аҳмад.

либосҳои кӯҳнаашро пӯшид, Билол ба назди Паёмбар (с) омад ва ӯро хабар кард. Онгоҳ Паёмбар (с) омад ва бар ӯ ворид шуду фармуд: Ин гуна бош, падару модарам фидоят бод.[1]

2. Аз Ибни Умар ривоят аст, ки Паёмбар (с) ба манзили Фотима омад, пас баргашт ва вориди хона нашуд. Алӣ омад ва Фотима (р) моҷароро барояш бозгӯ намуд. Алӣ ин қазияро ба Паёмбар (с) гуфт, фармуд: Ман бар дари хонаи Фотима пардае дидам маро ба дунё чӣ кор. Рови меафзояд парда зиннат дода шуда буд. Мегӯяд Рови онгоҳ Алӣ инро барои Фотима баён кард, Фотима гуфт: Паёмбар (с) он чӣ дӯст дорад маро ба ҳамон кор фармон диҳад ман иҷро мекунам. Алӣ ба он ҳазрат (с) гуфт, ки Фотима чунин гуфтааст, фармуд: Ин пардаро барои хонадони фалонӣ бифиристед, онҳо ба ин ниёз доранд[2].

3. Аз Савбон мавлои Паёмбар (с) ривоят аст, Расули Худо (с) вақте ба сафар мерафт охирин дидори аз хонаводаашро бо Фотима анҷом медод ва вақте аз сафар меомад аввалин касе, ки Паёмбар аз ӯ дидор ба амал меовард Фотима буд. Паёмбар (с) аз як ҷанге омад Фотима пардае бар дари хонааш овезон карда буд ва ду дастбанди нуқрагин ба дасти Ҳасан ва Ҳусайн карда буд. Расули Худо вориди хонааш нашуд, Фотима гумон кард, ки он чи ӯро аз ворид шудан ба хона боздоштааст, чизҳое аст, ки мушоҳида кардааст. Фотима пардаро пора кард ва дастбандҳоро аз дасти бачаҳо боз кард, онҳо гиря карданд ва ӯ дастбандҳоро дар миёни онҳо тика-тика кард. Онҳо дар ҳоле, ки гиря мекарданд, ба назди Паёмбар (с) рафтанд. Ӯ дастбандҳоро аз дасти онҳо

---

[1] Имом Ҳаммод ибни Исҳоқ (199-267 ҳ). Таракотулкабӣ (с) Матбааи Ҷомиаи Исломӣ дар Мадина чопи аввал 1984 м.

[2] Ҳаволаи гузашта. саҳ 57 ва охири ҷоҳи Аҳмад мин тариқи Фузайл ибни Ғазвон.

гирифт ва фармуд: Эй Савбон ин дастбандро барои фалонӣ бибар ва ин пардаро барои фалонӣ бибар, (Рови) (Манзури Паёмбар (с)) гуфт: Хонаводае дар Мадина буд ва он ҳазрат (с) фармуд: Инҳо (Фотима бо шавҳараш ва фарзандонаш) хонавода ва аҳли байти ман ҳастанд, дӯст надорам онҳо хубиҳояшонро дар дунё бихӯранд. Эй Савбон, барои Фотима (р) гарданбанде аз чӯб ва ду дастбанд аз Оҷ бихар.[1] Ин табиати набавӣ ки ҳамаи паёмбарон дорои он ҳастанд аз сухане, ки аз он ҳазрат (с) ривоят шуда зоҳиру ҳувайдо мегардад. Ривояте, ки дар он омадааст:

«إنا معشر الأنبياء لا نورث ما تركنا صدقة»

***Мо паёмбарон аз худ чизе ба ирс намегузорем он чӣ мо аз худ ба ҷой бигзорем садақа аст***»[2].

Ва танҳо ба ин басанда накард, балки зиндагии зоҳидона ва Расули Худо (с) қаноатмандона ва бахшишу исорро барои аҳлибайт ва хонадонаш то рӯзи қиёмат тарҷеҳ дод ва аз Худованд хост ва дуо кард, ки

«اللهم اجعل رزق آل محمد قوتاً»

***«Бор, Худоё, рӯзии Оли Муҳаммарод ба андозаи қут ва зарурат бигардон».***[3]

## НАҶОТ ВА ПЕШРАФТ ДАР ИСЛОМ БАСТАГӢ БА ИСТИЪДОД ВА ТАЛОШИ ШАХСӢ ДОРАД.

Оё дар чунин ҳолат мумкин буд, ки Паёмбар (с) барои хонавода ва хешовандонаш асбоби ҳукумати

---

[1] Ҳаволаи гузашта. саҳ 57-58 ва Ахраҷа Абудовуд фи аминин ва Уҳтад фи-л- Муснад амасгад ва ибни Моҷа фи тақсир.

[2] Бухорӣ ва Сунан-и Абудовуд.

[3] Саҳиҳи Бухорӣ. Китоби Ар-риқоқ ва Саҳиҳи Муслим китоби Аз-зӯҳд.

меросиро фароҳам намояд ва ё ин ки хилофат ва имомат[1]ро фақат маҳдуд ба онҳо кунад.[2] Аммо воқеият ин аст, ки Паёмбар (с) майдони илм, амал ва кушишу талошҳоро озод ва боз қарор диҳад, то умумияти дин ва мусовоту баробарии инсонӣ амалӣ гардад, ки тибқи усули Ислом ва эъломи ошкору бепардаи Қуръон меъёри каромат ва бартарӣ  дар Ислом парҳезгорӣ аст. **Ҳамоно гиромитарини шумо назди Худованд парҳезгортарини шумост.**

Ва ҳамчунин барои ин ки дар ҳар замон ва маконе фурсатҳои расидан ба болотарин мартабаҳои рӯҳонӣ ва мансабҳои дунявӣ барои тамоми афроди уммати Муҳаммад (с) мувофиқи амалу талошҳо, донишу ихлос ва ба андозаи шоистагии ҳар як шахс фароҳам бошад ва ҷиҳати ташвиқи уммат ба амал ва сабқату пешӣ гирифтан дар корҳои хайр он чӣ барои Паёмбар (с) муносиб аст ин аст, ки майдони илм, амал, талош ва кӯшишро боз бигзорад ва онро маҳдуд накунад ва нидои Қуръон дар ҳар замон дар миёни уммат танин меафканд, ки

﴿وَسَارِعُوٓاْ إِلَىٰ مَغۡفِرَةٖ مِّن رَّبِّكُمۡ وَجَنَّةٍ عَرۡضُهَا ٱلسَّمَٰوَٰتُ وَٱلۡأَرۡضُ﴾

[1] Аз мавҳуми имомат назди шиъа ашаъриҳо ва ҳудуди он ва имтиёзоти он дар саҳифаҳои оянда сухан хоҳем гуфт.

[2] Алӣ (р) аз дидгоҳи шиъа васйи (васиятшудаи ба хилофат) Паёмбар (с) аст ва тибқи тасреҳи Паёмбар ва оёти Қуръонӣ ҷонишини аввал ва халифаи билофасли Паёмбар (с) ва имоми маъсум будааст. Дунё бидуни имом наметавонад бошад ва бояд имом аз аҳли байт бошад ва ҳуҷҷати Худованд дар мардум барпо намешавад, то вақте имоме набошад ва мардум ӯро нашиносанд. Имон доштан ба ин имомон ва шинохтани онҳо шарти имони ҳар фард аст (н\к Риҷоли Кашӣ, саҳ 78. Усули кофӣ, саҳ 104.

**Ва шитоб кунед ба омурзиш ва биҳишти Парвардигори хеш, ки паҳноии он монанди осмонҳо ва замин аст ва омода карда шудааст барои парҳезгорон.**

(*Сураи Оли Имрон* – 133)

Ва Қуръон ин ҳақиқатро баён намуда, ки муваффақияти инсон ва саодату пешрафти ӯ бастагӣ ба кӯшишу талоши худи ӯ дорад, ки анҷом медиҳад.

﴿وَأَن لَّيْسَ لِلْإِنسَٰنِ إِلَّا مَا سَعَىٰ ﴿٣٩﴾ وَأَنَّ سَعْيَهُۥ سَوْفَ يُرَىٰ ﴿٤٠﴾
ثُمَّ يُجْزَىٰهُ ٱلْجَزَآءَ ٱلْأَوْفَىٰ﴾

**Ва он ки нарасад одамиро магар ин ки амал кардааст. Ва он ки саъйи одамӣ дида хоҳад шуд боз дода хоҳад шуд ба ҳисоби он саъй подоши тамом.**

**(***Сураи Наҷм оятҳои* 39-41**)**

Ва Қуръон тасреҳ намуда, ки ҳеҷ касе дар охират бори каси дигарро ба дӯш намекашад ва ҳар шахс масъули амали худаш мебошад.

﴿وَلَا تَزِرُ وَازِرَةٌ وِزْرَ أُخْرَىٰ﴾

**Ва бар надорад, ҳеҷ бардорандаи бори дигарро боз ба сӯи Парвардигори шумо руҷӯи шумо бошад.**

(*Анъом: 164*)

Ва дар ҳадисе, ки Бухорӣ ривоят карда, омадааст, ки Паёмбари Худо (с) қабилаи худаш бани Абдуманофро ном бурд, наздиктарин ва азизтарин афроди хонаводаашро ном бурду гуфт: Аз дороии шахсии ман ҳарчи мехоҳед дархост кунед ва дар баробари Худованд

наметавонам бароятон коре бикунам[1]. Мегуфт: (Эй бани Абдуманоф дар баробари Худованд наметавонам бароятон коре бикунам ва эй Сафия аммаи Паёмбар (с), дар баробари Худованд наметавонам бароят коре бикунам ва эй Фотима духтари Муҳаммад, ҳар чӣ аз дороиҳои шахсии ман мехоҳӣ, дархост кун, дар баробари Худованд барои ту наметавонам коре кунам)[2]. Балки ӯ ин муомиларо чунин тамом намуд, ки ***«(Ҳар кас аз назари амалаш ақиб бияфтад, насабаш ӯро пеш намебарад).»***

## ҲУКУМАТИ БУЗУРГИ ИЛОҲӢ ДАР ТАРТИБИ ХУЛАФО ВА ДАР РАФТОРИ ХУДОВАНД БО АҲЛИ БАЙТ

Аз дидгоҳи мо ин як воқеъаи иттифоқӣ набудааст ва на натиҷаи тавтиа ва барномарезӣ буд, ки баъд аз вафоти Паёмбар (с) фарде аз бани Тамим ба унвони ҷонишини ӯ интихоб шавад, ба ҷои ин ки яке аз афроди хонаводааш мақоми ҷонишиниро ба ӯҳда бигирад. Шахсияте, ки бидуни шак аз авфсоф ва фазоили волои инсонӣ бархурдор бувад – ӯ Абубакри Сиддиқ буд, ки ба интихоби ҳамаи мусалмонҳо ва салоҳдиди онҳо ба унвони ҷонишини Паёмбар (с) таъин шуд, бо ин ки ӯ аз бани Ҳошим ва бани Абдулмутталиб набуд. Ин барои он буд то барои мардум рӯшан шавад ва барои аввалин бор дар зеҳнашон ҷой бигирад, ки Ислом низоми худ меросӣ ва қазияи хонаводагӣ нест, балки он чӣ дар имомат ва хилофат эътибор дорад, ин лаёқату тавоноӣ,

---

[1] Яъне ҷуз амал ва кушиши инсон пеши дигар чизе барои ӯ корсоз нест.

[2] Саҳиҳи Бухорӣ. Китоби Тафсир.

хидматкардагӣ ва интихобу доварии мусалмонҳо аст. Ва баъд аз он то садсолаҳо бани Ҳошим фақат ба хотири илм, фазл, зӯҳду парҳезгорӣ, фидокорӣ ва истиқомати динӣ сазовори бузургдошт ва икроми уммати Исломӣ қарор дошта ва доранд ва мақоми роҳбарии динӣ ва пешвои илмиро доро будаанд ва уммати Ислом ин муҳаббату иродатро нисбати онҳо ба ҷо меовард, ҳамаи инҳо як чизи тасодуфи ва иттифоқӣ намебинам ва Худованд ба онҳо тавфиқ дод, то дар душвортарин лаҳзаҳо борҳо Исломро ёрӣ диҳанд ва дар пайкари ҷомеаи Исломӣ нерӯ ва рӯҳи тозае ба василаи руҳоният ростини ва азми росихи хеш дамиданд[1]. **Золика тақдиру-л-ъазизи-л-ъалим.[2]**

[1] Барои иттилоъи бештар ба саргузашти ин мардони рабонӣ, муроҷиъа кунед, онҳо уммати Муҳаммадро дар душвортарин мавқеиятҳо ёрӣ кардаанд ва таърихи бештар кишварҳои исломиро навиштаанд.
[2] Сураи Ёсин – 38.

## *Шарти саввум*

# Ҳифозати Худованд аз китоби ин дин ва посдории Худованд аз он

### НУСУСИ ҚУРЪОНӢ, КИ БАР СИҲҲАТУ МАСЪУНИЯТИ ҚУРЪОН ДАЛОЛАТ МЕНАМОЯНД

Дар гузашта баён кардем, ки саввумин шарт барои рисолати ҷовидонӣ ин аст, ки охирин китоби осмонӣ, ки бар охирин Паёмбар (с) нозил шуда, ва асосу пояи дини он шумурда мешавад ва сарчашмаи таълимоту даъвати ӯст ва василаи ҳамешагӣ барои иртиботи мардум бо офаридгорашон мебошад, бояд ҳар ҳарф ва нуқтаи он аз таҳриф маҳфуз ва қобили фаҳм ва дар дастраси инсон бошад. Ва хондан, ҳифз кардан, ба хотир доштан, фаҳмондан ва ҳамагонӣ будани он дар ҳама замон идома дошта бошад, бидуни ин ки монанди китобҳои гузашта дар он таҳриф ба амал ояд ва набояд монанди асари таърихӣ ё санадҳо ва васиятномаҳои хонаводаҳо ба як табақа ё як хонавода маҳдуду махсус бошад, ки ҷуз ба афроди хос нишон дода намешавад ва фақат онҳо аз он иттилоъ доранд. Тасриҳоти Қуръон дар ин маврид қатъӣ ва ошкор мебошанд ва вақте ки Ҷабраили амин Қуръонро ба Паёмбар (с) мерасонд, Паёмбар (с) барои ҳифз кардани он бо ҳамон иборат ва расониданаш ба дигарон бисёр мекӯшид ва иҳтимом меварзид. Худованд ба ӯ ваъда дод, ки Қуръонро ҷамъ хоҳад кард ва ҳама онро мехонанд. ***Ҳароина ҷамъ кардани он дар синаи ту бар ӯҳдаи мост ва низ осон кардани он ба ӯҳдаи мост. Пас чун онро хондем дар хондан аз ӯ пайравӣ кун. Боз ҳароина вазеҳ кардани он бар уҳдаи мо аст.***

﴿إِنَّ عَلَيْنَا جَمْعَهُۥ وَقُرْءَانَهُۥ ﴿١٧﴾ فَإِذَا قَرَأْنَٰهُ فَٱتَّبِعْ قُرْءَانَهُۥ ﴿١٨﴾ ثُمَّ إِنَّ عَلَيْنَا بَيَانَهُۥ﴾

**Пас чун онро хондем дар хондан аз ӯ пайравӣ кун. Боз ҳар оина возеҳ кардани он бар ӯҳдаи мост.**

(*Сураи Қиёмат:* 17-19)

Оёти мазкур ба ин ишора менамоянд, ки Қуръон дар синаҳо маҳфуз хоҳанд буд ва ба таври комил қироат мешавад бидуни ин ки каму костие дар он бошад ва сипас шарҳу баёни он фароҳам хоҳад шуд ва масъулияти идома ёфтани он то рӯзи қиёмат ба ӯҳда гирифта шудааст. Сипас вақте Қуръон ба мардум расид ва онро ба таври комил ё бахше аз онро дар синаҳо ҳифз ва аз бар намуданд ва баъд аз он ҷангҳое рух дод ва мардум дар шаҳрҳо пароканда шуданд ва шӯришҳову инқилобҳое падид омад, Худованд масъулияти ҳифозати Қуръонро бо ҳамон калимоташ то рӯзи қиёмат ба ӯҳда гирифт, Худованд мефармояд: **Ҳароина фурӯ фиристодем Қуръонро ва ҳар оина мо ӯро нигаҳбонем.**

(*Сураи Ҳиҷр:* 9)

## ГУВОҲИИ МУАРРИХИНИ ҒАЙРИ МУСАЛМОН

Ба ҷуз шиъаи дувоздаҳимомa, ки мегӯянд Қуръон таҳриф шудааст, тамоми мусалмонони гузашта ва ҳозир ҳама бар ин ақида иттифоқи назар доранд, ки Қуръон аз ҳар навъ таҳриф ва дастбурд маҳфуз аст. Мо дар ин ҷо барои нақли ақволи пешвоёни Ислом ва уламои бузург ва шахсиятҳои барҷастаи муслимин ниёзе намебинем, зеро солим будани Қуръон аз ҳар навъ таҳриф ва тағйир,

ақидаи аҳли суннат аст, ки бар он иттифоқ кардаанд.[1] Ва назди онҳо ақидаи таҳриф нашудани Қуръон бахше аз имон аст. Аммо мо шаҳодату гувоҳии афроди ғайримусалмон ба вижа нависандагон ва муаррихини масеҳиро дар ин ҷо меорем.

Дар «Доиратулмаориф»-и Британиё чунин омадааст: Қуръон аз тамоми китобҳои рӯи Замин бештар қироъат мешавад.[2] Аммо ховаршиносон ва муҳаққиқони урупоӣ, ки бовар надоранд, ки Қуръон аз тариқи ваҳӣ ба Паёмбар (с) нозил шудааст, онҳо низ назари мазкурро қабул доранд. Сер Вилйям Мейур, ки ба ҷафову душманӣ бо Паёмбар (с) машҳур аст то ҳаде, ки сер Сайид Аҳмадхон парчамдори омӯзиши пешрафта барои мусалмонон дар Ҳинд ночор шуда, то китобаш «Хутаботи Аҳмадия»-ро дар ради китоби сер Вилйям Мейур ба номи «Ҳаёти Муҳаммад» маъруф аст таълиф кунад.

Вилйям Мейур гӯяд: Ҳанӯз рубъи аср аз вафоти Муҳаммад (с) нагузашта буд, ки ихтилофоту даргириҳо ва дастабандиҳои шадиде падид омад, ки Усмон (р) қурбонии ин фитнаҳо шуд ва то ҳанӯз ҳам ин ихтилофот боқӣ ҳастанд. Аммо Қуръон китоби ҳамаи ин гурӯҳҳо буда ва ҳаст. Ин ки ҳамаи ин фирқаҳо дар ҳар замон фақат ҳамин як Қуръонро мехонанд, далили ошкоре аст барои ин ки китобе, ки имрӯза дар миёни мо аст ҳамон китобест, ки халифаи мазлум ба ҷамъоварӣ ва навиштани он дастур дод ва шояд танҳо китобе дар дунё бошад, ки тайи ҳазору дусад сол ҳамчунон матни он боқӣ монд ва таҳриф нашудааст.[3]

---

[1] Барои тафсилоти маҳфуз будани Қуръон, китобат ва нашри он ба китобҳои муътабаре, ки дар ин мавзӯъ навишта шудааст, мурочиъат шавад.

[2] Доирату-л-маорифи Британиё, унвон: Қуръон.

[3] Ҳаёти Муҳаммад. (Life of Mohammad).

Вҳеррӣ дар тафсираш мегӯяд: Қуръон аз ҳама саҳифаҳо ва китобҳои гузашта ба таври мутлақ солимтарин, саҳеҳтарин ва асилтарин китоб аст.[1] Леон Пул мегӯяд: Бузургтарин имтиёзи Қуръон ин аст, ки дар асолати он тардиде нест, ҳар ҳарфе ки имрӯз мо мехонем метавонем итминон дошта бошем, ки дар тайи сездаҳ аср кӯчактарин тағйире дар он рух надодааст. (Selections forom the quran, p.c.) Басувурс мегӯяд: Мо китоберо дар ихтиёр дорем, ки дар асолат, саломат ва парокандагии мазомини худ яктову беназир аст ва ҳеҷ кас дар мавриди рост будани он шакку тардиди қобили эътиборе надоштааст. (Basoworth. op. cit.p.22)

Профессор Арнолд дар китобаш (Islamic faith) мегӯяд: Матн ва ибораҳои Қуръон калимоте ҳастанд, ки Паёмбар (с) бо забони худаш талаффуз кардааст.

Метавонем беш аз ин эътирофот ва шаҳодатҳое, дар мавриди асолати Қуръон биёрем, вале ба ҳамин андоза иктифо мекунем.

## АҚИДАИ ФИРҚАИ ШИЪАИ ДУВОЗДАҲИМОМА ДАР МАВРИДИ ҚУРЪОН ВА ГУФТАҲОИ ЭШОН

Ва дар муқобили ин, гуфтаҳои фирқаи шиъаро дар мавриди Қуръон баррасӣ мекунем, онҳо муътақиданд, ки Қуръон таҳриф шудааст. Ва тақрибан бар ин ақида иттифоқи назар ва иҷмоъ кардаанд.[2] Ва Нурии Табрисӣ китоби мустақиле дар мавзӯи исботи таҳриф дар Қуръон

---

[1] Тафсири Қуръон. Вҳеррӣ 1\249.

[2] Чаҳор нафар аз ин иҷмоъ мустасно мебошанд ва онҳо иборатанд: 1) Садуқ, 2) Шариф Муртазо, 3) Абуҷаъфари Тусӣ, 4) Абуалӣ Табрисӣ. Аммо дар мавриди баъзе аз инҳо собит шуда, ки аз ақидаи худ баргаштаанд.

таълиф кардааст[1] ва онро «Фаслу-л-хитоб фӣ исботи таҳрифи китоби Рабби-л-арбоб» номидааст. Ӯ дар китобаш навиштааст: беш аз ду ҳазор ривоят аз имомони маъсум омадааст, ки таъкид мекунанд, ки дар Қуръон ҳар навъ таҳрифе воқеъ шудааст.[2] Олимон ва нависандагони шиъа то асри Боқири Маҷлисӣ, ки охирин муҳаддиси фирқаи шиъа ва тарҷумони мазҳаби шиъа дар қарни ёздаҳум ва баъди он шумурда мешавад мегӯянд ва менависанд, ки Қуръони мавҷуд аз таҳрифу тағйир ва изофаву камкунӣ холӣ нест.[3]

Хонандагони гиромӣ сухани Хумайниро, ки дар саҳифаҳои гузашта баён кардем, хонданд, ки мегӯяд: (Асҳоби киром) метавонистанд он оётро аз Қуръон бардоранд ва китоби осмониро таҳриф кунанд ва барои ҳамеша Қуръонро аз назари ҷаҳониён бияндозанд.[4] Сипас мегӯяд: Ҳамин айберо, ки мусалмонон ба китоби Яҳуд ва Насоро мегирифтанд, айнан барои худи инҳо саҳобагон собит мешавад.[5] Дар Усули Кофӣ ки муътабартарин китоб дар назди имомия шумурда мешавад, мисолҳое барои мавозеъе аз Қуръон оварда шудааст, ки аз он мавозеъ ояҳо ба таври комил берун карда шудаанд ё таҳриф шудаанд.[6] Балки шиъаҳо дар ин иттиҳом то ҳаде пеш рафтаанд, ки иддао кардаанд, ки сеяки Қуръон берун андохта шудааст ва зоеъ шудааст ва шумори оятҳои Қуръон ҳафтод ҳазор будааст[7]. Онҳо ақида доранд, ки Қуръони аслӣ ҳамон аст, ки Алӣ (р)

---

[1] Ин китоб ахиран дар Покистон ба чоп расидааст.

[2] Барои тафсили бештар ба китоби Инқилоби Эрон, имом Хумайнӣ шиъа, асари Мавлоно Манзури Нӯъмонӣ муроҷиъа шавад.

[3] Фаслу-л-хитоб, саҳ 227.

[4] Кашфу-л-асрор, саҳ 114.

[5] Усули Кофӣ, саҳ 264-267.

[6]

[7]Усули кофӣ, саҳ,271

ҷамъоварӣ намуда ва акнун он Қуръон пеши имоми замон аст ва бо ин Қуръон фарқ мекунад.[1] Бархе аз имомҳои онҳо гуфтаанд. Мусҳафи Фотима пеши мо аст ва он се баробари ин Қуръон аст.[2]

## КАМТАВАҶҶӮҲӢ БА ҚУРЪОНИ КАРИМ

Дар ин ҷо ба ҳамин кифоят мекунем. Бар асари афкору эътиқодоти шиъа нисбати Қуръони карим, ки гузашт, дар натиҷаи онҳо ба Қуръон таваҷҷӯҳ намекунанд ва ба таври амалӣ бар он иртибот барқарор намекунанд ва ин китобе, ки уммати Муҳаммад (с) дар Шарқ, Ғарб, Шимол ва Ҷануб онро тиловат менамоянд ва китобе, ки шумори ҳофизони он аз садҳо ҳазор нафар бештар аст ва ҳеҷ як русто ва ободии кӯчаке нест, ки аз ҳофизи Қуръон холӣ нест ва дар моҳи Рамазон дар намози таровеҳ дар ҳар масҷид Қуръонро мехонанд, ҳарчанд он масҷид кӯчак бошад ва дар моҳи муборак як ё ду бор онро хатм мекунанд. Вале маъруф аст, ки дар миёни шиъа ҳофизи Қуръон вуҷуд надорад ва ин натиҷаи равонии шакку тардиди онҳо дар сиҳҳати Қуръон ва асолати он аст ва ман худам шахсан инро дар сафари Эрон соли 1973 (м) мушоҳида ва таҷриба намудаам. Бинобар ин китобхонаҳои шиъаи имомия осор ва намунаҳои зиёде барои хидмат ба Қуръон ва таълиф дар мавзӯоти гуногуни Қуръонро дар бар надоранд. Ҳаракати илмии қавӣ дар баёни эъҷози Қуръон, улум ва ҳақоиқе, ки дар бар дорад, мушоҳида намешавад ва бар хилофи он китобхонаҳои умумии кишварҳои Исломӣ саршор аз китобҳое аст, ки дар мавриди мақосиди Қуръон ва он чӣ ба он мутааллиқ аст навишта шудааст,

---

[1] Ҳамон маъхази собиқ

[2] Ҳамон маъхази гузашта, саҳ 160.

то ҷое, ки ин китобҳо китобхонаи мустақиле аз бениёзтарини китобхонаҳои илмӣ ва густурдатарини он дар таърихи улум, фунун ва фаолияти илмӣ ва маҳсулоти таълифиро ташкил медиҳанд.

## ДАЛИЛЕ БАРОИ МУНКИРОН

Дар чунин вазъияте чи гуна мусалмонон бо вуҷуди ин ақида метавонанд даъват ба дини худро ба ҷаҳониён арза намоянд ва чӣ гуна ҷаҳониён метавонанд бар Қуръон ба унвони гувоҳи садоқат ва дурустии даъвати муслимин ва бартар будани таълимоти динашон эътимод намоянд. Сипас тасвире аз Ислом ва мусалмонон, ки дар партави ин ақида арзи андом менамояд, оё барои даъват кардани ғайри мусалмонҳо ба Ислом салоҳият дорад? Ва оё ҷозибае барои ҷалби таваҷҷӯҳи кофирон ба Ислом ва баррасии ойини он дорад?

Оё дунё баъд аз иддаои таҳриф дар Қуръон наметавонад даъватгари мусалмонро хитоб намуда ва ба ӯ бигӯяд: **Эй касоне, ки имон овардаед чаро мегӯед, ончиро ки амал намекунед.**

**Бисёр нописандида шуд назди Худо он ки бигӯед он чизеро, ки накунед.** *(Саффо:*3*)*

## *Шарти чаҳорум*

## Ин ки шахсияти Паёмбар (с) меҳвари ҳидоят ва роҳбарӣ бошад

ТАЪРИФУ БАЁНИ АИММА ВА СИФАТҲОЯШОН БО ИН АҚИДА, КИ ПАЁМБАР (С) ЯКЕ АСТ ВА НУБУВВАТ БА ПОЁН РАСИДААСТ МУТАЗОД АСТ

Аммо шарти чаҳорум, ки мо барои нубуввати ҷовидонӣ ва уммати ҳамешагӣ шарт қарор додем ин аст, ки шахсияти Паёмбар (с) фақат маркази ҳидоят ва меҳвари вобастагии қалбӣ ва вогузории ақлӣ барои уммат мебошад ва танҳо Паёмбар (с) бояд сарчашмаи қонунгузорӣ бошад ва фақат аз ӯ шавад ва фармон бурда шавад. Ҳеҷ фарде аз умматаш бо ӯ дар ин чиз мушоракат надошта бошад ва воқеан доктор Муҳаммад Иқбол ба муносибати интиқод аз Қодиёният – бисёр зебо гуфтааст: Мо ба яқин бовар дорем, ки Ислом динест, ки аз ҷониби Худованди мутаъол нозил шудааст, аммо Ислом ба унвони як ҷомеа ва миллат мадюни Паёмбар (с) мебошад ва мусалмонон дар муқобили ҳаракатҳое, ки хатареро бар яке будани Паёмбар (с) ташкил медиҳад бисёр ҳассосанд, зеро ваҳдати Исломӣ бо ақидаи хатми нубувват устувор мегардад.[1]

## ИҚТИБОСОТЕ, КИ АҚОИДИ ФИРҚАИ ИМОМИЯРО РУШАН МЕНАМОЯД

Ва инак ҷо дорад, ки бар ақоид ва усули фирқаи имомия назаре бияфканем, ки ин ақоид ва усулро аз китобашон «Усули Кофӣ»[2] нақл мекунем. Ин фирқа, ки муътақид аст, ки халифаи Паёмбар ва халифаву имом низ аз ҷониби Худованд таъин мешаванд ва онҳо монанди Паёмбар (с) маъсум мебошанд ва итоати онҳо воҷиб аст ва мақомашон бо мақоми Паёмбар (с) баробар аст ва аз мақоми дигар паёмбарон болотар аст ва ҳуҷҷати илоҳӣ бар бандагонаш бидуни имом барпо намешавад ва то

[1] Ҳуруфи Иқбол 122-136.

вақте ки имом дониста нашавад, ҳуҷҷат комил намегардад. Дунё бидуни имом наметавонад барпо бошад, шинохти аимма шарти имон аст, итоат аз аимма монанди итоат аз Паёмбар (с) воҷиб аст. Аимма дар ҳалол кардан ва ҳаром кардани чизҳо мухтор ҳастанд ва онҳо монанди паёмбарон маъсуманд. Ҳар кас, ки ба аиммаи маъсум имон дошта бошад аз аҳли биҳишт аст, гарчӣ ситамгар, фосиқ ва гунаҳкор ҳам бошад. Мақоми аимма монанди мақоми Паёмбар (с) аст ва аз ҳамаи мардум ва аз ҳамаи Паёмбарон болотар аст. Аимма аз илми гузашта ва оянда бархурдор будаанд ва он чиро ки гузашт ва ончиро, ки дар оянда пеш меояд, медонистаанд. Дар шаб ва рӯз аъмоли бандагон барои аимма арза мешавад. Фариштагон ҳар шаб ба назди аимма меоянд ва дар шаби ҷумъа ба меъроҷ ва осмонҳо бурда мешаванд ва ҳар сол шаби Қадр бар аимма китобе нозил мешавад. Марг дар ихтиёри онҳост ва онҳо молику соҳиби дунё ва охират мебошанд, пас ҳар касеро, ки хостаанд, ҳарчи хостаанд додаанд. Муҳаққиқони ғайриисломӣ низ ҳамин мафҳумро аз тафаккури мазкури имомат бардошт кардаанд.

Патрик Ҳугес мегӯяд: Шиъа аиммаро ба сифатҳои Худованди мутаъол васф мекунанд[1]. Ва муҳаққиқи дигаре бо номи (Иванов) мегӯяд: Истимрори партав ва нури имомат барои ҳамеша дар ҷаҳон ба Паёмбар (с) ҷойгоҳи ҷонибӣ медиҳад ва онро дар каноре мениҳад. Ва муҳаққиқ Филип Ҳитти дар мавриди имомати шиъа мегӯяд: Паёмбари Ислом (с) ваҳй – яъне Қуръонро восита байни Худованд ва инсон қарор додааст, вале шиъа ин воситаро ба шакли инсон, яъне имом баргардонидаанд ва шиъа дар калимаи имон (ба Худо имон овардам ва ба Қуръоне, ки махлуқ нест, имон овардам) инро изофа кардаанд, ки (ман ба имоме имон овардаам, ки Худованд онро интихоб кардааст ва ӯ

дорои сифоти улуҳият ва худоӣ аст ва мунҷиву наҷотдиҳандаи инсоният аст)[2].

## ЭРОНИ ҚАДИМ ВА БОЗТОБИ АҚОИДИ ОН

Ақидаи имомат, ки ҳудуд ва абъоди он аз насл ва насабпарастӣ фаротар меравад ва то муқаддас ва Худо қарор додани хонадонҳо пеш меравад, бозтоби ақоид ва боварҳои Эрони, кӯҳан аст. Дар Эрони қадим раёсату роҳбарии мазҳабӣ ва фармонравоӣ мунҳасир ба қабилаи «Мидиё» буд. Сипас дар даврони ғалабаи диёнати зардуштӣ ва таъсири он бар Эрон ин роҳбарӣ ба қабилаи «Муғон» интиқол ёфт. Эрониён дар мавриди табақаи «коҳинон» бар ин бовар буданд, ки онҳо сояи Худо дар замин ҳастанд ва онҳо фақат барои хидмати худоён офарида шудаанд ва ҳоким ва фармонраво бояд аз ин қабила бошад. Чун зоти Худованд дар ҳар фарде, ки аз ин қабила бошад, муҷассам мегардад ва вазифаи назорат бар оташкада ҳақе аст, ки танҳо ба ин қабила ихтисос дорад.[1]

Доктор Аҳмади Амин дар китоби маъруфаш «Зуҳа-л-ислом» дар ҷилди 3 дар мавриди ақоиди шиъа дар бораи имомашон мегӯяд: (теъдоди зиёде аз эрониён ташайюъро ба хотири ин қабул карданд, чун онҳо дар даврони салтанати шоҳаншоҳӣ дар Эрон ба таъзим ва муқаддас пиндоштани хонаводаи подшоҳӣ хӯ гирифта буданд ва онҳо бар ин бовар буданд, ки хуне, ки дар рагҳои подшоҳон ва фармонравоён ҷорӣ аст, аз навъ ва

---

[1] Ба китобҳои таърихи Эрон ва ойини зурдуштӣ муроҷиат намоед.

ҷинси хуни раият ва мардум нест. Бинобар ин вақте ба Ислом гаравиданд, ба Паёмбар (с) чунон менигаристанд, ки ба шоҳаншоҳи худ Кисро менигаристанд ва ба хонаводаи Паёмбар (с) чунон нигоҳ мекарданд, ки ба хонаводаи салтанатӣ назар доштанд. Вақте Паёмбар (с) аз дунё реҳлат намуд аз дидгоҳи онон хонаводаи Паёмбар (с) беш аз ҳама сазовори хилофат ва ҷонишинии ӯ буданд.

## АҚИДАИ ИМОМИ ҒОИБ

Ақоид ва боварҳои ифротӣ ва муболиғаомези аҳли ташайюъ дар мавриди имомат ва аимма, онҳоро то ҳадде расонда, ки имомонро дар нубувват ва рисолат шарик медонанд, балки онҳоро дар улуҳият шарик қарор медиҳанд ва шиаён аиммаро инсонҳои болотар ва бартар аз ҳамаи инсонҳо медонанд.

Аммо ақидаи онҳо дар мавриди имоми ғоиб (имоми дувоздаҳум) дар авҷ ва фарози хаёлбофӣ ва муболиғаомезе қарор дорад, ақидаи таваллуд ва ғойиб шудан, зиндагӣ ва роҳнамоии имоми дувоздаҳум дар ақл ва қиёс намеғунҷад ва қонуни таквинӣ ва ташреъии илоҳӣ онро намепазирад.

Онҳо бар ин ақида ҳастанд, ки имоми ёздаҳум, имом Ҳасани Аскарӣ даҳ рӯз пеш аз вафоти вай фарзандаш ба тамоми асбоби имомат ва ба ҳамаи ончи аз хонаводааш мерос бурда буд, дар ғори «Сурраман Раъо» пинҳон шуд ва то кунун зинда аст ва то рӯзи Қиёмат зинда хоҳад буд ва дар он ғор пинҳон мебошад ва дар Қиёмат дар вақти муносиб аз ғор берун хоҳад омад ва бар тамоми ҷаҳон ҳукмфармоӣ хоҳад кард. Ва сухан то ин ҷо тамом намешавад, балки имоми Ғоиб ғайбати суғро дорад, ки дар даврони ғайбати суғрой тибқи ақидаи шиъа

намояндагон ва сафирони ӯ ба сурати сиррӣ ва пинҳонӣ ба назди ӯ рафтуомад мекардаанд. Сипас ин силсила тамом шуд ва гуфта шудааст, ки замони ғайбати суғро ба поён расид ва бо тамом шудани он, даврони ғайбати кубро оғоз шудааст, ки дар ин даврон ҳеҷ кас наметавонад ба Имоми замон дастрасӣ дошта бошад, то вақте, ки Соҳибу-з-замон зуҳур накунад.

## МАЗҲАБИ ХУМАЙНӢ ВА АҚИДААШ ДАР МАВРИДИ АИММА

Шояд касе ба худаш бигӯяд ифрот ва муболиғаомезии шиъа пеш аз даврони илм, таҳқиқ, фикр ва баррасӣ будааст ва онҳо замоне бар ин ақида будаанд, ки иртиботе бо ҷаҳони Ислом ва муслимин надоштаанд ва ин ақоид ва суханҳо пеш аз даъвати фарогири онҳо ба сӯи Инқилоби Исломӣ будааст. Ва онҳо дар замоне, ки дар доираи маҳдуди худашон мезистанд, чунин ақидаҳоеро дар сар мепарвариданд, аммо акнун шахси фарҳангие, ки аз шиъа, ки аз рӯҳи Ислом ва аҳдофи он огоҳӣ дошта бошад ва ба Ислом даъват кунад ва аз вазъияте, ки уммати Исломӣ дар он ба сар мебарад, мутаассиф ва дардманд аст, наметавонад чунин боварҳову ақидаҳо дошта бошад, ки ақл онро намепазирад. Вале инак иборате аз китобе «Алҳукумату-л-исломия»-и Хумайнӣ барои хонандагон нақл мекунем, ӯ дар ҳамон китоб таҳти унвони «Вилояту-т-таквиния» менависад: «Аимма дорои мақоми сутуда ва дараҷаи рафеъ ва хилофати таквинӣ ҳастанд, ки тамоми зарраҳои ҷаҳони ҳастӣ дар муқобили вилоят ва нуфузи он сари таслим фуруд овардаанд ва яке аз умури қатъӣ ва мусаллами мазҳаби мо ин аст, ки Имомони мо дорои мақоме ҳастанд, ки ҳеҷ фариштаи муқарраб ва ҳеҷ паёмбаре ба он намерасад, тибқи ривоятҳо ва аҳодисе, ки

дорем, Паёмбари бузург (с) ва аимма қабл аз офариниши ин ҷаҳон нурҳое будаанд, ки атрофи Арш ҳалқа зада буданд ва Худованд ба онҳо мақоме дода ва чунон онҳоро муқарраб намуда, ки ҷуз Худо касе намедонад»[1].

Ҳамон ақидае, ки дигар уламои шиъаи имомия ва нависандагони он дар мавриди Имоми ғоиб доранд, Хумайнӣ низ ҳамон ақидаро дорад, балки ба назари Хумайнӣ гарчӣ беш аз ҳазор сол аз ғайбати имом гузаштааст, вале мумкин аст ҳамин тавр ҳазорон соли дигар ӯ дар ғайбат бошад.

## НАЗАРИ ШАЙХУЛИСЛОМ ИМОМ АҲМАД ИБНИ АБДУРРАҲИМ ДАР МАВРИДИ АҚИДАИ ИМОМАТ

Бо таваҷҷӯҳ ба ин ақоиди ширкомез дар мавриди имомат чунин ба назар меояд, ки он чӣ имом Аҳмад ибни Абдурраҳим маъруф ба Шоҳ Валиюллоҳи Деҳлавӣ ба он даст ёфта ва дар партави ин натиҷагирӣ дар мавриди ин мазҳаб натиҷагириву қазоват намуда дуруст ва саҳиҳ аст Ӯ мегӯяд: Ботил будани мазҳаби имомия аз калимаи Имом маълум мешавад, зеро имом аз назари онҳо мавҷуди маъсуме аст, ки итоат аз ӯ воҷиб аст ва бар ӯ ваҳйи ботинӣ меояд: Дар ҳақиқат ин таърифи Паёмбар (с) аст пас мазҳаби онҳо мусталзими инкори нубувват мебошад[1].

Хуршеде, ки ҷаҳонро рӯшан менамояд, яке аст ва дигар зарраҳоеанд, ки аз нури он истифода мекунанд. Дар мавриди шахсияти Паёмбар (с) кофӣ нест, ки бо он фақат робитаи қонунӣ дошта бошем, балки он чи аз мо хоста шуда ин аст, ки бо ӯ иртиботи рӯҳӣ ва отифӣ дошта бошем ва ӯро бештар аз мол, ҷон, хонавода ва фарзандон

аз жарфои вуҷуд ва холисона дӯст дошта бошем ва баъд аз зоти Худованд ҳеҷ касро мисли ӯ дӯст надошта бошем гарчӣ аз авлиёи бузург ё мардони комил ё шахсияти бузурге аз афроди хонавода бошад. Паёмбар (с) офтоби оламтобе аст, ки ҳама ҷаҳонро рӯшан менамояд ва ғайр аз ӯ тамоми афрод хоҳ асҳоби кором бошанд ё муҷаддидин бошанд ё муассисини ҳукумат ва салтанат ва роҳбарони инқилоб бошанд, ҳар касе, ки бошад зарраи кӯчаке аст, ки бо истифода аз нури ин офтоби оламгир нурафшонӣ менамояд ва хоке аст, ки ба оби ҳаёт мубаддал мешавад ва оҳане аст, ки ба кимиё табдил мегардад.

## ТАЗОҲУР БА МАДДОҲӢ АЗ ПАЁМБАР (С) ВА СИТОИШИ БИДУНИ АНДЕША АЗ АҲЛИ БАЙТ ВА АИММА

Аммо ин ақоид дар мавриди имом ва аимма на танҳо ин ки бо дӯст доштани Паёмбар (с) ва шефта будан ба ӯ мухолиф аст. Балки комилан мутазод асту бо он тасодум пайдо мекунад, натиҷаи табиӣ ва равонии ин боварҳову ақоид чунин шуда, ки шиаҳо натавонистаанд, ки китоби қавӣ ва муассире дар мавриди сираи Паёмбар (с) бинависанд ва шоирони нобиғаи онҳо натавонистаанд ашъоре муассире дар мавриди Паёмбар (с) шеър бисароянд, ки дар он истеъдоди бедор ва сӯзу гудоз таҷаллӣ ёбад, ки дар марсияҳое, ки дар маноқиби аҳли байт суруда мешаванд ва ҳодисаи Карбалоро ба тасвир мекашанд ба назар меояд ва на шоире мадиҳасарое дар онҳо падид омада, ки ӯро бо шоирони Ҳинд, ки дар мадҳи Паёмбар (с) сурудаанд, муқоиса кард. Чи расад ба ин ки дар сатҳи шоирони форсизабон, ки дар мавриди Паёмбар (с) мадҳиясароӣ намудаанд, монанди Ҷомӣ ва Қудсӣ бошанд ва ин чизе аст, ки қиёс тақозо менамояду

қазияи маълуму мушаххас аст ва муносиб мебинам, ки он чӣ дар сафарам ба Эрон дар китоби «Аз наҳри Кобул то наҳри Ярмук» навиштаам, дар инҷо нақл кунам. Аиммаи аҳли байт ҳамвора чароғҳои ҳидоят ва фонусҳое буданд, ки роҳро барои мардум дар зулматкадаҳо равшан мекардаанд ва дар ин маврид ҳеҷ мусалмоне шакку тардиде надорад. Вале чунин эҳсос мекунем, ки шиъаён чунон иртиботи ғайри маъмулӣ ва эҳсосоте бо имомон доранд ва чунон дар муҳаббати онҳо аз ҳад гузаштаанд, ки тақрибан тамоми ақл ва эҳсososту замири онҳоро фаро гирифта ва бар онҳо чира шудааст ва ин шигифтагӣ саҳми бузурге аз муҳаббатро, ки бояд нисори шахсияти Паёмбар (с) бигардад, ки ӯ сарчашмаи ҳар хубӣ ва саодат буда, аҳли байт ба хотири ӯ ба чунин шарофате даст ёфтаанд ва сазовори муҳаббату бузургдошт гардидаанд, ба худ ихтисос додаст.

Шефтагӣ ба аҳли байт ва муқаддам доштани онҳо бар Паёмбар (с) дар арсаи муҳаббат ва дӯст доштан дар шеъре, ки шоирони Эрон дар мадҳи Паёмбар сурудаанд ва дар он чӣ дар мавриди маноқиби аҳли байт, ба вижа амирулмӯъминин Алӣ ибни Абутолиб ва Ҳусайн ибни Алӣ гуфтаанд, мушаххас мешавад. Шеърҳое, ки дар мавриди аҳли байт суруда шудаанд бо эҳсосоти бештар ва шевотар аз ашъори суруда шуда, дар мавриди Паёмбар (с) фарқ карда мешаванд. Ин фарқро мо дар шеъре, ки шоирони урдузабон аз бародарони Ҷаъфарии мо дар Ҳинд сурудаанд ва аз ашъоре, ки дар мадҳи Паёмбар (с) гуфтаанд, эҳсос кардаем ва ин фарқро дар ашъори форсӣ низ эҳсос намудаем ва бо муқоисаи китобҳое, ки дар мавриди сираи набавӣ ва дар мавриди маноқиби аҳли байти аз назари камӣ ва кайфӣ таълиф шудаанд мушоҳида намудаем ва низ мебинем, ки онҳо таваҷҷӯҳ ва иртиботи бештаре ба қабрҳо то масҷид доранд ва низ мебинем, ки онҳо аз сафар ба Ҳарамайни

Шарифайн чанд баробар зиёдтар ба сафари Карбало ва Атаботи Олиёт алоқаманданд. Метавон гуфт, шояд бародарони шиъа ба сабаби равия ва амалкарди бархе аз уламои пурҷӯшу хурӯши аҳли суннат ва кӯтаҳии ишон дар гиромидошт ва нишондиҳии фазоили аҳли байт ва эътироф ба ҳуқуқе, ки онҳо бар муслимин доранд чунин вокуниш ва аксуламале нишон додаанд. Аммо ин вокуниш аз ҳади як аксуламал фаротар аст, аз ин рӯ, фароянди муҳаббат ва иродати хуруш ва эҳсосот ба суи ин маркази рӯҳӣ мутаваҷеҳ шуда ва ҳолае аз тақдис онро фаро гирифтааст ва дар муболиғаомезӣ ва ифроте, ки дар ин ситоишу тамҷид аз он истифода шудааст бимион меравад, ки имоматро рақиби нубувват қарор диҳад ва имоматро дар бисёре аз хусусиятҳову сифоти нубувват саҳим ва шарик созад.[1]

## ТАСВИРИ ТАВҲИНОМЕЗ ВА МАЪЮСКУНАНДАИ ШИЪА АЗ АҲЛИ БАЙТ

Бо вуҷуди ин ақоид ва баёноти ифротӣ дар мавриди аиммаи аҳли байт ки таъкид менамоянд, ки онҳо афроде ҳастанд, фаротар ва фавқи инсонҳо ҳастанд ва аз баъзе ҷиҳот сифоти улуҳият ва Худоиро ба онҳо нисбат медиҳанд. Китобҳои аҳли ташайюъ симое аз онҳоро нишон дода ба ишон ишора менамояд, ки аиммаи аҳли байт шуҷоъат ва ҷасорати изҳори ҳақро надоштанд, бо вуҷуди ин ки Алишери Худо Алӣ ибни Абутолиб дар миёнашон буд ва гӯё онҳо ҳамвора аз хатар тарсон ва ҳаросон буданд ва аз маслиҳатандешӣ ва ҳақпӯшӣ кор мегирифтанд ва аз силоҳи «тақия» на ба унвони силоҳияти шахсӣ ва муваққатӣ, балки ба унвони ибодат ва василае барои наздикшудан ба Худо истифода

[1] Аз китоби «Мин наҳри Кобул ило наҳри-л-Ярмук» саҳ 89-90.

менамуданд ва онҳо дар сурати ниёз ва бидуни ниёз аз он кор мегирифтанд ва уммати Муҳаммадиро аз таълимоти ҳақиқии нубувват дур менамуданд. Ҳамчунон, ки динро аз иззату пирӯзӣ барои парҳез акардан аз рӯёрӯй бо бархе хатарҳо дар ин роҳ маҳрум мекарданд. Симои ин имомони бузургро, ки китобҳои шиъаён дар мавриди маноқибу фазоили онон таълиф намудаанд чунон ба тасвир кашидааст, ки ҳеҷ фарқе аз симои Фармосун ва ҷамъияти Ихвону-с-сафо[1] ва созмонҳои зеризаминӣ ва сирие, ки дар кишварҳои гуногун ёфта мешавад надорад ва бо баррасии ин китобҳо ва иттилоъ ёфтан аз он рӯҳи баландпарвозӣ, қотеъият ва хатарпазирӣ барои нашри Ислом дар вуҷуди инсон падид намеояд. Он рӯҳияи гаронбаҳое, ки таърих ва маҷрои ҳаводисро дар давронҳои таърих ва авзои нобасомоне, ки дар гузашти 14 асри таърихи Ислом пеш омада тағир додааст ва таърихро маҷбур карда, то роҳ ва самти тозаеро ихтиёр намояд. Ва бар акси ин ривоятҳои таърихии зиёде бар

---

[1] Ихвону-с-сафо ҷамъияти пинҳоние буд, ки дар рӯзгори Аббосиён ки соҳибони фалсафаи озод онро ташкил мекарданд, ба вуҷуд омадааст. Теъдоде аз атибо низ дар миёни онҳо буданд. Онҳо бар худ лақаби «Ихвону-с-сафо»-ро гузоштанд. Дар асри чоруми ҳиҷрӣ қароргоҳи онҳо дар Бағдод буд. Ин афрод ба сурати пинҳонӣ ҷамъ мешуданд ва дар мавзӯъҳои фалсафӣ ва афкори озод табодули назар мекарданд. Дастури корашон ин буд, ки дар вақтҳои махсусе гирдиҳам меомаданд бидуни он ки ҳеҷ фарди бегонае, дар чаласаи онон ҳузур дошта бошад ва онҳо фалсафаи худашонро ба сурати 52 рисола тадвин карданд, ки ба Расоили Ихвон-с-сафо маъруфу машҳур мебошанд. Нависандагони ин рисолаҳо номҳои худро махфӣ карданд. Муътазилиҳо ва афроди ҳамфикри онҳо ба нақл кардани рисолаҳои мазкур дар китобчаҳои дигар ба таври пинҳонӣ онро ба кишварҳои исломӣ мебурданд ва дар соли 1833 ва соли 1886-и мелодӣ дар Бомбай ва соли 1889-и милодӣ дар Миср ба чоп расидаанд. Барои иттилоъи бештар ба китоби «Таъриху фалосифати-л-ислом фи-л-машриқ ва-л-мағриб» асари Муҳаммад Лутфӣ Ҷумъа, саҳ 253-266 чопи Қоҳира, соли 1927, мурочиат намоед.

баландии ҳиммати афроди бузурги аҳли байт ва ҷонфидоии онҳо ва алоқаи шадиди онон барои муттаҳид шудани мусалмонон далолат менамояд. Ва аз ҷумлаи ривоятҳое, ки бар ин далолат дорад, ривояте аст, аз Бобакӣ[1] яке аз ёрони Зайд ибни Алӣ нақл шудааст ӯ мегӯяд: Ҳамроҳи Зайд ибни Алӣ ба Макка ҳаракат кардем, то ин ки нимаи шаб шуд ва Сурайё дар ҷояш қарор гирифт, гуфт: Эй Бобакӣ, оё ин ситораи «Сурайё»-ро мебинӣ, оё ба назари ту касе метавонад онро бигирад? Гуфтам: На. Гуфт: Савганд ба Худо, ки дӯст дорам дастам ба он овехта бувад ва аз он ҷо ба замин бияфтам ва тика-тика шавам. Аммо Худованд миёни уммати Муҳаммад созиш ва сулҳ барқарор намояд.[2]

Нависандагони имомӣ ва касоне, ки шиъа будани аиммаро таъйид менамоянд симои аҳли байтро чунон тарсим менамоянд, ки гӯё дар зиндагӣ ҳадаф ва шуғле ҷуз гирифтани хилофат аз дасти ғосибон надоштанд ва онҳо аз ин ки хилофат ба дасти ғосибон ва ситамгарон афтода буд хашмгин буданд ва ин чизе будааст, ки онҳоро ба худ машғул намуда бар фикру андешаи ишон ҳоким гардидааст ки дигар ба ҷомеаи муосири Исломие, ки бо талошҳои ҷадди (бобии) бузургашон Паёмбар (с) даъват, тарбият ва ҳидояту раҳнамуди динии ӯ сомон ёфта буд таваҷҷӯҳ надоштанд ва аҳамияте ба он намедоданд ва ба ибодат, зуҳд ва роҳнамоӣ кардани мардум ба роҳҳои ҳақ ва даъват кардани халқ ба сӯи Худованд коре надоштаанд.

Аммо таърихе, ки ранги фирқагароӣ ба худ нагирифтааст, симои бисёр зебо ва дархӯри шаъну шарафи онҳо ва шоёни ҷойгоҳе, ки дар диёнат ва шарафи мансуб будан ба Паёмбар (с) доштанд аз онҳо тарсим намуда, нишон додааст ва инак пораҳое аз он чӣ дар

---

[1] Исми ӯ Абдуллоҳ ибни Салими Бобак аст.

[2] Мақотилу-т-толибиййин саҳ 129. Абдулфарози Исфаҳонӣ.

тавсифи Ҷаъфари Содиқ ибни Муҳаммад ибни Алӣ (р) омада баён мекунем:

Муаррихин мегӯянд: Имом Содиқ бо авсофи зайл ороста буд, ки ҳадафи некӯ ва воло дошт ва дар талаби ҳақиқат аз ҳар навъ ҳавопарастӣ ва дунёпарастӣ дур буд. Ӯ ҳаргиз амри дунявиро наҷуст ва чизеро наталабид, ки шаҳватҳо онро фосид карда ё шубҳаҳо онро фарогирифта бошад, балки ӯ ба дунболи ҳақоиқи рушану возеҳ буд ва ҳақро меҷуст ва ҳеҷ чизеро бо ҳак иваз намекард.[1] Имом Молик ӯро чунин васф менамояд:

«Ман пеши Ҷаъфар ибни Муҳаммад омадам, ӯ ҳамвора лабханд мезад. Ҳаргоҳ пеши ӯ аз Паёмбар (с) ёд мешуд, рангаш сабз ва зард мешуд, ман то муддати дарозе ба назди ӯ рафтуомад мекардам. Ҳар вақт ӯро медидам, ҳатман ба яке аз ин се кор машғул буд. Ё намоз мехонд ё рӯзадор буд ё Қуръон мехонд ва ҳаргиз надида будам, ки аз Паёмбар (с) ҳадис, ривоят намояд, магар ин ки бо вузӯ буд. Ӯ сухани беҳуда намегуфт ва ӯ аз ибодатгарони зоҳид ва худотарс буд. Ривоят шуда, ки имом Ҷаъфар фармуда: «Аз хусумат ва душманӣ дар дин бипарҳезед, зеро муҷодала ва хусумати дар дин шаку шубҳа ба вуҷуд меоварад ва нифоқ ба ҷо мегузорад».

Ин ахбор ва ривоятҳои зиёд дар умум ба ин ишора мекунанд, ки имом Содиқ ба шӯриш алайҳи ҳокимон гароиш надоштааст. Чун бар ин ақида набуд, ки шӯриш ба барпошавии ҳақ ва шикаст хӯрдани ботил меанҷомад, зеро ҳар кас аз сарон ва бузургони аҳли байт ба баландҳимматӣ ва бузургворӣ ва машғул будан ба умури муҳим, на пеши по афтода ва ба шаҳомат ва поймардӣ ва тарҷеҳ додан дасти бахшандагӣ бар дасти гадоӣ ороста буданд ва онҳо аз ҳилму бурдбории васеъ бархӯрдор буданд ва чун кӯҳҳо устувор ва сабур буданд ва ҳар гоҳ

---

[1] Ал-Имом Содиқ, аллома Абузаҳра, саҳ 76.

кори ҷиддиву ҳассосе мешуд ва бояд вориди маърака мешуданд чун шерҳои ғуррон вориди майдони набард мешуданд, ки он чи шоири умавӣ Ҳатийа (59-и ҳиҷрӣ) гуфтааст бар онҳо росту мувофиқ меояд ва дар ҳақиқат ба ҷои касоне, ки ин шеъри расоро, ки сазовор аст аз беҳтарин қасидаҳо дар шеъри арабӣ шумурда шавад, дар мавриди онҳо суруда шудааст, дар васфи аҳли байт мувофиқ ва рост меояд.

يسوسون أحلاماً بعيداً أناتها
وإن غضبوا جاء الحفيظة والحد
أولئك قوم إن بنوا أحسنوا البِنَا
وإن عاهدوا أوفوا وإن عقدوا شَدُّوا
وإنْ كانت النَّعماء فيهم جزوا بها
وإن أنعموا لا كدروها ولا كدوا
مطاعين في الهيجا مكاشيفُ للدجى
بنى لهم آباؤهم وبنى الجد

## РАФТОРИ АҲЛИ БАЙТ ДАР ОИНАИ ТАЪРИХ

Аъзои хонаводаи Паёмбар (с) ва аҳли байташ ва пешопеши ҳамаи онҳо Алии Муртазо (р) ва фарзандонаш дар мавриди нисбате, ки бо Паёмбар (с) доштанд, ба шиддат бар ин нисбат ҳассос буданд ва онҳо аз ин нисбат барои ба даст овардани манофеъ истифода намекарданд, монанди фарзандони хонаводаҳои раҳбарони динӣ дар динҳо ва миллатҳои дигар, ки аз нисбати худ бо роҳбарон барои таҳсили манофеи дунявӣ баҳрабардорӣ менамоянд, дар ҳар ҳоле, ки пайравони мазоҳиби мазкур аз рӯи

азамат ва тақаддусу покӣ ба онҳо менигаранд ва бо онҳо ба сони афроди фаротар аз башар рафтор менамоянд. Ва низ аҳли байти Паёмбар (с) ҳар як аз дунёталабӣ ва сарватандузӣ ва барафроштани кохҳо, ифтихор бар устухонҳои падарони хеш бисёр дур буд. Воқеаҳои иззати нафс ва истиғнову қаноъати онҳо, ки дар китобҳои таърих ва сира омадааст, комилан бо саргузашти табақаи – бароҳима ва коҳинон-ки ба номи дин шиками худро сер менамоянд, тамоман тафовут дорад, зеро бараҳманҳову коҳинон ва мардони динии дигар миллатҳо афроди муқаддасу бузург пиндошта мешаванд. Чун дар хонаводаи муқаддас ба дунё омадаанд ва ин афрод ниёзе ба касб ва кор надоранд ва лозим нест, ки барои таъмини зиндагӣ ва ниёзҳои он аз худ андаке кӯшиш намоянд. Инак бархе воқеаҳоро ки равшангари ҳамин мавзӯъ ҳастанд пешкаш менамоем, то битавонем ҷойгоҳи аҳли байт ва сирати дурахшони онҳоро андоза кунем:

Ҳасан ибни Алӣ (р) ба бозор омад, ӯ мехост матоъе бихарад ва нархи онро аз соҳиби мағоза пурсид. Соҳиби мағоза қиммати ҳақиқии колоро баён карду сипас фаҳмид, ки ӯ Ҳасан ибни Алӣ (р) набераи Паямбар саллаллоҳу алайҳи вассалам аст. Ин ҳангом қиммати матоъро кам кард, аммо Ҳасан напазируфт ва он чизро нахарид ва гуфт: Ман намехоҳам, ки аз ҷойгоҳ ва нисбате, ки бо Паёмбар (с) дорам, дар матоъи ночиз истифода кунам». Ва Ҷувайрия ибни Асмоъа, ки аз ходимони хоси Алӣ ибни Ҳусайн маъруф ба Зайнулобидин буд, мегӯяд: Алӣ ибни Ҳусайн ҳаргиз бо истифода аз нисбати худ бо Паёмбар (с) як дирҳам нахӯрдааст.[1] Ва ҳар гоҳ имом Зайнулобидин ба сафар мерафт, худашро муаррифӣ намекард, мардум аз ӯ пурсиданд, ки чаро чунин мекунӣ? Ман инро

---

[1] Ал-бидоя ван-ниҳоя-и Ибни Касир 9\106.

намеписандам, ки бо номи Паёмбар (с) чизеро бигирам, ки бо он наметавонам онро бидиҳам.[1]

Аҳли байт ва фарзандони Шери Худо, Алӣ ибни Абитолиб (р) ва наберагонаш аз шаҳомату шуҷоат, ки шиори хонадони Паёмбар (с) буд бархурдор ва бо он ороста буданд, шуҷоате, ки мероси ба ҷо мондаи Алии Муртазо ва Ҳусайн ибни Алӣ шаҳиди Карбало буд. Онҳо ба ҳеҷ мусибате таваҷҷӯҳ намекарданд ва дар роҳи эълони ҳақ хатарҳоро ба ҷон мехариданд ва барои роҳнамоии дурусти мусалмонон ва ҳифозати дин аз ҳар навъ таҳриф бо хатарҳои бузург рӯ дар рӯ қарор мегирифтанд.

Зайд ибни Алӣ ибни Ҳусайн соли 122 ҳиҷрӣ алайҳи халифаи уммавӣ Ҳишом ибни Абдулмалик ибни Марвон қиём кард, ҳукумати Ҳишом қавитарин ва бузургтарин ҳукумати замонаш буд ва Зайд ибни Алӣ лашкарҳои бузурги ҳукуматро шикаст дод ва ба дараҷаи баланди шаҳодат расид ва сипас ба дор овехта шуд ва то чиҳил сол ҳамчунон овехта бар чӯбаи дор боқӣ монд.[2]

Ва дар моҳи раҷаби соли 145 ҳ. Муҳаммад ибни Абдуллоҳ Алмаҳз ибни Ҳасани Мусанно ибни Ҳасан ибни Алӣ ибни Абутолиб (р) маъруф ба «Зуннафсу-з-закия» алайҳи халифаи аббосӣ Мансур дар Мадинаи мунаввара қиём кард. Чунончи бародараш парчами ҷиҳодро дар Бағдод бар зидди Мансур дар зулҳиҷҷаи соли 145 ҳ. барафрошт ва имомони бузург Молик ва Абуҳанифа ба байъат бо Иброҳим фатво доданд ва Абуҳанифа ӯро кӯмаки молӣ кард, то ба ин тариқа ҳимоят ва ёрии худро аз ӯ эълом намояд, ки ҳамин амр баъдҳо сабаб шуд, то Абуҳанифа мавриди сарзаниш ва шиканҷаи Мансур қарор бигирад. Муҳаммад ибни Абдуллоҳ Алмаҳз, Зуннафсу-з-

[1] «Вафиёту-л-аъён»-и Ибни Халакон, 2\434, чопи Қоҳира, с. 1948.
[2] Ба китобҳои ибни Ҷарир ва ибни Касир муроҷиъат шавад.

закия дар понздаҳуми рамазони 145 ҳ. дар «Аҳҷору-з-зайт»-и Мадинаи мунаввара ҷавонмардона ва далерона ба шаҳодат расид ва низ бародараш дар 24-и зулҳиҷҷа дар Куфа шаҳид шуд.

Чунин ба назар мерасад, ки агар хуни Ҳошимӣ дар рагҳои ин сарварон ҷорӣ намебуд, умуман наметавонистанд парчами ҷиҳодро бар алайҳи хулафои Аббосӣ баланд кунанд, ки қисмати бузурге аз Осиё ва Африқо дар қаламрави фармонравоии онҳо буд ва Ислом аз тариқи онҳо ба кишварҳои дурдаст мерасид, бо ин ки дар қароргоҳи Хилофат амният барқарор буд вадиниши динӣ паҳн гардидаву қисмати бузурге аз таълимоти Ислом таҳаққуқ ёфта буд. Вақте онҳо ин амрро андозагирӣ карданд, аз эҷоди ҳар гуна изтироб ё рехтани хуне, ки зоҳиран самараву натоиҷи хубе надошт, монанди талошҳои падарон ва ниёкони далер ва ҷавонмарди онон – дурӣҷустанд.

Бинобар ин сукути онон ва машғул шуданашон ба роҳбарии динии мусалмонон ва фаъолияти онҳо дар заминаи тарбияи ахлоқӣ ва ботинии мусалмонон бар асоси тасоҳул ё гароиш ба роҳату осоиш ё коре надоштан ба кори касе набуд ва на онҳо бар асоси амал кардан ба усули «Тақия», ки ба ин шахсиятҳои қаҳрамон нисбат дода шудааст, чунин мекарданд. Ҷой дорад он чиро ки ба муносибати баёни ин ҳақиқати таърихӣ дар ҷилди аввали китоби «Риҷолу-л-фикр ва-д-даъва» асари муаллиф омада нақл мекунем: Набояд фаромӯш кард дар ин аср (асри бани Умайя ва бани Аббос) дин ҳамчунон бар ҷон ва дили мардум ҳоким ва бар ишон беш аз ҳама чиз азиз буд ва тӯдаи мардум ба уламо ва ба аҳли дину, тақво бо эҳтиром ва бузургдошт нигоҳ мекарданд ва ҳар кас, ки ба сарвати дунё алоқае надошт ва аз фармонравоён ва ҳокимон ба сабаби қаноату иззати нафс ва бетаваҷҷӯҳӣ ба манофеъи дунявӣ ва мансабҳо дурӣ меҷуст ва ба

даъват кардан ба сӯи Худо ва нашри илм ва хайрхоҳӣ барои Худо ва Паёмбараш ва умуми муслимин машғул буд мавриди эҳтиром ва бузургдошти мардум қарор дошт. Ва чунин ашхос аз бисёр афроде, ки дорои мақом, сарват ва нуфуз буданд азизтару мӯҳтарамтар буданд ва ҳатто дар баъзе вақтҳо аз хулафо ва амирҳо низ азизтар буданд ва метавон гуфт, ки нуфузи амирҳо ва хулафо дар доираи хосе, ки доираи сиёсист ва доираи табақае, ки дар ин аср «Ашрофигарой ва ҳукумати нуҷабо» номида мешавад, маҳдуд буд. Вале берун аз ин доира ва берун аз ин муҳит аҳли салоҳ ва дониш ва аҳли зӯҳду парҳезгорӣ ва солиҳон ва уламое ки аз фарзандони асҳоб ва содоти аҳли байт ба ҳисоб мерафтанд ҳоким буданд ва ҳар гоҳ фарде, ки аз ин табақаи солиҳи бузургони тобиъин ва аҳли илму дин намояндагӣ мекард ва фарде, ки ба намояндагӣ аз ҳукумату аморат ва мақому салтанат меомад ва ҳар ду ҷамъ мешуданд, султаи дин ва султаи рӯҳӣ бар подшоҳи сиёсату фармонравой чираву ғолиб мешуд.

Воқиае, ки барои Ҳишом ибни Абдулмалик дар замоне, ки валиаҳд буд бо Алӣ ибни Ҳусайн маъруф ба Зайнулобидин пеш омад, бисёр зебо ин матлабро ба тасвир мекашад. Таърихнависон ривоят кардаанд, Ҳишом ибни Абдулмалик дар замони падараш ба ҳаҷ рафт ва кӯшиш кард, ки ба санги Ҳаҷару-л-асвад бирасад ва онро бибӯсад, вале ба иллати издиҳоми зиёд натавонист муваффақ шавад. Бинобар ин, барои ӯ минбаре гузошта шуд ва бар он нишаст ва ба мардум нигоҳ кард, гурӯҳе аз ашрофи Шом бо ӯ буданд. Дар ҳамин ҳол ногаҳон Зайнулобидин Алӣ ибни Ҳусайн (р) омад, ӯ чеҳраи зебо ва бӯйи хуш дошт. Зайнулобидин ба гирди Қаъба тавоф намуд, вақте ба Ҳаҷару-л-асвад расид, мардум дур шуданд, то ӯ сангро истилом намояд ва бибӯсад, марде аз аҳли Шом гуфт: Ин чӣ касе аст, ки

мардум то ин ҳад ба ӯ эҳтиром менамоянд? Ҳишом аз тарси он мабодо, ки мардуми Шом ба ӯ алоқаманд шаванд, ва ӯро подшоҳ бинамоянд, гуфт: Ӯро намешиносам. Фараздақ ҳузур дошт, гуфт: Ман ӯро мешиносам. Марди Шомӣ гуфт: Ӯ кист эй Абофирос? Дар ҷавоби Фараздақ дар ашъоре зебо ӯро тавсиф кард, ки бо ин матлаъ оғоз мешавад.

هـــذا الـذي تعــرف البــطحــاء وطــأتــه
والــبيــت يعــرفــه والــحــل والحــرم

(Тарҷума. *Ин касе аст, ки санглохи Макка маҳали қадами ӯро мешиносад ва хонаи Каъба ва ҳил ва ҳаром ӯро мешиносанд).*

Ин достон ба зоҳир гарчи содда менамояд, вале ба ин далолат мекунад, ки аҳли фазл ва дин ва мардони хонадони набавӣ ва содоти тобъин аз нуфузу эҳтироми зиёде миёни мардум бархурдор будаанд ва Ҳасани Мусанно ибни Ҳасан ибни Алӣ ибни Абитолиб (р) ва фарзандаш Абдуллоҳ-ал-Маҳз ва Солим ибни Абдуллоҳ ибни Умар ва Қосим ибни Муҳаммад ибни Абубакр (р) ва Саъид ибни Мусайяб ва Урва ибни Зубайр ҷойгоҳи волое дар дилҳои мардум доштанд ва сухани онҳо асари бузурге дошт. Ин ҷойгоҳ ва ин нуфузи рӯҳӣ ва ин бузургдошту муҳаббати амиқ ки миллат ба онҳо дошт қудрате буд, ки барои миллат шукӯҳ ва аҳамияти динро ҳифз менамуд ва миллатро аз ҷаҳиши ноогоҳона ба сӯи хушгузаронӣ ва зиндагонии ҷоҳилият ва анҷоми ошкори гуноҳон ва мункарот бозмедошт[1].

---

[1] Риҷолу-л- фикр ва-д-даъват фи-л- Ислом, 1\37-38

# ДУ ТАСВИРИ БО ҲАМ ЗИД АЗ ИСЛОМ ВА МУСЛИМИН ДАР АҲДИ НАХУСТИНИ ИСЛОМ

Аввалин даврони намунаи Ислом чӣ гунна буд? Натиҷаи таълим ва тарбияи бузургтарин ва охирин Паёмбар (с) чӣ ҳаст? Сираи мардоне, ки дар оғӯши Муҳаммад (с) ва мактаби Паёмбар (с) тарбия шудаанд чӣ гуна будааст? Оё сираву рафтор ва амалкарди онҳо бо рафтори асосгузорони ҳукуматҳои шахсӣ ва чашмдӯхтагони ҳарис ба қудрат фарқ мекардааст ё на? Онҳо бо хешовандони худ чӣ гуна рафтор менамуданд ва ин бастагон ва хешовандони худашон аз шахсияти муқаддас ва бузурге, ки бо он нисбат доштанд чи гуна истифода мекарданд. Рафтор ва шеваи аҳли байт дар даъват кардан ба дин ва эъломи ҳақиқату садоқат ва амал намудан ба азимат чӣ гуна будааст? Сипас вазъияти равобити ин гурӯҳи нахустини мусалмонон ва шогирдони мадрасаи Паёмбар (с) бо якдигар ва бо ҳама касоне, ки ифтихори ҳамроҳӣ ва саҳобӣ будандро доштанд ва бо аъзои хонаводаи Паёмбар (с), ки ба аҳли байт мулаққаб ҳастанд чӣ гуна будааст ва касоне, ки зимоми хилофат ва ҳукумат дар ин даврони намуна ба даст гирифтанд (ки хулафои рошидин мебошанд), зиндагии ишон дар партави таърихи мувассақу мӯътабар чӣ гуна будааст ва рафтори онҳо бо бандагони Худованд дар қаламрави фармонравоиҳояшон ба чӣ сурат будааст. Сатҳи зиндагии онҳо дар хона бо вуҷуди қудрати фарогир ва густурда будани имконот ва васоили рафоҳу осоиш ва хушгузаронӣ чӣ гуна будааст? Ҳақиқати сиҳати китоби осмонӣ ки тамоми дин бар пояи он устувор аст, чист? Ва то чӣ андоза Қуръон дуруст ва саҳиҳ аст? Дар партави посух ба ин пурсишҳо ду тасвири бо ҳам зид дар пеши чашмҳо шакл мегирад, ки дар саҳифаҳои гузашта онро баррасӣ намудем. Аввал тасвире аст, ки дар

партави ақоиди аҳли суннат нишон дода мешавад ва тасвири дуюм аз ақоид ва тасриҳоти фирқаи шиъаи имомия ва аз тасаввури махсуси он дар мавриди Ислом ва тафсири шиъа аз таърихи Ислом ва шарҳ додани дин таркиб ёфтааст ва ҳар ду тасвир бо якдигар зид ва аз якдигар гурезонанд.

Ва инак қазовату довариро ба ӯҳдаи ақли солим мегузорем, сипас ҳар касро ки Худованд ба ӯ ақли солим боинсофи ва фурсатимуносиб бахшидааст, барои итилоъ ёфтан аз таърихи инсонӣ фурсат намуда, ба роҳативу осонӣ метавонад доварӣ намояд, ки кадом тасвир шоистаи ин дин аст ва ба он мутобиқат менамояд, дине, ки Худованд ба тамоми ҷаҳониён ба унвони ҳидоят ва раҳмати мардум фиристодааст. Дине, ки иддаъо мешавад, ки дар ҳар замон шоистагӣ дорад, ки ба он амал карда шавад ва натиҷаҳои дурахшоне барои зиндагии инсон дорад, дине, ки бар ин бовар ҳаст, ки Паёмбаре, ки ин динро барои ҷаҳон овардааст, нисбат ба дигарон бештарин муваффақиятро дар талошҳои худ ба даст овардааст ва даврони ӯ дар таърихи ин дин ва даъват, шукуфотарин ва пурбортарин даврон будааст ва бояд бо таваҷҷӯҳ ба ақл ва нақл чунин бошад. Кадом тасвир беҳтар ва муфидтар ва ифтихори бузурге барои инсон аст? Инсоняте, ки дар бештари аҳвол таърихи он саршор аз чашм дӯхтан ба хӯрдану ошомидан, нозу неъмат, хушгузаронӣ ва ҷангидан дар роҳи аҳдофи шахсӣ ва қавмӣ ва талошу давидан барои ба даст овардани ба қудрату фармонравоӣ ва сипас истифода аз он дар хидмати манофеи шахсӣ ва судманд кардани бастагону пайравонашон мебошад. Дар даврони нахустини Ислом на танҳо зиндагии афрод бар пояи ғояҳои собит ва ҳидояти фарогир ва саодати инсоният барпо буд, балки ҷомеи инсонӣ ба таври комил, маданият, низоми ҳукумат ва шеваи зиндагӣ ҳама бар ин пояҳо устувор буданд ва

таърих аввалини даврони Ислом далелу мисдоқи сухане аст, ки халифаи рошид Умар ибни Абдулазиз дар яке аз муносибатҳо фармуда: *«Муҳаммад (с) ба унвони роҳнамо ва ҳидоятгар мабъус шуда буд ва ба боҷгир таҳсилдор ва молиётбигир фиристода нашуда буд»*[1].

Баръакси ин, тасвире, ки аз мусалмонони нахустин дар партави ақоиди шиъаи имомия ва баёноти онон дар баробари чашмҳо шакл пайдо менамояд, пурсишҳои зиёде дар дохили ҳар фарди фарҳангӣ ва ҳақфаҳм ба вуҷуд меоварад ва он ин аст, ки даъвати Исломӣ, вақте ки дар айёми шукуфоияш ба дасти даъватгари бузургаш натавонистааст таъсири амиқе дар зиндагӣ дошта бошад, вақте касоне ки ба ин даъват имон оварда буданд, натавонистанд бар зодаи ростин пойдор бимонад ва ба даъвати Паёмбарашон баъд аз вафот ва риҳлаташ аз дунё вафодор бимонанд ва пайравони Паёмбар (с) бар роҳи рост боқӣ намонданд, ҷуз чаҳор нафар, пас чӣ гуна мо метавонем, ки бипазирем, ки ин дин барои тазкияи вуҷуди инсоният ва таҳзиби ахлоқ шоистагӣ дорад ва метавонад инсониятро аз ваҳшигарӣ ва шақовату бадбахтӣ наҷот диҳад ва онро ба авҷу қуллаи инсоният бирасонад?

Фарз кунед, агар марде ба сифати намояндаи Ислом суханронии шево ва ҷозибе дар мавриди сидқу ҳақонияти Ислом дар яке аз пойтахтҳои кишварҳои ғарбӣ ва ё ғайримусалмон эрод менамояд. Дар аснои суханронӣ марде баланд мешавад ва сухани ӯро қатъ менамояд ва мегӯяд: Ту эй мард, беҳтар аст нахуст, худат ва динатро дар партави таърих баррасӣ кунӣ ва вақте натиҷаи талошҳои тоқатфарсои Паёмбаратон дар роҳи ин дин, ки бисту се сол тӯл кашид, ин будааст, ки фақат чаҳор ё панҷ нафар ба роҳи ӯ ҳидоят ёфтанд, ки баъд аз марги ӯ

[1] Китоби ал-Хироҷ-и имом Абуюсуф с 75.

ба дин побанд будаанд пас чӣ гуна шумо метавонед ғайримусалмонҳоро ба Ислом даъват кунед ва вақте ки мусалмон шаванд, чӣ чизе истиқомату пойдории онҳоро бар дин кафолат медиҳад? Оё мо метавонем посухи ин суолро бидиҳем?

## ИСТИҚОМАТУ ПОЙДОРИИ ХУМАЙНӢ БАР АҚОИДИ ШИЪА ВА ИЗҲОРИ ОН ВА ДАЪВАТ КАРДАНИ ОШКОРО БА ОН

Чанд сол пеш, вақте Хумайнӣ ба Инқилоби Исломӣ даъват кард ва бо сарнагун кардани низоми шоҳаншоҳии Паҳлавӣ ба қавли худаш Ҳукумати исломӣ таъсис кард ва асри наверо оғоз кард. Мардум таваққӯъ доштанд, ки ӯ барои ин ки даъваташ фарогир шавад ва мавриди писанд ва қабули мардум воқеъ шавад, саҳифаҳои ихтилофоти гузашта ва давомдори шиъа ва сунниро боз нахоҳад кард ва агар наметавонад онро аз китобаш пок кунад, ҳадди ақал он саҳифаҳоро дубора боз нахоҳад кард. Ҳамчунин интизор доштанд, ки агар Хумайнӣ бо таваҷҷӯҳ ба масолиҳи сиёсӣ наметавонад аз ақоиди фирқаи имомия изҳори бароат намояд, ҳадди ақал онро ошкор ва изҳор нахоҳад кард, балки аз чунон роҳбари динии шуҷоъ ва далере, ки бо ҷуръату шаҳомати худ ва қатъи назар аз паёмадҳои ногувор ва бо суханрониҳову тасреҳоти ҷаззоби хеш тавонист, ки тахти шоҳаншоҳии Паҳлавиро, ки бо фаровонии нерӯҳо ва тадбиру барномаҳои бузург барои таҳкими пояҳои ҳукуматаш дар ҷаҳон маъруф буд, вожгун намояд, интизор мерафт, то бар асоси баррасӣ ва фикри амиқаш барои ваҳдати муслимин ба хотири ҷуръати табииаш дар ошкор кардани ҳақ таъхир наварзад ва эълом дорад, ки инак ҷой барои ин муътақадоту боварҳо вуҷуд надорад ва ниёзе ба ин ақоид нест, ақоиде, ки теша ба решаи Ислом

мезанад ва Исломро дар дунё бадному беэътибор мекунад, ақоиде, ки монеи бузурге дар роҳи даъват кардани ғайри мусалмонҳо ба Ислом мебошад, ақоиде, ки натиҷаи тавтиаву дасисаи хатарноке аст, ки душманони Ислом дар қарни аввал ва аҳди саҳоба тарроҳӣ карда буданд, ақоиде аст, ки ангезаи гирифтани интиқоми шикаст ва инқирози низоми шоҳаншоҳии Империяи Эрон, ки садҳо сол идома дошт ва ба дасти мусалмонони Араб нобуд шуду аз байн рафт, онро ба вуҷуд оварда буд. Маъқул ин буд, ки Хумайнӣ бо сароҳат бигӯяд: Мо бояд гузаштаро фаромӯш кунем, то битавонем шавкату қудрати Исломро боз гардонда, вазъи кишварҳои исломиро ислоҳ намоем ва фасоди ҷомеаи Исломиро аз байн барем, то сафҳаи ҷадиде оғоз шавад, ки дар он тасвири гузаштаи Ислом ва вазъияти дурахшони феълимон сурат пайдо кунад ки дигар миллатҳои ҷаҳон дини Исломро бипазиранд. Вале баръакси ҳама орзуҳо ва шавоҳиду далелҳо рисола ва китобҳое, ки ба қалами ӯ нигошта шудаанд, ба дасти мардум расид, ки ӯ дар он бо тамоми қудрат ва сароҳат ҳамон ақоиди шиъаро баён мекунад. Китоби ӯ «Алҳукумату-л-исломия» ё «Вилояти фақиҳ» афкоре аз имомат ва аимма дарбар дорад, ки онҳоро ба мақоми Худоӣ ва улуҳият мерасонад ва собит менамояд, ки имомон аз ҳар Паёмбар ва фариштае афзал ва бартаранд ва ин ҷаҳони ҳастӣ мутеъ ва фармонбари онҳост ва ба тариқи таквин[1] тобеъ ва пайрави қудрату султаи онҳост. Ҳамчунин китоби «Кашф-ул-асрор»-и ӯ на танҳо, ки асҳоби Паёмбар (с) ва ба хусус хулафои сегонаро мавриди интиқод ва айбҷӯӣ қарор медиҳад, балки онҳоро ба боди носазо ва дашном мегирад ва суханоне дар бар дорад, ки метавон онҳоро ба мунҳариф гумроҳ ва

---

[1] Ал-Ҳукумату-л-исломия, саҳ. 52.

гумроҳкунанда, фоҷир, фосиқ ва маккору дасисабоз итлоқ кард.[1] Ин ҳар ду буъди мутазод дӯшодӯши даъвати ӯ ҳаракат мекунанд ва таълимоти пинҳонӣ нестанд ё ба сурати рисолаҳои махсус навишта шуда бошанд, балки чоп шуда, пахш гардидаанд ва дар дастраси ҳама қарор гирифтаанд.

## ҲОМИЁН ВА ШЕФТАГОНИ ХУМАЙНӢ ВА АҲАМИЯТ НАДОДАНИ ОНОН БА АҚИДА

Ин ду фикри Хумайнӣ (андешаи ӯ дар мавриди имомат ва аимма ва таъна задан ва муттаҳам кардани асҳоб ризвонуллоҳи алайҳим аҷмаъин) чизи пинҳонӣ нестанд, балки китобҳои ӯ дар Эрон ва хориҷ аз он бо шумори зиёде, ки ба садҳо ҳазор мерасад тавзеъ ва тақсим шудаанд. Бинобар ин интизор мерафт, ки даъвати ӯ дар миёни табақаи мусалмонони суннимазҳаб, ки аксари муслиминро ташкил медиҳанд мавриди писанд ва пазириш қарор нахоҳад гирифт, балки умед буд, ки ба таври қатъӣ даъвати Хумайнӣ рад карда шавад, ба хусус баъд аз ин ки инҳирофи ақоид ва асоси он ва мутазод будани он бо ақидаи асосии тавҳид, ки ақидаи уммати Исломӣ аст ва ақидаи мушорикат дар нубуват (ки натиҷаи қатъӣ ва мантиқии имомат ва имтиёзоти аимма мебошад) собит шуд. Ҳамчунин баъд аз ин собит шуд, ки ӯ шахсиятҳои асҳоби киром (р)-ро мавриди таън ва айбҷӯӣ қарор медиҳад, асҳобе, ки баъд аз Паёмбар (с) дар қалби мусалмонон болотарин ҷойгоҳро доранд ва бузургтарин муҳаббату бузургдошт баъд аз Паёмбар (с) нисори онҳо мегардад, онон ки даврони ҳукуматашон на танҳо сармашқ ва асри намунаи зиндагӣ дар таърихи

[1] Кашфу-л-асрор (форсӣ) саҳ. 112-114.

Ислом будааст, балки дар тамоми таърихи инсон дар тамоми ҷаҳон (дар партави таърихи муътабар ва мувассақ ва иттифоқи шаҳодатҳои муаррихони мусалмон ва ғайримусалмон) онҳо беҳтарин намунаи воло будаанд. Интизор мерафт, ки баъд аз ин ҳама Хумайнӣ парчамдори Инқилоби Исломӣ ва асосгузору падидоварандаи ҳукумати Исломӣ ва роҳбари намунавӣ назди мусалмонҳои суннӣ шумурда нашавад, вале он чи боиси таассуф ва тааҷҷуб мешавад ин аст, ки дар баъзе муҳитҳои муслимин ки парчамдори андеша ва фикри Исломӣ ҳастанд ва ба умеди шукуфоӣ ва пирӯзии Ислом мекушанд ва ба суи он даъват мекунанд, ӯро дар маҳалли Имоми мунтазар қарор дода ва нисбат ба ӯ чунон муҳаббате изҳор кардаанд, ки ба ҳудуди таъассуб расидааст, ки онҳо ба ҳеҷ ҳоле таҳаммул намекунанд, ки як калима ба унвони интиқоди ӯ бишнаванд. Дар воқеъ таҷриба ва мушоҳадаҳо ду чизро барои мо собит кардааст:

## АҲАМИЯТИ АҚИДА ДАР ИСЛОМ ВА НАТОИҶИ ХАТАРНОКИ ХУНУКНАЗАРӢ НИСБАТ БА ОН

1. Меъёри ситоиш ва накӯҳиш ва интиқод ва таъйид дар муҳитҳои зиёде Қуръон суннат ва сиҳҳати ақоид ва мазҳаб набудааст, балки ҳукумат сохтан ба номи Ислом ва расидан ба қудрат ё мутаваҷҷеҳ кардани хатару солиш ба сӯи империализми ғарбӣ ва эҷоди мавонеъ дар роҳи он кофӣ аст, ки фарде ки ин корҳоро мекунад, роҳбари маҳбуб ва намуна гардад.

2. Ақида назди насли фарҳангии ҷадиди мо то ҳадди хатарноке беаҳамият шудааст ва ин воқеияти нороҳаткунанда ва изтиробовар аст, зеро ақида ҳадди фосил миёни даъватҳои Паёмбарон ва аҳдофи талошҳои

онон ва миёни даъвати дигарон ва аҳдофе, ки онҳо аз кӯшишҳои худ доштаанд мебошад.

Ҳамин ақида аст, ки Паёмбарон ва ҷонишинони онон розӣ намешаванд, ки онро ба ҳеҷ қимате бифурӯшанд ва бо канор гузоштани он созиш намоянд, балки меъёри напазируфтан ва пазируфтан ва хуб донистан, зишт шумурдан ва шароити барқарории иртибот ва қатъи робита назди онҳо фақат ақида будааст. Ва ин дин ки то кунун бо сурату қолаби аслии худаш вуҷуд дорад бо вуҷуди ин ки мусалмонон заифанд – дар бақову пойдориаш мадюни истиқомат, салобат ва ҳамияту ғайрат дар мавриди ақидааст ва ҳомилон ва даъватгарони дин дар ин замина дар баробари ҳеҷ қудрат ё империяи бузурге таслим нашудаанд ва дар баробари ақида ё иддаои шубҳаноке сукут накардаанд, чӣ расад ба ин ки онро бипазиранд ва ё ба хотири маслиҳати дунявӣ барои Ислом ва муслимин ё ба тамаъи аз байн бурдани ихтилофот ва парокандагӣ бо он тавофуқ намоянд. Пойдорӣ ва истиқомати имом Аҳмад ибни Ҳанбал (вафоташ 241 ҳ) ва муқовамату сабри ӯ дар баробари шаллоқҳо, шиканҷаҳои зиндон ба хотири ин ки ақидаи махлуқ будани Қуръонро намепазируфт ва муқовамати ӯ дар муқобили ду ҳокими бузурги мусалмон, ки аз бузургтарин ҳуккоми он замон буданд ва онҳо Маъмун ибни Ҳорунаррашид ва Муътасим ибни Ҳоруна-р-рашид ҳастанд.

Ҳамчунин мухолифати имом Аҳмад Форуқи Сарҳиндӣ (р) маъруф ба Муҷаддиаи алфи сонӣ (дар Ҳинд) бо бузургтарин императори замонаш, император Акбар ва мухолифати Сарҳиндӣ бо ақидаи император, ки иддаои имомат, иҷтиҳод ва ваҳдати адёнро мекард ва идома додани имом бар ин мухолифат ва пофишориаш

бар он то даврони Ҷаҳонгир ва то ин ки маҷрои ҳукумати Муғул тағйир ёфт.[1]

Ин ду намуна барои истиқомату пойдорӣ дар ақида ва ҷӯшиши ғайрат барои дифоъ аз он мебошанд ва таърихи Ислом саршор аз достонҳои зебое аст, ки гуфтани сухани ҳақро дар баробари подшоҳи ситамгар бозгӯ менамояд. Ҳикоятҳои амал кардан ба ҳадиси «набояд бо итоати махлуқ аз Холиқ нофармонӣ шавад»-ро баён менамояд. Ин подшоҳи ситамгар мумкин аст салтанати шахсӣ бошад ва гоҳе ин подшоҳи ситамгар дар қолаби раъйи умуми мардум арзи андом менамояд ва гоҳе «Шӯҳрати умумӣ» аст ва дар баъзе вақтҳо ин подшоҳи ситамгар пирӯзиҳои фиребанда ва даъвоҳои пурсарусоддае ҳаст, ки дар ҳама ҷо мепечад ва таърих гувоҳӣ медиҳад, ки ҳолатҳои ахир беш аз ҳама чиз боиси гирифтор шудан ба фитна ва озмоиш мегарданд.

Воқеият ин аст, ки таълимоти ҳақиқии Ислом ва ақидаи солиму дуруст ду рудборе ҳастанд, ки маҷрои онҳо ба ҳеҷ ҳол тағир намекунад ва ҳеҷ вақт обашон ба умқу жарфои замин фурӯ намеравад, вале қудратҳои сиёсӣ ва даъватҳо ва ҳаракатҳо ҳама ба сони мавҷҳое ҳастанд, ки падид меоянд ва аз байн мераванд ва агар рудбор ба сӯи дуруст равон бошад ва об зулолу равонбахш бошад, хатаре надорад. Аммо агар фасод дар ақида рахна кунад пас маънияш ин аст, ки маҷрои дурусти рудбор тағйир кардааст ва ҷои оби зулолу софро оби олуда гирифтааст, бинобар ин ҷоиз нест, ки дар муқобили ҳеҷ даъват ё ҳаракате ё дар баробари ҳеҷ шукуфоӣ ва пешрафти кишваре ва дар муқобили ҳеҷ ислоҳи ҷузъии як ҷомеа ё дар баробари идаоҳо ва ваъдаҳои ислоҳи фасод, ки фарде бо он тазоҳур

[1] Ба китоби Риҷолу-л-фикр ва-д-даъват фи-л-Ислом. ҷ 3. Имом Сарҳиндӣ.

менамояд, бо вуҷуди фасоди ақида ва инҳирофу гумроҳӣ сари таслим фуруд овард.

Ин ҳақиқатест, ки рози бақои миллат ва маҳфуз монанди дин дар варои он пинҳон аст ва ҳақиқатест, ки уламову ҳофизони шариат ва суннатро дар ҳар асру замоне ором нагузоштааст ва дар баъзе вақтҳо онҳо барои анҷоми масъулият даст ба корҳое мезаданд, ки саранҷом ва паёмади хубе надошт ва ҳадиси шариф ба ҳамин маънӣ ишора менамояд «***Ин илмро аз пасояндагон ашхоси ростин ба дӯш мегиранд ки таҳрифи ифротиҳо ва чизҳои ноҳақе, ки ботилгароён ба он афзудаанд ва таъвили ҷоҳилонро аз он мезудоянд***»[1].

## ОМИЛҲОИ РАВОНӢ ВА СИЁСИИ ТАЪСИР

Ба хотири пирӯзии Хумайнӣ бар императории Муҳаммад Ризошоҳи Паҳлавӣ ва ончи ба сабаби ин инқилоб дар ҷомеаи эронӣ ба таври вижа падид омада буд ва шикасту навмедии Амрико, бузургтарин қудрати ҷаҳони имрӯз дар баъзе мароҳил ва он чӣ ки дар мавриди ҳаммоса ва ҷонфидоии ҷавонони эронӣ ҳикоят мешавад ва аз тарафи қишри бузурге аз ҷавонони мусалмон дар ҷаҳони Ислом аз инҳитоти пастравии ахлоқӣ, динӣ ва аз авзои бад ва мавозии заъфе, ки бар бисёре аз ҳукуматҳои мусалмон ва араб ҳоким аст ва шиори онҳо гардидааст, меноланд ва нороҳатанд ва ин ҷавонҳо ҳар шаҳомат ва баландпарвозиеро, ки исми Ислом бо он ҳамроҳ аст, дӯст медоранд ва шефтаи он мегарданд. Ба хотири ҳама ин асбоб онон Хумайниро дӯст медоранд ва меписанданд чунон ки дар гузашта Камол Отатурк маҳбуб буд ва Ҷамол Абунносир дар муҳитҳое, ки нажодпарастии

[1] Ба ривояти ибни Адий дар «ал-Комил фи-з-заъафо»

арабӣ дар он матраҳ буд, дӯстдоштаниву азиз буд ва то кунун низ баъзе роҳбарон ва ҳокимон дар баъзе муҳитҳое, ки суннатро ошкоро инкор мекунанд ва аҳодиси Паёмбар (с)-ро масхара мекунанд ва ба фаро гирифтани тамаддуни ғарбӣ ба таври комил даъват мекунанд ва афкори сотсиалистиро дар сар доранд, маҳбубу азизанд, вале Хумайнӣ то ҳадди зиёде мавриди муҳаббат ва бузургдошт қарор гирифтааст, зеро даъват ва суханони ӯ ранги динӣ ба худ доранд ва тарафдорони ӯ ба ҳаде расидаанд, ки вақте мавзӯи ақида матраҳ шавад, ба он чӣ ки ҳама уммат бар он иҷмоъ кардаанд, ишора карда шаваду ин меъёр арза гардад, тавони шунидани онро надоранд ва наздик аст, ки тавозуни худро аз даст бидиҳанд ва аз фарти нороҳатӣ ва хашм ба ҳади тундӣ ва зиштгӯӣ мерасанд. Ин падида барои ояндаи дин ва рӯҳи Ислом бисёр хатарнок ва нороҳаткунандааст ва ин дилсӯзӣ, ки бар пояи таҷрибаҳои амалӣ ва баррасиҳои шахсӣ устувор аст, моро маҷбур кард, то ин китобчаро ба риштаи таҳрир дарбиёварем.

﴿رَبَّنَا لَا تُزِغْ قُلُوبَنَا بَعْدَ إِذْ هَدَيْتَنَا وَهَبْ لَنَا مِن لَّدُنكَ رَحْمَةً إِنَّكَ أَنتَ الْوَهَّابُ﴾

**«(Бандагони солиҳу накӯкор) Мегӯянд эй Парвардигори мо, каҷ макун дилҳои моро баъд аз он ки роҳ намудӣ моро ва ато кун барои мо аз назди худ раҳмат, ҳароина Туӣ атокунанда».**

*Сураи Оли Имрон 8*

## САРЧАШМАҲОИ АРАБИЕ, КИ ДАР ТАЪЛИФИ ИН КИТОБ МАВРИДИ ИСТИФОДА ҚАРОР ГИРИФТААНД:

1. Ан-нубуввату ва-л-анбиё фи завъи-л-Қуръон Абулҳасан Алӣ Надвӣ.

Имоме, ки дар ҳаққи ӯ инсофу эътироф ба ҷо наоварданд. Абулҳасан Алӣ Надвӣ.

Ҳар гоҳ насими имон бивазад… Абулҳасан Алӣ Надвӣ.

Ҳарфҳои Иқбол. Абулҳасан Алӣ Надвӣ. Аз дарёи Кобул то дарёи Ярмук. Абулҳасан Алӣ Надвӣ.

Родмардони тафаккур ва даъват дар Ислом. Абулҳасан Алӣ Надвӣ.

2. Наҳҷу-л-балоға, Шариф Разӣ

3. Раҳбарони муслиҳ дар асри навин, доктор Аҳмад Амин

4. Зуҳа-л-ислом, доктор Аҳмад Амин

5. Зиндагонии Муҳаммад, Сайид Аҳмадхон

6. Табақоти Ибни Саъд, Ибни Саъд

7. Ар-Риёзу-н-назира фи фазоили-л-ъашара, Муҳиббуддин Табарӣ

8. Ҳиляту-л-авлиё, Абунуъайми Исфаҳонӣ

9. Сифату-с-сафва, Ибни Ҷавзӣ

10. Таърихи комил, Ибни Асир

11. Табақоти кубро, Ибни Саъд

12. Таърихи хулафо, ал-Ҷомиъу-л-кабир, Суютӣ

13. Ал-Форуқ, аллома Шиблӣ Нӯъмонӣ

14. Ал-Бидоя ван-ниҳоя, Ибни Касир

15. Таърихи Табарӣ, Муҳиббуддин Табарӣ.

16. Саҳеҳи Бухорӣ, имом Бухорӣ.

17. Канзу-л-ъуммол, Алӣ Муттақӣ ибни Ҳисомуддини Фаврӣ.

18. Китобу-л-хироҷ, Қозӣ Абуюсуф.

19. Оёти байинот, Амир Мӯҳсину-л-мулк.

20. Алъабқариёт, Аббос Маҳмуди Аққод.

21. Мадду-л-Ислом ва ҷазруҳу, Алтоф Ҳусайн Ҳолӣ.

22. Минҳоҷу-с-сунна, Ибни Таймия.

23. Фуруъу-л-кофӣ, Абуҷаъфар Муҳаммад Яъқуби Кулайнӣ Розӣ.
24. Усулу-л-кофӣ. Абуҷаъфар Муҳаммад Яъқуби Кулайнӣ
25. Кашф-ул-асрор, ҳукумати Исломӣ, Рӯҳуллоҳ Хумайнӣ.
26. Имом Хумайнӣ, даъват, ҳаракат ва афкори ӯ, Асъад ал-Килонӣ
27. Нузҳату-л-хавотир, аллома Абдулҳай Ҳуснӣ.
28. Ал-Ҷомиъу-с-саҳиҳ, имом Муслим.
29. Фатҳу-л-борӣ, аллома Ибни Ҳаҷари Асқалонӣ ал-Исобату фи тамйизи-с-саҳобати, аллома Ибни Ҳаҷари Асқалонӣ
30. Тарикату-н-набӣ ва-с-субулу-л-лати ваҷҷаҳаҳо фиҳо, имом Ҳаммод ибни Исҳоқ ибни Исмоъил.
Бо таҳқиқоту пажӯҳиши: доктор Зиё Амрӣ.
31. Ас-сунан, имом Абудовуд
32. Фаслу-л-хитоб фи исботи таҳрифи китоби Раббиларбоб.
33. Инқилоби Эрон, имом Хумайнӣ ва шиъа, Шайх Муҳаммад Манзури Нӯъмонӣ.
34. Ҳуҷҷату-л-лоҳи-л-болиға, имом Аҳмад ибни Абдурраҳими Деҳлавӣ.
Изолату-л-хафо ъан хилофати-л-хулафо, имом Аҳмад ибни Абдурраҳими Деҳлавӣ.
Ад-дуру-с-самин фи мубашшироти-н-набийи-л-амин, имом Аҳмад ибни Абдураҳими Деҳлавӣ.
35. Мақотили-т-Толибийин, Абулфараҷи Исфаҳонӣ.
36. Имом Содиқ, аллома Абузаҳра.
37. Вафиёту-л-аъён, Ибни Халакон.
38. Мишкоту-л-масобиҳ, аллома Валиюддин Муҳаммад ибни Абдуллоҳ Хатиби Табризӣ.

## САРЧАШМАҲОЕ ИНГЛИСИЕ, КИ ДАР ТАЪЛИФИ ИН КИТОБ АЗ ОНҲО ИСТИФОДА ШУДААСТ

## BIBLIOGRAPHY (ENGLISH)

**Arnold, T. W.:** Preaching of Islam. London, 1935 - Islamic Faith, London.

**Askary Jafery:** (tr) Peak of Eloquence (Nahjul Baiagha), Bombay, 1979.

**Amir Ali, Justice:** The Spirit of Islam, London, 1922 - A Short History of the Saracens, London, 1955. Caetani: Annali dell'Islam, Vol. II.

**Christensen A. L:** Iran Sous les Sassanides, Paris, 1936.

**Gibbon, Edward:** The History of the Decline and Fall of Roman Empire, London, 1911, Vol. V.

**Gibbs, H. A. R. and J. H. Kramer:** Shorter Encyclopaedia of Islam, Leiden. 1953.

**Hitti. Phillip K.: A** Short History of the Arabs, London, 1953.

**Hughes, Thomam Patrick:** Dictionary of Islam, London, 1885, p. 574.

**Lane and Lane - Poole:** Selections from the Quran, London, 1879.

**Muir, Sir William:** Life of Mohammad London, 1912 - Annals of the Early Caliphate, London, 1882.

**Smith Bosworth:** Mohammad and Mohammadanism, London, 1874. Wherry, E. M.: A Comprehensive Commentary on the Qur'an, London, 1986, Vol. I.

# МУНДАРИҶА

ПЕШГУФТОРИ НОШИР....3
СУХАНЕ РОҶЕЪ БА ИН КИТОБ....4
ЧАҲОР ШАРТ БАРОИ ДИНИ ҶОВИДОНӢ ВА ҶАҲОНИИ ИСЛОМ:....7
МУҚАДДИМА....8
ЗЕБОТАРИН СИМОИ ИНСОНИЯТ ДАР ҶАҲОН МИЛЛАТЕ, КИ ДОРОИ СИФОТИ ХОКӢ ВА НУРӢ МЕБОШАНД....19
СУХАНОНИ НАВИСАНДАИ БУЗУРГИ ИСЛОМӢ ҚОЗӢ САЙИД АМИР АЛӢ....24
ГУВОҲИИ СЕР ВИЛЙЯМ МЕЙУР....26
ЗИНДАГӢ ЗОҲИДОНАИ ХУЛАФО ВА ҶОНИШИН НАКАРДАНИ ОНҲО КАСЕ АЗ ХОНАВОДААШОНРО....31
ГАШТУ ГУЗОРИ РАСМИИ ҲАЗРАТИ УМАР (Р) ВА САФАРАШ БА ШОМ....35
ҲАМКОРИИ АЛӢ (Р) БО ХУЛАФОИ СЕГОНА....37
ИРТИБОТУ АЛОҚАИ АҲЛИ БАЙТ ВА АСҲОБИ КИРОМ БО ЯКДИГАР РАЗИЯЛЛОХУ АНҲУМ....40
ТАСВИРИ ЗЕБО АЗ ДАВРОНИ АСҲОБ БА ҚАЛАМИ ШОЪИРИ БУЗУРГИ ҲИНД АЛТОФ ҲУСАЙНИ ҲОЛӢ....43
ДАЛЕЛИ ПАЗИРОИИ СИРИШТИ ИНСОНӢБАРОИ ТАЛОШҲОИ ИСЛОҲ ВА ИФТИХОРИ БУЗУРГИ ИНСОНИЯТ:....45
СИМОИ МУШАВВАҲ ВА ТОРИКЕ, КИ ШИЪА АЗ ДАВРОНИ НАМУНА ВА НАСЛИ АВВАЛИ ИСЛОМӢ БА ТАСВИР МЕКАШАД....47
ХУМАЙНӢ ВА ГУФТАҲОЯШ....49
ТАҲЛИЛИ РӮШАН ВА САРИҲИ АМИР МӮҲСИНУ-Л-МУЛК....51
СУХАНИ ШАЪБӢ ДАР МАВРИДИ ШИЪА....52
МУҚОИСАИ АСҲОБИ ПАЁМБАР (С) БО ДУНЁПАРАСТОН ВА САРКАШОНЕ, КИ БА ҲУКУМАТ ВА РАЁСАТ ЧАШМ ДӮХТАНД....53
ФАРҚ БАЙНИ ПАЁМБАРИ ИН ДИН БО ҲОКИМОНИ СИЁСӢ ВА ҶАНГҶӮЁНИ КИШВАРКУШО ВА УЛГӮИ НАБАВӢДАР МАВРИДИ ХЕШОВАНДОН ВА АФРОДИ ХОНАВОДА....55
ДАР ХАТАРҲО ПЕШОПЕШ ВА АВАЛ АЗ ҲАМА ВА ДАР МАНОФЕЪ ОХИР АЗ ҲАМА....59
НАҶОТ ВА ПЕШРАФТ ДАР ИСЛОМ БАСТАГӢБА КИФОЯТ ВА ТАЛОШИ ШАХСӢ ДОРАД....62
ҲУКУМАТИ БУЗУРГИ ИЛОҲӢ ДАР ТАРТИБИ ХУЛАФО ВА ДАР РАФТОРИ ХУДОВАНД БО АҲЛИ БАЙТ....65
ГУВОҲИИ МУАРРИХИНИ ҒАЙРИ МУСАЛМОН....68
АҚИДАИ ФИРҚАИ ШИЪАИ ДУВОЗДАҲИМОМА ДАР МАВРИДИ ҚУРЪОН ВА ГУФТАҲОИ ЭШОН:....70
КАМТАВАҶҶӮҲӢ БА ҚУРЪОНИ КАРИМ....72
ДАЛИЛЕ БАРОИ МУНКИРОН....73
ИҚТИБОСОТЕ, КИ АҚОИДИ ФИРҚАИ ИМОМИЯРО РУШАН МЕНАМОЯД....74
ЭРОНИ ҚАДИМ ВА БОЗТОБИ АҚОИДИ ОН....76
АҚИДАИ ИМОМИ ҒОИБ....77
МАЗҲАБИ ХУМАЙНӢВА АҚИДААШ ДАР МАВРИДИ АИММА....78

НАЗАРИ ШАЙХУЛИСЛОМ ИМОМ АҲМАД ИБНИ АБДУРРАҲИМ ДАР МАВРИДИ АҚИДАИ ИМОМАТ ........ 79
ТАЗОҲУР БА МАДДОҲӢ АЗ ПАЁМБАР (С) ВА СИТОИШ БИДУНИ АНДЕША АЗ АҲЛИБАЙТ ВА ОММА ........ 80
ТАСВИРИ ТАВҲИНОМЕЗ ВА МАЪЮСКУНАНДАИ ШИЪА АЗ АҲЛИ БАЙТ ........ 82
РАФТОРИ АҲЛИ БАЙТ ДАР ОИНАИ ТАЪРИХ ДУ ТАСВИРИ БО ҲАМ ЗИД АЗ ИСЛОМ ВА МУСЛИМИН ДАР АҲДИ НАХУСТИНИ ИСЛОМ ........ 92
ИСТИҚОМАТУ ПОЙДОРИИ ХУМАЙНӢ БАР АҚОИДИ ШИЪА ВА ИЗҲОРИ ОН ВА ДАЪВАТ КАРДАНИ ОШКОРО БА ОН ........ 95
ҲОМИЁН ВА ШЕФТАГОНИ ХУМАЙНӢ ВА АҲАМИЯТ НАДОДАНИ ОНОН БА АҚИДА ........ 97
ОМИЛҲОИ РАВОНӢ ВА СИЁСИИ ТАЪСИР ........ 101
САРЧАШМАҲОИ АРАБИЕ, КИ ДАР ТАЪЛИФИИН КИТОБ МАВРИДИ ИСТИФОДА ҚАРОР ГИРИФТААНД: ........ 102
САРЧАШМАҲОЕ ИНГЛИСИЕ, КИ ДАР ТАЪЛИФИ ИН КИТОБ АЗ ОНҲО ИСТИФОДА ШУДААСТ ........ 105

# صُورَتَانِ مُتَضَادَّتَانِ

عند

## أَهْلِ السُّنَّةِ وَالشِّيعَةِ الإِمَامِيَّةِ

لِنَتَائِجِ جُهُودِ الرَّسُولِ ﷺ الدَّعَوِيَّةِ وَالتَّرْبَوِيَّةِ
وَسِيرَةِ أَصْحَابِهِ رَضِيَ اللهُ عَنْهُمْ

تأليف
أَبِي الحَسَنِ عَلِيٍّ الحَسَنِيِّ النَّدْوِيِّ